Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ 7

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи
7-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

*Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба нашр тавсия намудааст*




ТОШКАНД – 2022

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 811.222.8(075.3)
КБК 81.2(5Тож)я72
Ч 78

**Таваккал Чориев, Гулноза Адашуллоева**

*Муҳаррири масъул:*

**Марҳабат Истамова,** – номзоди илмҳои филология, дотсент

*Муқарризон:*

| | | |
|---|---|---|
| **Ғайрат Раҳимқулов** | – | доктори фалсафа оид ба фанҳои филология (PhD), дотсенти кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов; |
| **Сабоҳат Маҷидова** | – | доктори фалсафа оид ба фанҳои филология (PhD), дотсенти кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов; |
| **Мижгона Ходжаева** | – | омўзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби таълими миёнаи умумии рақами 19-уми ноҳияи Пасдарғоми вилояти Самарқанд; |
| **Норбоева Ҳилола** | – | омўзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби таълими миёнаи умумии рақами 37-уми ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд; |
| **Ҳотамова Мушарраф** | – | омўзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби таълими миёнаи умумии рақами 37-уми ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд. |

## Аломатҳои шартӣ

– Кор бо гурўҳ
– Кори лоиҳавӣ
– Мафҳумҳои лингвистӣ
– Савол ва супориш
– Танвири афкор
– Тест
– Фаъолияти эҷодӣ
– Чархи ақл
– Такмили саводи имлоӣ

Макети оригиналӣ ва консепсияи дизайнӣ аз ҷониби хонаи эҷодии табъу нашри «Oʻzbekiston» коркард шудааст.

Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби Республика чоп шудааст.

ISBN 978-9943-8373-6-2

© Маркази таълими Республика, 2022

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУНДАРИҶА

## БОБИ I. ЗАБОН ВА ҶОМЕА


Мавзӯи 1. Густариш ва рушди забони адабӣ дар замони истиқлол ....6
Мавзӯи 2. Интернет – бузургтарин пойгоҳи иттилоотӣ ....10
Мавзӯи 3. Таъбироти халқӣ ва одоби муошират ....13
Мавзӯи 4. Пеш аз гуфтор бояд андешид ....15


## БОБИ II. ОЛАМИ ТАБИАТИ РАНГИН


Мавзӯи 5. Некномии одам – аз адаб ....19
Мавзӯи 6. Тирамоҳ ....20
Мавзӯи 7. Тӯтии сухангӯ ....22
Мавзӯи 8. Паланги туронӣ ....25
Мавзӯи 9. Ҷавоби салом ....27


## БОБИ III. АҚЛИ СОЛИМ – ДАР ҶИСМ СОЛИМ


Мавзӯи 10. Ҳикмати об ....30
Мавзӯи 11. Чойи кабуд – давои бемисл ....32
Мавзӯи 12. Беҳтарин ва бадтарин аъзо ....34
Мавзӯи 13. Узвҳои бадани одам ва ҳифзи саломатӣ ....39
Мавзӯи 14. Мева ва маҳсулоҳоти пурвитамин ....43
Мавзӯи 15. Асал ва хусусиятҳои шифобахшии он ....49
Мавзӯи 16. Дар баёни гӯштигирон ....53
Мавзӯи 17. Такрорӣ ....57


## БОБИ IV. КАСБИ МАН – ФАХРИ МАН


Мавзӯи 18. Омӯзгорӣ – касби пуршараф ....61
Мавзӯи 19. Ҳунар – беҳ аз симу зар ....64
Мавзӯи 20. Касбу ҳунарҳои мардумӣ ....70
Мавзӯи 21. Ҳунар – беҳ аз моли падар ....74
Мавзӯи 22. Бе ранҷ наояд ба даст ганҷ ....77
Мавзӯи 23. Тилло дар оташ, одам дар меҳнат маълум мешавад ....80
Мавзӯи 24. Меҳнат кунӣ, роҳат мебинӣ ....84
Мавзӯи 25. Одами бекор – дарахти бебор ....90
Мавзӯи 26. Шахси ҳунарманд – ҳамеша болонишину соҳибэҳтиром ....92
Мавзӯи 27. Имлои ҷонишин ....97
Мавзӯи 28. Такрорӣ ....99




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## БОБИ V. ИҚТИСОДДОНИ ҶАВОН

Мавзӯи 29. Менеҷер ва рафтори он дар ҷомеа ............................ 104
Мавзӯи 30. Соҳибкорӣ ва бизнес ..................................................... 107
Мавзӯи 31. Буҷети минималии мардум ё худ сабади истеъмолӣ ..................................................................... 110
Мавзӯи 32. Фаъолияти бозаргонӣ ва даромади иқтисодӣ ............. 113
Мавзӯи 33. Бозори коғазҳои қимматнок ......................................... 118
Мавзӯи 34. Кирмакпарварӣ ............................................................. 120
Мавзӯи 35. Қоидаҳои ахлоқӣ ва одоби муошират .......................... 124
Мавзӯи 36. Давоми мавзӯъ ............................................................. 126
Мавзӯи 37. Обуҳавосанҷӣ ва аҳамияти он ....................................... 128
Мавзӯи 38. Таҷҳизоти техникии муошират ...................................... 132
Мавзӯи 39. Имлои зарф .................................................................. 133
Мавзӯи 40. Такрорӣ ......................................................................... 135

## БОБИ VI. ИЛМ ВА ТЕХНОЛОГИЯ

Мавзӯи 41. Асри XXI – асри информатика ва технологияҳои иттилоотӣ ..................................................................... 140
Мавзӯи 42. Шабаки компютерӣ ........................................................ 144
Мавзӯи 43. Китоб – сарчашмаи дониш ............................................ 147
Мавзӯи 44. Насиҳати модар ............................................................ 150
Мавзӯи 45. Некӣ инсонро ба бузургӣ мерасонад ............................ 153
Мавзӯи 46. Такрорӣ ......................................................................... 155

## БОБИ VII. ТАЪРИХИ ПУРАСРОР

Мавзӯи 47. Ривоят дар бораи ангуштарини Сулаймон ................... 157
Мавзӯи 48. Дӯстию рафоқати халқҳои тоҷику ӯзбек ........................ 159
Мавзӯи 49. Ду халқи аз азал ёру бародар тоҷику ӯзбек! ................ 163
Мавзӯи 50. Дуди ҳазориспанд ......................................................... 167
Мавзӯи 51. Мевае ширинтар аз фарзанд набвад дар ҷаҳон ......... 170
Мавзӯи 52. Зебогии инсон дар ботини ӯст ...................................... 174
Мавзӯи 53. Имлои пайвандак .......................................................... 177
Мавзӯи 54. Такрорӣ ......................................................................... 179

## БОБИ VIII. САНЪАТ ВА МАДАНИЯТ

Мавзӯи 55. Шашмақом – маҷмӯи савту таронаҳои силсилавии мусиқӣ ........................................................................ 182
Мавзӯи 56. «Соқинома» – як намуди шеъру суруд ва рақс ......... 187
Мавзӯи 57. «Рост» – мақоми дуюм аз силсилаи «Шашмақом» ............................................................... 190
Мавзӯи 58. Рақсҳои классикии миллӣ ............................................ 192
Мавзӯи 59. Маданияти либоспӯшӣ ва риояи тартиботи он дар зиндагии рӯзмарра ............................................................ 194
Мавзӯи 60. Сохту таркиб ва имлои ҳиссача .................................... 195
Мавзӯи 61. Такрорӣ ......................................................................... 197



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## БОБИ IX. КОМИЛҲУҚУҚИИ ИНСОН

Мавзӯи 62. Ҳуқуқҳои инсон ....................201
Мавзӯи 63. Сазои хубӣ ....................204
Мавзӯи 64. Бемор ва меҳри модар ....................206
Мавзӯи 65. Такрорӣ ....................209
Мавзӯи 66. Дар санҷида гуфтан ....................213

## БОБИ X. ТАКРОРИ СОЛОНА

Мавзӯи 67. Забони модарӣ ....................215
Мавзӯи 68. Ҳамроҳ ба гардиш баромадем....................216



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ I. ЗАБОН ВА ҶОМЕА

## МАВЗӮИ 1. ГУСТАРИШ ВА РУШДИ ЗАБОНИ АДАБӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ




Забони тоҷикӣ имрӯз вазифаи таърихии худро беш аз пеш беҳтар ба иҷро расонида истодааст. Он барои насли наврас воситаи бебадали инкишофи шуур ва тафаккур, барои ҳамагон воситаи мубодилаи афкор ва муомилоти моддию маишӣ, барои миллат воситаи вусъати маънавиёт ва илму фарҳанг мебошад.

Бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки ҳама гуна фаъолияти инсон ва ҷомеа тавассути забон сурат мегирад. Ба ибораи дигар, забон воситаи муҳимтарин таҳаввулоти ҷомеа мебошад. Бесабаб нест, ки мутафаккири бузург Мирзо Абдулқодири Бедил фармуда, ки аз ибтидо то интиҳо ҳама кори олам дар ҳукми сухан (забон) аст:

Аз азал то абад чӣ нав, чӣ куҳан,
Буд маҳкум иқтидори сухан.

1. Забон бақои миллат аст!
2. Забони миллат – ҳастии миллат.
3. Забони мо – ҳастии мо.

Матнро хонед, порчаи шеърӣ ва гуфтаҳои бузургонро мазмунан маънидод намоед. Аз таркиби матн феълҳоро муайян кунед ва ба зераш хат кашед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Имрӯз илми ҷомеъшиносӣ исбот кардааст, ки яке аз аломатҳои муҳими шинохти миллат мавҷудияти забони адабӣ мебошад. Барои ҳамчун миллат шинохта шудани ҳар халқият чаҳор омили иҷтимоӣ зарур аст, яъне халқ бояд:

– дорои сарзамини аҷдодӣ бошад;

– дорои истеҳсолоти моддӣ бошад;

– соҳиби забони адабӣ бошад;

– дорои анъанаҳои миллӣ, суннатҳои хоси маданиву фарҳангӣ бошад.

Узвҳои ҳис дар кадом банд дуруст нишон дода шудааст?

а) меъда, сурхрӯда, шуш
б) забон, гӯш, бинӣ, пӯст, чашм





Ба ибораи дигар гӯем, дар ҳар халқ, ки даъвои мақоми миллатро дорад, бояд ватани худ, нони худ, забони худ ва маданияти худро дошта бошад. Бидуни яке аз ин омилҳо миллат вуҷуд дошта наметавонад.

Забон аломати барҷастаи тафаккур ва маданияти миллист. Мероси гаронбаҳову нотакрори фарҳанги миллат дар забони модарӣ ифода мегардад.

Дар забони модарӣ услуби тафаккури мантиқии бузургони мо, суннатҳои миллӣ, урфу одатҳои мардумӣ, одоби тоҷикон ифода ёфтааст. Забони модарӣ, одоби моро асолат мебахшад, бо ниёгон мепайвандад, поси хотири волидайнро меомӯзад.

*А. Абдуқодиров*

Матнро хонед, пас аз он андешаҳои хешро оид ба рушд ва мавқеи забони тоҷикӣ баён намоед.

Аз таркиби матнҳои шиносшуда, калимаҳои бо ҳарфҳои мушабеҳ навишташударо муайян намуда, ба дафтар рӯбардор намоед ва машқи талаффуз кунед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

Мутахассис ва олими илми забонро забоншинос меноманд. Ӯ бо омӯзиш ва таткиқи илми забон шуғул меварзад. Бароямон китобҳои дарсии забон, фарҳангҳои филологию энсиклопедӣ, китобҳои зарбулмасалу мақолҳо, қоидаҳои имло ва ғайраро меофарад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Олими забоншинос шахси нуктадонанд. Тобишҳои маънои̣, сохту таркиб, интихоб ва мавриди корбасти калима, ибора ва ҷумлаҳоро хуб медонад. Лутфу каломашон қалбро пурсурур, дидаҳоро пурнур мегардонад.

Бунёди ҳар забонро захираи луғавӣ ва сохти грамматикӣ ташкил медиҳад. Калимаҳо, таркибҳо, ибораю ҷумлаҳои рехта (воҳидҳои фразеологӣ) мафҳумҳои ашё, аломат, амалу ҳолатро, ки дар муҳити кору зиндагии инсон вуҷуд доранд, ифода мекунанд.

Калимаҳо ганҷинаи бебаҳои зеҳнии гузаштагони мост, ки бо заҳмат эҷод намуда, дар асарҳои илмию бадеӣ ба кор бурда, дар луғату фарҳангҳо ба низом даровarda, тафсир намуда, ба наслҳои имрӯза ба мерос гузоштаанд. Қисми зиёди ин сарват калимаю истилоҳоти қадимаю имрӯзаи худианд.

| | |
|---|---|
| ЗАБОНИ АДАБӢ | Забони китобатии умумихалқӣ, ки меъёрҳои муайян дорад. |
| ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ | Забоне, ки чун қоида мутобиқи қонуни асосии мамлакате ҳамаи корҳои давлатию маъмурӣ, фарҳангу маориф ва ғайра ба он бурда мешавад. |
| ЗАБОНИ МОДАРӢ | Забоне, ки инсон аз кӯдакӣ ба модару атрофиёнаш тақлид карда, ёд гирифтааст. |

Ҳамчун забоншиноси ҷавон илова ба калимаи забон ҳаргуна калимаҳо тартиб диҳед.

| | 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|---|
| З | ОМӮЗ | ШИНОСӢ | ФАҲМ | БАСТА |
| А | ОМӮЗӢ | КӮТОҲ | ДОН | БОЗ |
| Б | ДОН | ЧАРБ | ТЕЗ | ВАР |
| О | ДОНӢ | ЧА | ХАТ | ДОР |
| Н | ШИНОС | Ӣ | ФУРӮШ | БАНД |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Суханҳои пурҳикматро хонед ва пас аз он фикру мулоҳизаҳои хешро баён намоед.

1. Суханронии ду нафарро гӯш макун.
2. Якрав ва бадсухан мабош.
3. Бо ҳама рафтори накӯ бикун.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо матн шинос шавед ва ба бачаи варзишгари ғолиб нома нависед. Сипас калимаҳои шарҳшударо ба «Дафтарчаи луғат» рӯбардор кунед.

## Нома ба бародар



Бародари азизам, Саломҷон! Умедворам, ки солим ва тандуруст бошӣ ва тавре таҳсил кунӣ ва дарс бихонӣ, ки роҳбарони мӯҳтарами дабистон аз ту розӣ бошанд ва ахлоқу рафторат ҳам мавриди писанди эшон воқеъ гардад. Зеро ҳар қадар ки шахс таҳсил кунад, агар бадахлоқ ва бадкирдор бошад, мавриди эҳтиром воқеъ намешавад. Баръакс, агар шахс таҳсил кам ҳам накунад, вале хушахлоқ бошад, дар миёни мардум мӯҳтарам ва ба некномӣ зиндагӣ хоҳад кард.

Барои дур мондан аз аҳли зишт ва нописанд бояд аз ҳамнишинӣ аз ашхоси паст ва бадахлоқ парҳез кард, зеро ахлоқи зишти онҳо дар вуҷуди эшон падидор мешавад. Ҳамчунин дуруғгӯ одамиро ба дуруғгӯйӣ водор мекунад ва ҳам сӯҳбати танбал инсонро ҳамранги худ месозад. Чунонки гуфтаанд:

Писари Нӯҳ бо бадон биншист,
Хонадони нубувваташ гум шуд.

**Луғат:**

**Неъмат** – мол, боигарӣ
**Хоста** – сарвату боигарӣ
**Моя** – сармоя
**Пироя** – зебу зиннат, ороиш
**Хомун** – саҳро, водӣ
**Нубувват** – пайғамбарӣ
**Нӯҳ** – пайғамбар алайҳиссалом





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 2. ИНТЕРНЕТ – БУЗУРГТАРИН ПОЙГОҲИ ИТТИЛООТӢ



Интернет гуфта шабакаи куллан фарогири компютериро меноманд. Худи мафҳум маънои «байнишабакаҳо»-ро дорад. Ин шабакаест, ки дигар шабакаҳои алоҳидаро ба ҳам мепайвандад. Сохтори мантиқии интернет иттиҳоди ба худ хоси виртуалиест, ки фазои ба худ хоси иттилотӣ дорад.

Интернет табодули ахборро байни тамоми компютерҳое, ки ба шабака дохил мешаванд ва ба он пайвастанд, таъмин мекунад. Навъи комютер ва чигунагии системаи амалиёти компютер муҳим нест.



Ба ҳам пайвасташавии шабакаҳо имкониятҳои бузург дорад. Тавассути компютери худ ҳар як абоненти интернет метавонад ба дигар шаҳрҳо ахбор фиристад, каталоги китобхонаҳои мамлакатҳои гуногунро аз назар гузаронад, бо муҳоваракҳои охирин пажӯҳишгоҳҳо, осорхонаҳои ҷаҳонон шинос шавад.




Матнро хонед ва дар хусуси имкониятҳои интернет фикр баён кунед.

Вобаста ба мазмуни матн саволҳо тартиб диҳед.

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Калимаҳои байналмилалии интернет ва компютер аз кадом забон бо мурури замон ба забони тоҷикӣ ворид гаштааст?
2. Интернет гуфта чиро дар назар доред?
3. Интернет барои чӣ лозим аст?
4. Бо истифода аз интернет ба яке аз дӯст оё паём фиристода метавонед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Калимаҳои сархати охиринро гурӯҳбандӣ кунед.

| ИСМ | СИФАТ | ФЕЪЛ |
|---|---|---|
| • | • | • |
| • | • | • |
| • | • | • |

Матнро хонед ва ба воситаи саволу ҷавоб мазмунашро равшан намоед.

Дар конфронсҳо ширкат варзад ва даҳҳо бо абонентҳои дигар мамлакатҳо бозиҳои мухталиф гузаронад. Интернет ба ихтиёри ниёзмандонаш боз бисёр дигар манбаъҳои машғулиятҳои гуногунро вомегузорад. Ячейкаҳои асосии интернет – шабакаҳои ҳисоббарории маҳаллӣ (локалӣ) мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки интернет на фақат байни компютерҳои алоҳида алоқа барқарор мекунад, балки барои ба ҳам пайвастани воҳидҳои боз ҳам калонтар – яъне гурӯҳи компютерҳо роҳ мекушояд. Дар сурати бевосита пайваст будани як ҳиссаи шабакаи маҳаллӣ ба интернет ҳар як истгоҳи кории ин шабака ҳамчунон метавонад бо интернет пайваст шавад.

Ба ҷузъ боз компютерҳое мавҷуданд, ки ба интернет мустақилона пайваст шудаанд, ки онҳоро хост – компютер меноманд, ки ҷузъи муайяншавандааш калимаи англисӣ «host» буда, маънояш хӯҷаин аст. Ҳар як комютери ба шабака пайвастшуда нишонии худро дорад, ки аз рӯйи он абонент аз ҳар канори рӯйи олам онро ёфта метавонад.

Аз чанд ҷумла иборат будани матни ба интернет ва имкониятҳои он алоқамандро гӯед.

Калимаҳои сархати охиринро гурӯҳбандӣ кунед.

| ИСМ | СИФАТ | ФЕЪЛ |
|---|---|---|
| • | • | • |
| • | • | • |
| • | • | • |
| • | • | • |
| • | • | • |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Матнро хонед ва ба гурӯҳҳо тақсим шуда, саволу ҷавоб кунед.




Мо ҳама бо сабабҳои зиёд аз интернет вобастаем. Аз дастрасӣ ба вебсайтҳои хабарӣ то навсозии худ дар бораи воқеаҳои ҷорӣ ва иртибот бо ҷаҳон, мо ба он такя мекунем. Новобаста аз он ки истифодаи як шабакаи иҷтимоӣ ё мубодилаи рӯйдодҳои атрофи мо ё истифодаи баъзе барномаҳо барои пайвастшавӣ бо наздикони худ, инчунин, дастрасӣ ба маълумот ё фароғати худ метавон таъкид сохт, ки интернет интихоби аввалини мост. Мо ин технологияро барои фармоиш додани хӯрок, харидани либос, хондани китобҳо ва бозиҳои онлайнӣ истифода мебарем. Ба туфайли интернет, бо як клик, мо метавонем, ба ҳамаи он чизе, ки майл дорем, аз масъалаҳои молиявӣ то нигоҳубини тиббӣ дастрас кунем. Ин технология, бешубҳа, ба ҷомеа таъсири мусбат расонидааст.

Интернетро метавон ҳамчун воситаи дастрасӣ, ирсол ва қабули иттилоот ва инчунин, анҷом додани корҳои зиёде арзёбӣ кард. Ин технология як анбори иттилоот ва шояд бузургтарин пойгоҳи иттилоотиест, ки ба осонӣ барои ҳама дар ҷаҳон дастрас аст.

Интернет баъзе воситаҳои муассиртарини муоширатро пешкаш мекунад. Почтаи электронӣ ва паёмнависии фаврӣ муоширати онлайниро имконпазир месозад. Шабакаҳои иҷтимоӣ, вебсайтҳои блогнависӣ ва форумҳои чат беҳтарин ҷой барои изҳори назар мебошанд. Бисёр одамон аз қисматҳои гуногуни ҷаҳон метавонанд, тавассути интернет якҷо кору фаъолият намоянд. Онҳо метавонанд дар интернет андешаҳо ва иттилооти худро мубодила карда, бо ҳамдигар ҳамкорӣ кунанд.



**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Аз таркиби матн калимаҳои ҳамчун истилоҳии шабакаҳои иттилотӣ, интернет ва таҷҳизотҳои техникии корбастшударо муайян намоед, сониян ба дафтар рӯбардор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 3. ТАЪБИРОТИ ХАЛҚӢ ВА ОДОБИ МУОШИРАТ

Забон ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ воситаи алоқа ва муносибатҳои байни одамон мебошад, ки он пеш аз ҳама, дар муошират ба назар мерасад. Дар забони тоҷикӣ як қатор таркиб, ибора ва ҷумлаҳое мавҷуданд, ки одамон онҳоро дар мавридҳои муайян ҳамчун ифодаҳои пурмаъно, хайрхоҳона ва самимӣ истифода менамоянд.

Донистан ва мавридшиносона истифода кардани таъбироти урфӣ нишони боодобӣ, хирадмандӣ ва маданияти шахс аст. Масалан, дар мавридҳои зерин чунин таъбирҳо ба кор бурда мешавад:

1. Пеш аз сафар: – сафар бахайр.
   Дар ҷавоб: – мурод ҳосил.
2. Ҳангоми рӯ ба рӯ омадан: – ассалому алайкум.
   Дар ҷавоб: – ваалайкум ассалом.
3. Ҳангоми омадан ба сари кор: – монда нашавед (набошед).
   Дар ҷавоб: – саломат бошед, бо дуои Шумо.
4. Ҳангоми атса задан: – саломат бошед (пир шавед).
   Дар ҷавоб: – ташаккур.
5. Ҳангоми қабули меҳмон: – хуш омадед, хонаи мо хонаи шумост, чун дар хонаи худ бошед.
6. Ҳангоми гусел ба сафар: – сафаратон ба хайр бошад, сиҳат рафта, саломат оед.
7. Ҳангоми пӯшидани либоси нав: – муборак шавад, пӯшида даронед.

Ҳангоми муошират боз чӣ гуна суханҳо гуфта мешавад? Фикр кунед ва нависед.

Бо навиштани якчанд мисолҳо ба савол ҷавоб баргардонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Ҳикояе дар бораи Ҳорунаррашид

Оварданд, ки вақте Ҳорунаррашид хобе дида буд, ки дандонҳои ӯ рехта буд ва аз даҳон берун афтода. Аз муъаббире пурсид.

Гуфт: «Зиндагии амиралмӯъминин дароз бод, ки ақрабои ту бимиранд». Ҳорун бағоят биранҷид ва бифармуд, ки ӯро сад чӯб бизананд ва муъаббири дигар ҳозир оваранд ва аз вай пурсид.

Ӯ гуфт: «Далел кунад, ки амиралмӯъмининро умр дароз хоҳад буд ва дар давлат ва хилофат беш аз ақрабо зиндагӣ ёбад».

Ҳорунаррашид хушдил шуд, гуфт: «Ҳамон чиз ҳақ аст, ки ӯ гуфт, валекин ин адаб нигоҳ дошт. Ва ба иборае хуб гуфт».

Пас, бифармуд, то ӯро сад динор бидоданд ва агарчи таъбири ҳар ду кас як буд, аммо чун яке сухан беадабона гуфт, хуб адаб хӯрд.

*Аз «Қобуснома»*

Ҳикояро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Ҷавоби муъаббиронро ба таври муқоиса навишта, кадоме аз он лафз ва гуфтори беҳтарин буданашро гӯед.

| | |
|---|---|
| • Ҳорунаррашид аз ҷавоби кадом муъаббир хушнуд шуд? | |
| | |
| • Муъаббирон бар ивази гуфтани таъбири хоб чӣ гирифтанд? | |
| | |
| • Хеш ҳамчун шахси муъаббир таъбири хоби Ҳорунаррашидро бо гуфтани чӣ гуна сухан равшан менамудед? | |
| | |

Ба саволҳо ҷавоб нависед.

1. Исм чист? Он ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
2. Чӣ гуна исмҳоро исмҳои хос меноманд? Он аз кадом ҷиҳат аз исмҳои ҷинс фарқ дорад?
3. Сифат чист? Он ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
4. Сифат чанд дараҷа дорад? Номбар кунед ва маълумот диҳед.
5. Феъл чист? Он ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
6. Феъл чанд замон дорад? Номбар кунед ва маълумот диҳед.

Ҳиссаҳои нутқи таркиби ҳикояи хондаатонро бо гурӯҳбандӣ нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| ИСМ | СИФАТ | ФЕЪЛ |
|---|---|---|
| • | • | • |
| • | • | • |
| • | • | • |

Суханҳои пурҳикматро хонед ва пас аз он фикру мулоҳизаҳои хешро баён намоед.

1. Агар сир дошта бошӣ ба касе магӯ.
2. Аз як хона ба хонаи дигар сухан мабар.
3. Суханҳои дар маҷлис бударо дар ақлат нигоҳ дор.

## Шартнома ва созиши он

Шартнома гуфта созиши ду ё якчанд шахсро меноманд, ки барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва ӯҳдадории шаҳрвандӣ равона карда шудааст. Шаҳрвандон ва шахси ҳуқуқӣ дар бастани шартнома мустақил мебошанд.

Шартнома аз лаҳзаи баста шуданаш эътибор пайдо мекунад ва барои тарафҳо ҳатмӣ мегардад. Тарафҳо ҳақ доранд муайян кунанд, ки шарти шартномаи бастаи онҳо ба муносибатҳои то бастани шартнома ба миён омада низ татбиқ мегардад.

Қонун ё шартнома муайян карда метавонад, ки хотимаи мӯҳлати амали шартнома боиси қатъи ӯҳдадории тарафҳо оид ба шартнома мегардад.

Шартномае, ки дар он чунин шарт гузошта нашудааст, то лаҳзаи иҷрои ӯҳдадориро ба охир расондани тарафҳо муайян карда шудааст, боэътибор эътироф карда мешавад.

Қатъи мӯҳлати амали шартнома тарафҳоро аз масъулияти риоя накардани он озод намекунад.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Шарҳи калимаҳои «шартнома» ва «созишномаро аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҷустуҷӯ намуда, бо шарҳаш ба «Дафтарчаи луғат» рӯбардор кунед.

## МАВЗӮИ 4. ПЕШ АЗ ГУФТОР БОЯД АНДЕШИД

Донистани забоне, ки бо шири сафед, бо шеваи гуворо, бо дили гарму ҳарфи нарми модар ба хун ворид шудааст, ҳангоми гуфтор ба ҳусну латофат, зебоӣ ва малоҳат, ба мавзунию салосат ва бадеиёти он эътибор додан зарур аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар лаҳзаҳои гузариши ҳаёт ва гуфтору робита бо фарди ҷамъият ба лафзи модар беэътиборӣ гуноҳ аст. Пеш аз гуфтор бояд андешид, сипас ҳарфе гуфт, ки забон – таҷассуми тафаккур аст ва некгуфторӣ боиси сурури тарафайн бошад. Суханро бамавқеъ ва судбахш бояд гуфт, зеро сухан чун тири аз камон ҷастаест, ки онро дигар баргардонида намешавад. Ин тирро чунон ба нишон бояд гирифт, ки ба нуқтаи мақсад бирасад, вагарна аз каҷ ва абас рафтанаш гӯянда гирифтори банди таассуфу хиҷолат мегардад.

Гуфтор ҳусни маънавии одамист. Ин ҳусн бояд ба сомеонаш ҳаловат бахшад. Гуфтори нарму ширин ва мавзуну муассир андӯҳро дур, ғазаброфурӯнишон месозад.

Каломи бадеъ чун чароғи оламафрӯзест, ки зиёи ӯ хонаи дилро мунаввар ва соҳибгуфторашро мӯътабар менамояд. Чаро бо ҳарфи ноҷоиз ин чароғи пуранворро хомӯш намуд? Ҳаргиз!

Дар гуфтор бояд тааммул намуд, ки аз як ҳарфи бетааммул табъи дӯст тира гардад, бози илҳомаш аз парвоз дар фарози меҳр боз бимонад.

Сухан санҷида гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ,
Зи ҳарфи бетааммул ошно бегона мегардад.

*Бедил*

1. Матнро бодиққат хонед ва оид ба масъалаҳои одоби сухан сӯҳбат ороед.
2. Калимаҳои таркиби матнро бо гурӯҳбандӣ нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| содда | сохта | мураккаб |
|---|---|---|
| • | • | • |
| • | • | • |
| • | • | • |
| • | • | • |

Бо истифода аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаҳои зеринро шарҳ диҳед.

Қавоид, латофат, салосат, сурур, абас, таассуф, муассир, пуранвор.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

**ОДОБИ МУОШИРАТ**

Ин санъати баланди рафтор ва суханравонӣ мебошад, ки ҳангоми риоя кардани он кас ба муваффақиятҳои дилхоҳ метавонад комёб гардад.

• Шиори асосии фарҳанги қадимаи ниёгони мо «Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» буда, инсонро ба он раҳнамо месозад, ки ӯ на танҳо фикру андешаи нек дошта бошад, балки сухани хуб гӯяд ва муҳимтар аз ҳама, дар ҳама ҳолатҳо бояд рафтори шоиста намояд.

Муошират дар маънои эҳтиёҷоти инсон ба инсони дигар асос ёфтааст. Бинобар ин, муколама, гуфтугӯ, сӯҳбат ва робитаҳои забонӣ воситаи асосии муошурати одамон ба ҳисоб меравад.

Суханҳои пурҳикматро хонед ва пас аз он фикру мулоҳизаҳои хешро баён намоед.

1. Бузургонро эҳтиром бикун.
2. Пеш-пеши бузургон роҳ марав.
3. Доимо тоза бош.
4. Либосатро дар баданат мадӯз.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Чист мунаввар сохт оламро,
Чист донишвар сохт одамро.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Матнро хонед ва дар бораи иди ҳосилот – Меҳргон таассуротҳои хешро нависед.

**МЕҲРГОН**
**(Иди ҳосилот)**

Меҳргон, ҷашни қадимаи халқи тоҷик буда, дар он кишоварзону боғдорон ва чорводорону ҳунармандон намунаҳои дастранҷу заҳмати худро ба намоиш мегузоранд. Моҳияти ин ҷашнро шукронаи худованд аз неъмату ҳосили ба даст овардаи аҳли заҳмат ташкил медиҳад. Дар гузашта суфраҳои меҳргонӣ низ дар ҳар хонадон гузошта мешуд, ки дар он себ, муруд, лимӯ, хӯшаи гандум, ойина, ангур, паллаи тарозу ва гули нилуфар мегузоштанд. Он дар миёнаҳои моҳи октябр баргузор мегардад.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ II. ОЛАМИ ТАБИАТИ РАНГИН

## МАВЗӮИ 5. НЕКНОМИИ ОДАМ – АЗ АДАБ

Одамро хулқи хушу рафтори нек, ҳамидаву тавозӯъ ва хоксорӣ ҳусн мебахшад. Донишмандони даҳр, бузургони суханвар, мардони арҷманд, пирони корозмуда адабро аз ҳама авлотар ва аз ҳар як мақом болотар донистаанд. Фирдавсии бузург дар ин бора гуфтааст:



Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,
Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.

Бузургон накарданд парвои мол,
Ки амволро ҳаст рӯ ба завол.
Инон сӯйи илму адаб тофтанд,
Ки номи накӯ аз адаб ёфтанд.

Некномии одам аз адаб аст. Ҳар касе ки ба адаб бепарвоёна нигоҳ кунаду инони адаб аз даст диҳад, оқибат пушаймон шавад.

Як нишонаи беадабӣ ҳурмат накардани дигарон аст. Ҳар каси беадаб падару модар, додару хоҳар, устодон, ёрон ва ақрабо, рафиқон ва шиносонашро ҳурмат мекунад. Ӯ манфиати хешро аз манфиати дигарон боло ва афзалтар намемонад.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Бо кӯмаки омӯзгор калима ва ибораҳои зеринро шарҳ диҳед.

Тавозӯъ, даҳр, арҷманд, авлотар, фузунтар, амвол, ақрабо, афзалтар, ганҷи Қорун, мулки Фаридун.

**БИШНАВ**

**Адаб** – ахлоқ ва кирдору рафтори нек.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шинос шавед ва ба хотир нигоҳ доред.

**Адаб ёд додан** (ба касе одобу ахлоқ омӯхтан), **адаби касеро додан** (касеро танбеҳ додан, ҷазо додан ба касе), **бо ду дасти адаб супурдани чизе бо камоли риояти адаб** (додани чизе (ба касе), боадабона оварда супурдани чизе (ба касе).

**БИШНАВЕД**

**Ақл** – қобилияти дарки моҳияти чизҳо, қобилияти фаҳмиш, қувваи идрок ва дарёфти неку бад; зеҳн, фаҳм, хирад.

Бо корбасти иборaҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Ақли баркамол, ақли расо, ақли солим, ақлу заковат, ақлу тамиз, ақлу фаросат, ақлу фаҳм, ақлу ҳуш.

Суханҳои пурҳикматро хонед ва пас аз он фикру мулоҳизаҳои хешро баён намоед.

1. Ҳақи нону намакро пос дор.
2. Бе даъват ба маконе марав.
3. Ба моли касе чашм мадӯз.
4. Дар маконе мол нагузошта бошӣ, даст дароз макун.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо интихоби сарлавҳа ба расми таркиби ҷумлаҳо матн тартиб диҳед.

## МАВЗӮИ 6. ТИРАМОҲ

Яке аз рӯзҳои аввали тирамоҳ, лаълии заррини офтоб ба канори ғарбии дастурхони нилгуни осмон расида, ҳарораташ хеле кам шуда буд. Аз поён, аз тарафи дарёи Зарафшон шамоли форламе вазид. Ёбони васеъ, ки дарахтони қатори санҷид, зардолу ва тут онро ба қисматҳо ҷудо мекарданд, нафаси фориғболонае кашидагӣ барин шуд. Рӯзи серкор ва пур аз ташвиш ба охир мерасид. Деҳқонҳо каланду бел дар даст, ҳайвоноти кориро пеш андохта, ба қишлоқ бармегаштанд. Онҳо монда шудагӣ, гурусна



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



ва кӯфтаҳол буданд. Аксарият, гӯё ҳамин соат, ба охир расиданиро рӯзро мунтазир буданд, ҳар чӣ зудтар аз кор даст кашиданд, ба сӯйи қишлоқ шитофтанд. Фақат якто-дутоҳо, дар он қатор Саидпаҳлавон бо писарчааш ҳанӯз ба кори деҳқонии худ машғул буданд. Онҳое, ки ба қишлоқ бармешгаштанд, аз пеши полизи Саидпаҳлавон гузашта истода, ӯро табрик мекарданд:

– Монда нашавед, Паҳлавон, полизатон обод!

– Саломат бошед, бародар! – мегуфт Паҳлавон ва аз ҷӯяке ба ҷӯяке мегузашт.

*Аз романи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро»-и Ҷалол Икромӣ*

Матнро хонед, мазмунашро бо чунин тартиб нақл кунед.

1. Дар рӯзҳои аввали тирамоҳ.
2. Шамоли форам аз тарафи дарёи Зарафшон.
3. Рӯзи серкор ва пурташвиши деҳқонон.
4. Саидпаҳлавон ва деҳқонии ӯ.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Зарбулмасалҳои зеринро шарҳ диҳед.

АНГУРА ХӮРУ
БОҒАША
НАПУРС

АНГУР
АНГУРРО
ДИДА РАНГ
МЕГИРАД



## НАВЪҲОИ АНГУРРО ДОНИСТАН МЕХОҲАМ?

### БИШНАВЕД



бахтиёрӣ
биҳиштӣ
васарға
кишмиш
обакӣ
соҳибӣ
тагобӣ
тоифӣ
дороӣ

соҳибӣ
чиллагӣ
шибирғонӣ
ҳусайнӣ
чавз
фахрӣ
хасангург
ёбоӣ

Ҷиҳатҳои хосса ва фарқияти ангурҳоро бо гуфтаҳои хеш ёдрас намоед.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Меваҳои фасли тирамоҳро нависед ва бо корбасти онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## МАВЗӮИ 7. ТӮТИИ СУХАНГӮ

Як одам як тӯтиро дошта тарбия кард ва ба ӯ забон ёд дод. Вале ҳарчанд саъю кӯшиш кунад ҳам ба тӯтӣ ғайр аз калимаи «албатта» чизи дигареро ёд дода натавонист ва дар охир маҷбур шуд, ки онро ба бозор бурда фурӯшад. Касе ба тӯтӣ харидор шуда пурсид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Тӯтиатон чанд пул?
– Сад сӯм.
Ӯҳӯ, ин қадар қиммат.
Ба сад сӯм меарзад. Агар бовар накунед аз худаш пурсед.
Харидор ба тӯтӣ нигоҳ карда пурсид.
– Ҳой тӯтӣ ту ба сад сӯм меарзӣ.
– «Албатта», ҷавоб дод тӯтӣ.
Он шахс хурсанд шуда тӯтиро харид ва ба хонааш бурд. Вале баръакси чашмдошташ ба ҳар саволе ки ба тӯтӣ медод ба ғайр аз «албатта» ҷавоби дигаре шунида наметавонист. Вай аз кори кардаи худ пушаймон шуда ба ҷаҳл гуфт.
– Ба сад сӯм харидани ту барин тӯтии ношуд ғайр аз аҳмақӣ чизи дигаре нест.
– «Албатта», гуфт тӯтӣ дар ҷавоб.





Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## БИШНАВЕД

**Тӯтӣ** – паррандаи сабзранги минқоркаҷ, ки гуфтори одамиёнро тақлид мекунад.

## ЗАХИРАИ ЛУҒАВИРО ЗИЁД КУНЕД

| | |
|---|---|
| **Тӯтивор** чун тӯтӣ омӯхтаи худро такрор кардан. | |
| **Тӯтибаён** маҷозан ширинсухан, хушзабон. | **Тӯтибурут** марди мӯйлабҳояш ба боло тофташуда. |

## БА ФИКРИ МО

Ба тӯтӣ боз якчанд калимаҳоро омӯзонида мешавад.

## БА ФИКРИ ШУМО ЧӢ?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Бо сохти бол, скелети парранда шинос шавед ва ба хотир нигоҳ доред.

**САЙРИ ХАРБУЗА**

**(Иди харбуза)**

Яке аз сайрҳои мавсимӣ, ки дар фасли тобистон, дар айёми пухтани харбузаҳо баргузор мешуд. Дар моҳи август косибону ҳунармандҳо, аҳли тиҷорат ва дигарон ба сайргоҳ ба сайри харбуза мерафтанд. Дар сайргоҳ деҳқонон навъҳои зиёди харбузаҳоро ба намоиш ва фурӯш мебароварданд. Харбузаҳои беҳтаринро бурида, меҳмононро пазирой мекарданд. Дар як тарафи сайргоҳ навозандагону ҳофизон мусиқию сурудхонӣ ва рақс ташкил менамуданд. Ин анъана дар солҳои Истиқлоли кишвар дубора эҳё шуд.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Дар таҳти мавзӯи «Тирамоҳи зарнисор» матн тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 8. ПАЛАНГИ ТУРОНӢ



Паланги Турон бузургтарин ва хатарноктарин даррандаест, ки дар асрҳои гузашта дар Осиёи Марказӣ зиндагӣ мекард. Халқҳое, ки дар ин қаламравҳо зиндагӣ мекарданд, ба ӯ хосиятҳои як шахси оличанобро тақдим карданд. Дар бораи қудрат ва нерӯйи ҳайвон ривоятҳо ва афсонаҳо мавҷуданд.

Ҳамзамон, мардум аз палангон наметарсиданд ва боварӣ доштанд, ки аз намуди зоҳирии ӯ ба хонаҳояшон таҳдиди бузурге вуҷуд надорад. Базаи асосии ғизоии даррандагон дар ҷангалҳои туғайӣ буд, ки дар он ҷо ҳайвон хукҳои ёбоӣ, оҳуву асп ва кулонро шикор мекард.

**Паланг** – Ҳайвони бузурги ширхори дарранда аз ҷинси гурба, ки пӯсташ холдор аст. Соли паланг соли сеюми солшумории дувоздаҳгона.

Матнро хонед ва дар бораи чӣ гуна ҳайвон будани паланги туронӣ фикр баён кунед.

Ҳиссаҳои нутқи таркиби матнро гурӯҳбандӣ кунед.

| ИСМ | СИФАТ | ФЕЪЛ |
|---|---|---|
| • | • | • |
| • | • | • |
| • | • | • |
| • | • | • |

Ҳамчун забоншиноси ҷавон илова ба калимаи паланг ҳаргуна калимаҳо тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|---|
| П | АФКАН | | Киноя аз паҳлавон; нотарс, далер. |
| А<br>Л | ВОР | | Мисли паланг, чун паланг, монанди паланг. Маҷозан: нотарсона, ҷасурона, чобукона. |
| А | ГИНА | ? | Аз пӯсти паланг дӯхташуда, пӯстипалангӣ. |
| Н | ГИНАПӮШ | | Он ки либоси аз пӯсти паланг дӯхташуда, пӯшида аст. |
| Г | МУШК | | Гиёҳе, ки гулаш ба нуқтаҳои хол-холи паланг ва бӯйаш ба бӯйи мушк монанд аст. |

Тасаввуроти одамон бо қобилияти паланг, ки худро моҳирона пинҳон мекунад, сарфи назар аз андозаи калонаш, ногаҳон дар ҷойҳои гуногун пайдо мешавад ва нопадид мешавад. Ӯро бо қуввати гурги гург ҳисоб мекарданд.

Бо вуҷуди манъ кардани тасвири мавҷудоти зинда, тибқи эътиқоди дини ислом, палангро дар нақшҳои матоъҳо, қолинҳо, ҳатто дар паҳлӯҳои масҷидҳои бостонии Самарқанд дидан мумкин аст. Таъсири нерӯи табиии паланги форсӣ ба шуури одамон то ба дараҷае муҳим буд.

Замони сахттарини палангон зимистони сарду барф буд. Ҳайвонот ҷойеро, ки хурдтарин қабати барфӣ дошт, ҷустуҷӯ карданд ва хона сохтанд. Баъзеҳо ба саргардонӣ сар карданд, пас аз пайдоиши ногаҳонии онҳо дар ҷойҳое, ки пештар касе бо онҳо дучор наомада буд, метарсиданд.

Онҳо садҳо километрро тай карда, ба шаҳрҳо наздик шуданд ва аксар вақт аз дасти одаме, ки хавфро аз як даррандаи хаста ва гурусна медид, мурданд.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Вобаста ба мазмуни он саволҳо тартиб диҳед.

Тарзи навишт ва аз ҷиҳати тобиши маънои калимаҳоро ба лавҳи хотир нигоҳ доред.

**ШЕР**

Ҳайвони даррандаи қавиҷусса, ки бозу ва чанголи қавӣ дорад.
Маҷозан: далер, ҷасур, диловар.
Бо думи шер бозӣ кардан (кори хафвнок кардан).
Дер ояду шер ояд коре (бо таъхир мешуда бошад ҳам, расову пухта шавад).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**ШЕЪР**

Сухани мавзуни қофиядор, асари бадеие, ки ба ин тарз навишта шудааст: шеър бастан, шеър гуфтан, шеър хондан.

Шеъри «нав» ашъори дар шакли нав, ки дар солҳои охир расм гардид; шеъри сафед, шеъри нав.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Ҳамчун забоншиноси ҷавон илова ба калимаи шер ҳаргуна калимаҳо тартиб диҳед.

| | 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|---|
| | МАРД | ВАШ | ДИЛОНА | ПАЛАНГ |
| Ш | АФКАН | ВОР | МАРД | ПАНҶА |
| Е | БАЧА | ГИР | МАРДӢ | СИФАТ |
| Р | БОЗУ | ДИЛ | МОНАНД | ТАВОН |
| | БОН | ДИЛӢ | РОНА | ШИКОР |

## МАВЗӮИ 9. ҶАВОБИ САЛОМ

Яке аз фазилатҳои неки инсонӣ, ки обрӯву нуфуз ва манзалати ӯро баланд мебардорад, ин гуфтани салом ба хурду бузург ва риояи одоби он мебошад.

Вобаста ба таъкидҳои фавқуззикр ҷавоби салом арзиши худро дорад. Ҷавоби салом аз ҳисоби хурдсолон бошад, чунин сурат мегирад: онҳо даст пешибар намуда, ба калонсолон ҷавоб мегӯянд.

Бузургсолон низ саломро бо одоби баланд ба анҷом мерасонанд. Онҳо низ метавонанд даст пеши бар гирифта, ҷавоб гӯянд ва метавонанд қоматашонро рост намуда, дастҳояшонро ба қоматашон рост карда, ҷавоб гардонанд. Аз ҳар ду ҷониб чеҳраҳо бояд кушода, овоз нарму ширин ва садо ғулғуладор бошад.

Бузургони асримиёнагӣ ҷавоби саломро дорои ҳафт шарт пазируфтаанд, ки ғолибан ҳадафи тарғиби ахлоқи ҳамида мебошад.

Дар мантиқи оддии ифода ҷавоби салом бояд чунин сурат бигирад:

– бо чеҳраи кушода ҷавоб гуфтан;
– ҷавоби муфассал додан;
– агар ношиносе шуморо ба касе монанд кунаду салом диҳад, ҷавоб гуфтан;
– дилу нияти пок доштан ҳангоми ҷавоб гуфтан;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




– агар гурӯҳе дар кӯча истода бошанд, касе салом (берун аз гурӯҳ) гӯяд, як нафар баланд ҷавоб диҳад (дигарҳо замирӣ, беовоз) кифоя аст;

– ҷавоб бояд бо лафз ва шунаво гуфта шавад, то саломкунанда шунавада ва бо имову ишора сурат нагирад;

– агар гурӯҳе истода бошанд, як нафар ҷавоби салом диҳад, басанда аст;

– ҷавоби салом бо лафз (бо овози шунаво) диҳанд, на бо ишорат, то ки саломкунанда бишунавад.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Вобаста ба мазмуни он саволҳо тартиб диҳед.

Суханҳои пурҳикматро хонед ва пас аз он фикру мулоҳизаҳои хешро баён намоед.

Бидон, ки шарафи одамӣ ба нутқ аст ва ҳар кӣ дар нутқ одобро риоя накунад, аз ин шараф бебаҳра бимонад. Ҳангоми сухан гуфтан, кас бояд кушодарӯй бошад, овоз баланд накунад, бо киноя сухан нагӯяд, сухани гӯяндаро набурад, суханаш инсонҳоро ба покиву ростӣ ҳидоят намояд.

*Аз «Футувватнома»- Ҳусейн Воизи Кошифӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Барои модар ва бонувонҳои хонавода табрикнома омода намоед.

## ТАБРИКНОМА




**Модари меҳрубону ғамгусорам!** Шуморо ба ин санаи муборакии умратон табрикот гуфта, бахту саодат ва хушрӯзиву саломатиро таманно дорам. Бигзор, хуршеди толеатон партавафшон ва баҳори умратон бехазон бодо!

*Бо эҳтиром фарзандатон* (ном)

Сана, моҳ, сол

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Барои шодбошии зодрӯзи падар табрикнома омода намоед. Пас аз он матни «Бойчечак»-ро хонед ва саволҳо тартиб диҳед.

**Падари бузургворам!** Шуморо бо ҷашни зодрӯз табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок бароятон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани нерӯманд ва дар кору фаъолият комёбиҳои беназирро таманно дорам. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шӯҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед!

Ҳеҷ гоҳ Бахт ва Хизр кошонаи Шуморо тарк насозанд!

*Бо эҳтиром фарзандатон* (ном)

Сана, моҳ, сол

### БОЙЧЕЧАК

Суруди мавсимӣ, ки бо омад – омади баҳор иҷро мегарданд. Вариантҳои таронаи «Бойчечак», инчунин «Гули сияҳгӯш», «Баҳор омад» ва «Гулгардонӣ» ва ғайра низ мавҷуданд. Сурудҳо аз ҷониби сарбайтхон ва гурӯҳи иштирокчиёни маросим иҷро мегарданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ III. АҚЛИ СОЛИМ – ДАР ҶИСМИ СОЛИМ

## МАВЗӮИ 10. ҲИКМАТИ ОБ



Агар об ранг медошт:

Ранги тамоми мавҷудоти зинда, коинот ҳамчун ранги об мешуд.

Агар об маза медошт, тамоми ғизо, мева ва сабзавот, мазаи обро медоштанд.

Агар об бӯй медошт:

Ҳамаи ғизоҳо бӯйи якхела медоштанд. Пас шумо онҳоро аз якдигар чӣ тавр фарқ мекардед?

Ин ҳикмати зебо танҳо бо оби ҳаёт маҳдуд намешавад. Ба обҳои гуногуни зерин низ диққат диҳед:

Оби гӯш-талх. Гӯшро аз ҳар гуна ҳашароти хурд, ки ба гӯш медароянд, муҳофизат мекунад.

Оби чашм – шӯр. Чашмони шаффофро барои муҳофизат кардан аз ҳар гуна чангу ғубор ва моддаҳои зараровар (микробҳо) мебошад.

Оби даҳон – бетаъм (тоза). Барои он, ки таъми чизҳоро аз якдигар фарқ карда тавонистан, оби даҳон тоза офарида шудааст.

*Аз рӯзномаи «Овози Самарқанд»*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Феълҳои таркиби матнро номбар кунед ва ба кадом саволҳо ҷавоб шуданашонро хотирнишин намоед.

**МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД**

**ШУМОРА**

Он ҳиссаи нутқ, ки адад, миқдори предметҳо ва дар вақти шумурдан тартиби онҳоро ифода менамояд, шумора номида мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шумора ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, ки чунин хусусиятҳо дорад: а) номи умумии адад ё миқдори предметҳо ё тартиби онҳоро мефаҳмонад (аломати лексикӣ); б) категорияҳои ҷинс, муайяну номуайянӣ, шахс надорад; тасриф намешавад; хусусияти махсуси калимасозиро доро аст (аломати сарфӣ); в) чун муайянкунандаи миқдорӣ (ададӣ) дар таркиби исмҳо ва калимаҳои исмгардида омада, бо онҳо (аз ҷиҳати наҳвӣ) ибораи мустаҳками аз ҳам ҷудонашавандаро ташкил медиҳад ва чун як аъзои ҷумла ба як вазифа меояд (аломати наҳвӣ).

Шумораҳо низ монанди дигар ҳиссаҳои нутқ, дорои аломатҳои сарфӣ мебошад. Шумораи миқдорӣ нумератив қабул мекунад. Масалан, дар ибораи «ҳафт нафар омӯзгор» дар байни шумора (ҳафт) ва предмети шумурдашаванда (омӯзгор) нумеративи «нафар» истифода шудааст.

Пасвандҳои -ум (-юм), -умин (-юмин) аз шумораи миқдорӣ шумораи тартибӣ месозанд: панҷ-панҷум, сӣ-сиюм, як-якумин, ду-дуюмин.

**Шумораҳо** дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда меоянд: даҳ қалам, бист савор, шахси сеюм, солҳои ҳафтодум.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Аз рӯйи расм матн тартиб диҳед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 11. ЧОЙИ КАБУД – ДАВОИ БЕМИСЛ

**Чой** – растании хушбӯй, ки барги сабзи хушконидаи онро ба оби ҷӯш андохта дам карда менӯшанд. Монанди: чойи кабуд, чойи маҳин, чойи сиёҳ.



Чойи кабуд нӯшокии беназир аст. Дар таркиби чойи кабуд нисбат ба чойи сиёҳ моддаҳои фаъоли биологӣ хеле фаровон буда, онҳо хосияти зиддимикробӣ ва зиддиомосӣ доранд: капилярҳо-рагҳои мӯякиро қавӣ месозанд, хунофариро муназзам мегардонанд. Дар ҳавои гарм ҳеҷ нӯшокие наметавонад чойи кабудро иваз намояд. Чойи кабуд боиси рехтани арақ гашта, масома (сӯрохчаҳо)-ро пок месозад, дар баробари ин, ба мубодилаи оксиген, обу намак таъсири муфид расонида, сатҳи холестеринро дар хун паст менамояд. Онҳое, ки чойи кабудро ба меъёр менӯшанд, имкони аз халал ёфтани мубодилаи моддаҳо, ки сарчашмаи бисёр бемориҳост, раҳоӣ ёфтанро доранд.

**Чой** – нӯшобае, ки аз барги чой ва оби ҷӯш тайёр карда шудааст.

Чойи кабуд фишорбаландӣ, исҳоли хунин, тифи шикампечро шифо бахшида, пайдошавии санги масона, гурдаҳо ва ҷигарро пешгирӣ менамояд, ҳамчунин раванди пиршавии ҷисмро боздорад. Аз витамини Е 10 баробар бештар таъсир дорад.

Хосияти зиддисаратонӣ доштанаш чойи кабудро машҳур гардонидааст. Дар Пажӯҳишгоҳи бемориҳои саратони Хитой хосиятҳои зиддисаратонии 108 алафу гиёҳҳоро таҳқиқ карда, ба натиҷае расидаанд, ки таъсири чойи кабуд аз дигар алафу гиёҳҳо чандин маротиба афзунтар аст.

*Аз рӯзномаи «Овози Самарқанд»*

Матнро хонед ва мазмунашро баён намоед. Навъҳои чойро номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо корбасти ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Чойи хунук, чойи сардшуда, чой гардонидан, чой рехтан, чойи дамкарда, якчанд бор ба пиёла рехтан, ба чойник гардондан, чой дам кардан, ба чойи хушк оби ҷӯш рехта дам кардан, чой кашидан, чой мондан, ҷӯшондани об барои дам кардани чой, чой ҷӯшондан.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

<table>
<tr><th colspan="2">ХЕЛҲОИ ШУМОРА</th></tr>
<tr><th>ШУМОРАИ МИҚДОРӢ</th><th>ШУМОРАИ ТАРТИБӢ</th></tr>
<tr><td>Шуморае, ки адади холису муҷаррад ва миқдори предметҳоро ифода намуда, ба саволҳои чанд? чандто? чӣ қадар ҷавоб мешавад, шумораи миқдорӣ номида мешавад.</td><td>Шумораҳое, ки дар вақти шумурдан тартиби предметҳоро мефаҳонанд, шумораи тартибӣ ном дорад.<br>Шумораи тартибӣ ба саволи чандум? ҷавоб мешавад.<br>Шумораи тартибӣ аз шумораҳои миқдорӣ бо воситаи пасвандҳои -ум (-юм), -умин (-юмин) сохта мешавад: якум, дуюм, сеюм, чорум, бистум, сиюм, якумин, дуюмин, сеюмин, даҳумин, сиюмин...</td></tr>
<tr><td colspan="2">Шумораи миқдорӣ ба хелҳои зерин ҷудо мешавад: шумораи аслӣ, шумораи тахминӣ ва шумораи касрӣ.</td></tr>
<tr><td>Шумораи аслӣ</td><td>Шуморае, ки миқдори муайяни предметҳоро мефаҳмонад, шумораи аслӣ номида мешавад.</td></tr>
<tr><td>Шумораи тахминӣ</td><td>Шуморае, ки адади предметҳоро тахминан ифода мекунад, шумораи тахминӣ ном дорад.</td></tr>
<tr><td>Шумораи касрӣ</td><td>Шуморае, ки ҳиссае аз адади бутунро ифода менамояд, шумораи касрӣ меноманд.</td></tr>
</table>

Ҳамчун забоншиноси ҷавон илова ба калимаи **чой** ҳаргуна калимаҳо тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|---|
| | БОДКАШ | ИСТОН | КОР | ХАЛТА |
| | ДОН | КАШ | КОРӢ | ХОНА |
| ЧОЙ | ЗОР | КАШӢ | ҚУТТӢ | ХОНАЧӢ |
| | НИКМОНАК | НӮШ | ФУРӮШ | ХӮР |
| | НИКПӮШАК | ПУЛӢ | ФУРӮШӢ | ҶӮШОНӢ |

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо интихоби сарлавҳа ба расм ва корбасти шумораҳо матн тартиб диҳед.



## МАВЗӮИ 12. БЕҲТАРИН ВА БАДТАРИН АЪЗО

Ҳазрати Луқмон, ки дар замони Ҳазрати Довуд зиндагӣ дошт, дар аввали кораш банда (ғулом)-и яке аз сарватмандони бани Исроил буд. Рӯзе моликаш он ҷанобро ба забҳи гӯсфанде (куштани гӯсфанд, сар задани гӯсфанд) фармон дод ва гуфт:

– Беҳтарин аъзояшро бароям биёвар.

Луқмон гӯсфанде кушт ва дилу забонашро ба назди хоҷаи худ овард. Пас аз чанд рӯзи дигар хоҷааш гуфт:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Гӯсфанде забҳ кун ва бадтарин чояшро бароям биёвар.

Луқмон гӯсфанде кушт ва боз забону дили онро ба назди хоҷа овард.

Хоҷа гуфт:

– Ин ду зидди ҳамдигаранд?

Луқмон фармуд:

– Агар дил ва забон бо якдигар мувофиқат кунанд, беҳтарин аъзо ҳастанд, агар мухолифат кунанд, бадтарин аъзо ҳастанд. Хоҷаро аз ин сухан писанд омад ва ӯро аз бандагӣ озод кард.

*Ривоятҳо аз Луқмони Ҳаким*



Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Ба фикри шумо оё Луқмони Ҳаким кори дуруст кардааст?
2. Ба пиндори Луқмони Ҳаким дар дунё чизи ширинтар ва талхтар кадом аст?

Аз рӯйи расму тасвир шумораҳои пешниҳодшударо номбар кунед. Пас аз он дар муайян намудани вақт, шабонарӯз чӣ гуна аҳамият доштанашонро гӯед.

Ҳиссаҳои нутқи таркиби матнро гурӯҳбандӣ кунед.

Исмҳои хос: ............
Сифат: ...........................
Феъл: ...................................

Мазмуни матнро бо тартиби нақшаи пешниҳодшуда баён намоед.

1. Ҳазрати Луқмон дар замони Ҳазрати Довуд.
2. Сабаби забҳи гӯсфанд ва интихоби дилу забон аз ҷониби Луқмони Ҳаким.
3. Ба аъзои беҳтарин ва бадтарин мансубият доштани дилу забон.
4. Саволи Хоҷа ва ҷавоби оқилонаи Луқмон.

Шинос шавед ва ба хотир нигоҳ доред.

**Мучал** – солшуморӣ аз рӯйи силсилаи дувоздаҳгона бо номи ҳайвонот.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУЧАЛ – СОЛШУМОРИИ ДУВОЗДАҲГОНА

| МУШ | БАҚАР | ПАЛАНГ | ХАРГЎШ | НАҲАНГ | МОР | АСП | ГЎСФАНД | ҲАМДУНА | МУРҒ | САГ | ХУК |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1900 | 1901 | 1902 | 1903 | 1904 | 1905 | 1906 | 1907 | 1908 | 1909 | 1910 | 1911 |
| 1912 | 1913 | 1914 | 1915 | 1916 | 1917 | 1918 | 1919 | 1920 | 1921 | 1922 | 1923 |
| 1924 | 1925 | 1926 | 1927 | 1928 | 1929 | 1930 | 1931 | 1932 | 1933 | 1934 | 1935 |
| 1936 | 1937 | 1938 | 1939 | 1940 | 1941 | 1942 | 1943 | 1944 | 1945 | 1946 | 1947 |
| 1948 | 1949 | 1950 | 1951 | 1952 | 1953 | 1954 | 1955 | 1956 | 1957 | 1958 | 1959 |
| 1960 | 1961 | 1962 | 1963 | 1964 | 1965 | 1966 | 1967 | 1968 | 1969 | 1970 | 1971 |
| 1972 | 1973 | 1974 | 1975 | 1976 | 1977 | 1978 | 1979 | 1980 | 1981 | 1982 | 1983 |
| 1984 | 1985 | 1986 | 1987 | 1988 | 1989 | 1990 | 1991 | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 |
| 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 |
| 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | 2031 |
| 2032 | 2033 | 2034 | 2035 | 2036 | 2037 | 2038 | 2039 | 2040 | 2041 | 2042 | 2043 |
| 2044 | 2045 | 2046 | 2047 | 2048 | 2049 | 2050 | 2051 | 2052 | 2053 | 2054 | 2055 |
| 2056 | 2057 | 2058 | 2059 | 2060 | 2061 | 2062 | 2063 | 2064 | 2065 | 2066 | 2067 |

Аз ҷадвали солшумораи дувоздаҳгонаи мучал соли таваллудатонро муайян намоед ва ба кадом номи ҳайвон марбут буданашро гӯед. Дар соли 2067 дар синни чанд буданатонро сарҳисоб кунед.

Зарбулмасал ва мақолҳои зеринро шарҳ диҳед.

1. Забон – алмоси бурро.
2. Забон – посбони сар.
3. Як сухан сесаду шасту панҷ паҳлӯ дорад.
4. Ҳар сухан ҷое, ҳар нукта мақоме дорад.
5. Аз бузургон бузургӣ омӯз.
6. Аз некон шарофат, аз бадон касофат.

## ТЕСТ

1. Кадоме аз онҳо дар тамъ ширин аст?
   а) намак б) дору
   в) бодринг г) асал ғ) пиёз

2. Кадоме аз онҳо дар тамъ тунд аст?
   а) мурч б) асал
   в) забон г) мӯмиё ғ) набот

3. Кадоме аз онҳо дар тамъ шӯр аст?
   а) шакар б) шалғам
   в) шоҳтут г) писта ғ) бодом

4. Кадоме аз он дар тамъ талх аст?
   а) асал б) чормағз
   в) қаланфур г) олу ғ) анор



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## БА ФИКРИ МО

Дил, ҷигар, меъда, рӯда, гурда, шуш узвҳои дохилии бадани инсон ба шумор меравад.

## БА ФИКРИ ШУМО ЧӢ?




*Узвҳои дохилии бадани мо*

Ҳамчун забоншиноси ҷавон бо илова ба калимаи **дил** калимаҳои аз ҷиҳати тобиши маъно фарққунанда тартиб диҳед.

| | 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|---|
| Д И Л | КУШО | НИШИН | ПИСАНД | СӮЗ |
| | ЁБ | ОРОМ | ОЗОР | СОФ |
| | НАВОЗ | ОВЕЗ | ПАЗИР | РЕШ |
| | НАРМ | ОШУФТА | САХТ | САРД |
| | КАШ | ОШӮБ | СИЁҲ | ФИРЕБ |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Калимаи шарҳдодашударо ба **«Дафтарчаи луғат»** рӯбардор кунед.

**Забҳи гӯсфанд** – куштани гӯсфанд, сар задани гӯсфанд.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

**ШУМОРАИ МИҚДОРӢ**

Шуморае, ки адади холису муҷаррад ва миқдори предметҳоро ифода намуда, ба саволҳои **чанд? чандто? чӣ қадар?** ҷавоб мешавад, **шумораи миқдорӣ** номида мешавад.

Аз ҷиҳати сохт шумораҳои миқдорӣ содда (панҷ, даҳ, сад, ҳазор), мураккаб (ёздаҳ, шонздаҳ, ҳаждаҳ) ва таркибӣ (бисту панҷ, як ҳазору нӯҳсаду ҳафтоду ҳашт) мешаванд. Агар шумораи миқдорӣ ҷузъи калимаи мураккаб набошад, ҳамеша аз дигар калимаҳо ҷудо навишта мешавад: ду кас, ду нафар, панҷ сар гӯсфанд. Шумораҳои миқдории чор (чаҳор), чил, (чиҳил) дар ду шакл истеъмол мешаванд.

Шумораи миқдорӣ миқдори муайян, тахминӣ ва касрии предметҳоро мефаҳмонад. Чунончи, «шаш донишомӯз» миқдори муайян, «панҷ-шаш талаба» миқдори тахминии донишомӯзон аст, вале «сеяки донишомӯзон» се ҳиссаи миқдори умумии донишомӯзонро нишон медиҳад.

Калимаҳои ҳаммаъно тартиб диҳед ва пас аз он номбар кунед.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Дахтои шумораҳои миқдории содда ва мураккаб нависед.

## МАВЗӮИ 13. УЗВҲОИ БАДАНИ ОДАМ ВА ҲИФЗИ САЛОМАТӢ

Дар байни ҳамаи мавҷудоти зинда одам аз ҳама организми мураккаб дорад. Бадани одам низ чун дигар мавҷудоти зинда аз узвҳо ташкил ёфтааст. Ҳар як узви бадани мо кори муайянеро иҷро мекунад, бинобар ин ҳар яке сохти махсус дорад.

Гурӯҳи узвҳоеро, ки дар якҷоягӣ ягон вазифаи организмро иҷро мекунанд, системаи узвҳо меноманд. Дар организми одам якчанд системаи узвҳо вуҷуд дорад: системаҳои нафаскашӣ, асаб, гардиши хун, ҳозима ва ғайра. Инро дар нақшаи зер хубтар дидан мумкин аст:

Чӣ бояд кард, ки доим солиму бардам бошем? Барои ин мо бояд сохт ва кори узвҳои бадани худро донем, ба қоидаҳои тозагӣ ва реҷаи рӯз риоя кунем. Чуноне бузургон гуфтаанд: «Ҳар кас бояд табиби ҷисму ҷони худ бошад».

Матнро хонед ва фикратонро доир ба одоби тандурустӣ баён намоед.

Бо калимаҳои ифодакунандаи узвҳои инсон шинос шавед ва пас аз он баъзе аз узвҳоро бо ном нависед.

### Нақшаи сохти бадани одам

**Бадани одам**

↓

**Узвҳо**

↓

**Узвҳои берунӣ**
- даст
- пой
- гӯш
- чашм
- бинӣ...

**Узвҳои дохилӣ**
- меъда
- гурда
- рӯда
- дил
- ҷигар...

**Системаи узвҳо**
- ҳозима
- нафаскашӣ
- асаб
- гардиши хун
- ихроҷ...



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо номи моҳ, рӯзҳои ҳафта ва аз чанд рӯз иборат будани солшумории милодӣ шинос шавед. Пас аз он ба чунин саволҳо ҷавоб диҳед.




1. Дувоздаҳ моҳ дар якҷоягӣ чиро ташкил медиҳад?
2. Як моҳ аз чанд рӯз таркиб ёфтааст?
3. Моҳи феврал аз дигар моҳҳои сол аз кадом ҷиҳат фарқ мекунад?
4. Рӯзҳои ҳафта кадом аст? Номбар кунед. Ададҳои даҳӣ, ҳазориро бо табдили ҳарф нависед.

Порчаи шеъриро хонед ва мазмунашро маънидод кунед.

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.
Ту к-аз меҳнати дигарон бехабарӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

1. Ба тан ҳаст, лек бар ёд нест. **?** ақл, зеҳн, хотира, ноф



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

Шумораи миқдорӣ ба хелҳои зерин ҷудо мешавад: шумораи аслӣ, шумораи тахминӣ ва шумораи касрӣ.

1. Шумораи аслӣ: панҷ қалам, чор нафар деҳқон, сесад сар гӯсфанд, даҳ дона себ, нӯҳто чормағз.

Шуморае, ки миқдори муайяни предметҳоро мефаҳмонад, **шумораи аслӣ** номида мешавад: Ҳазор монеа баромаданаш мумкин.

2. Шумораи тахминӣ: ҳафт – ҳашт китоб, понздаҳ – бист бех бодом, сӣ – чил нафар фаррош, чор – панҷто қалам.

Шуморае, ки адади предметҳоро тахминан ифода мекунад, **шумораи тахминӣ** ном дорад: Заминҳои бист-сӣ деҳқонро ба даст даровард.

3. Шумораи касрӣ: сеякӣ нон, аз нӯҳ се ҳиссаи халтаи орд, чоряк соат.

Шуморае, ки ҳиссае аз адади бутунро ифода менамояд, **шумораи касрӣ** меноманд: Аз сад яки айби ӯро ба раис гуфтам.

Дахтоӣ шумораҳои аслӣ, тахминӣ ва касрӣ нависед. Пас аз он бо корбасти онҳо ҷумлаҳо тариб диҳед.

Бо истифода аз шумораҳои соддаи 1, 10, 20, 60, 80, 100, 1000 шумораи сохта, мураккаб ва таркибӣ бисозед.

### БА ФИКРИ ШУМО

### КАДОМЕ АЗ ОН ТАЪБИРҲОИ ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ДАР ҚАВСАЙН НАВИШТАШУДАРО ИФОДА МЕНАМОЯД?

______________________ (чӣ кор карданро надониста мондан, саросема шудан, инони ихтиёрро аз даст додан, худро гум кардан).

______________________ мӯҳтоҷи касе шудан (*хусусан дар таъминот*).

**Таъбирҳо барои истифода:** дасту по гум кардан, ба дасти касе нигоҳ карда мондан.

Панҷ ташаббуси муҳими аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев эълон гардидаро бо ном нависед. Пас аз он ҷадвали чорабиниҳои ширкатварзидаро тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




| № | НОМИ ЧОРАБИНӢ | ВАҚТИ БАРГУЗОРГАРДИДА |
|---|---|---|
| 1 | | |
| 2 | | |
| 3 | | |
| 4 | | |
| 5 | | |

Бо корбасти таъбирҳои фразеологӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Гӯш ба даҳони** *касе* **дӯхтан** (сухани касеро бодиққат шунидан; **гӯш ба тарафе рост кардан** (омодаи шунидани сухане шудан), **гӯш ба фармони** *касе* **будан** (ба шунидани ҳарфи касе тайёр будан, ба иҷрои фармони касе омода будан, мутеъ будан), **гӯш ба қимор будан** (бесаброна мунтазири шунидани хабаре будан).

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Матнро хонед ва бо корбасти шумораҳои тахминӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**ПӮСТ**

Бадани одам аз берун бо пӯст пӯшида шудааст. Агар ягон ҷойи пӯсти баданро бо пурбин (асбоби калоннишондиҳанда – микроскоп) аз назар гузаронем, мебинем, ки дар он мӯй ва сӯрохиҳои бисёре мавҷуданд. Пӯст баданро аз ҳар гуна таъсироти беруна ҳифз намуда, ба воситаи сӯрохиҳои он обу намаки зиёдатӣ ва равғани бадан хориҷ мешаванд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Пӯсти баданро мунтазам шуста, тоза нигоҳ доштан лозим аст. Одам бояд ҳар пагоҳ дасту рӯяшро шуста, ҳафтае ду маротиба баданашро ба оби гарм ва собун шӯяд, то ки сӯрохиҳои пӯст доимо озод нигоҳ дошта шаванд. Оби гарм ва собун пӯстро аз ифлосию микробҳо тоза мекунад.

## МАВЗӮИ 14. МЕВА ВА МАҲСУЛОҲОТИ ПУРВИТАМИН

Аз рӯйи расм ном ва хелҳои витаминтҳои таркибашонро номбар кунед.

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Витамин чист?
2. Витаминҳо дар организми инсон чӣ нафъ дорад?
3. Норасоии витамин гуфта чиро дар назар доред?




Матнро хонед ва аз таркиби он шумораҳоро муайян намуда, ба зераш хат кашед. Пас аз он хусусиятҳои шифобахшии кадуро бо гуфтаҳои хеш хотирниш намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Кадуро дар хамир печонида ва аз болояш гил молида, дар зери оташ дурустакак пухта, баъд обашро фишурда гирифта, 150 грамм аз он бо 35 грамм шакар ва бо шарбатҳои гуногуни гуворои сардмизоҷ биёшоманд, ҳарорати меъда, ҷигар, дил ва табҳои тези диқ (лоғаркунанда)-ро шифо мебахшад ва аксари бемориҳои тези гармро таскин медиҳад.

Кадуро бо гӯшти хурӯсчӯҷа ва ё бо мағзи тухми каду шӯрбо пухта бихӯранд, иллати беҳушшавӣ ва табҳои гарми беҳушкунандаро шифо мебахшад. Гӯшти кадуро кӯфта, аз рӯ бар меъда, ҷигар, гурда ва дигар узвҳои даруни шикам гузошта банданд, тафс ва сӯзиши онҳоро таскин медиҳад.

Кадуро бо қошуқи дандонадор тарошида, пухта, бо ҷурғот, сир (чеснок), мурч, намак ва наъно бихӯранд, баъд барои сардмизоҷон мувофиқ мегардад, вале гармизоҷонро ба ғайр аз бо намак ва камтар наъно хӯрдан раво нест.

Кадуро бо шакар ё бо асал мураббо пухта бихӯранд, мӯътадилтарини мураббоҳост ва лазиз мегардад, майнаро қувват мебахшад, дар бадан хуни солим пайдо мекунад, моддаҳои савдовӣ ва бемориҳои аз бисёр гаштани савдо сарзадаро дафъ менамояд; агар дар меъда балғам бисёр набошад, ин зуд ҳазм мешавад, вале агар балғам мавҷуд бошад, худаш ба он мубаддал мегардад.

Аз каду равған ҳам тайёр мекунанд ба ин тариқ. Оби гӯшти кадуи нав расидагиро гирифта, бо чоряк вазни он равғани кунҷид ё равғани бунафша ва ё ду баробари он равғани бодоми ширин ва ғайри он миқдор андохта, бо оташи мулоим то обаш батамом бухор шуда рафтан меҷӯшонанд. Равғани тухмашро бихӯранд, бимоланд, бичаконанд ё дар бинӣ бирезанд, ё гузошта банданд, хушкии майна, бехобӣ, сил, табҳои гарм, дарди рӯдаҳо, ки аз ҷамъ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



шудани сафро бошад, дафъ мекунад ва давои беназир мебошад. Равғани тухми кадуи ширинро бо ҷирми тухми он соида, гузошта банданд, захмҳои сар ва бадани кӯдакон, гӯшаи даҳан, баногӯш, закар ва дигарҳоро шифо мебахшад. Миқдори як бор хӯрдан аз тухми каду дар як рӯз то 32 грамм аст. Ба ҷойи ин мағзи тухми тарбуз, бодирингро истеъмол намоянд, раво мебошад.

*Аз «Канзи Шифо»-и Абуалӣ ибни Сино*

Аз рӯйи расму тасвир маҳсулотҳои пурвитаминро бо ном нависед.









*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE













## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### ШУМОРАИ ТАРТИБӢ

Шуморае, ки аз шумораҳои миқдорӣ (аслӣ) бо илова гардидани пасвандҳои -ум (якум чорум), -юм (сеюм, дуюм) сохта шуда, тартиби предметро мефаҳмонад; -ум ба шумораҳои бо ҳамсадо ва -юм бо садонок тамом шуда васл меёбад. Шумораҳои тартибии дуюм (дуввум), сеюм (саввум) дар ду шакл навишта мешаванд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шумораҳо аз ҷиҳати сохт чор хел мешаванд: содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ.

| СОХТИ ШУМОРА | |
|---|---|
| **Шумораи содда** | Шумораҳое, ки аз як реша иборатанд, **шумораи содда** ном доранд. Мисол: як, ду, сӣ, чор, ҳашт, нӯҳ... |
| **Шумораи сохта** | Шумораҳое, ки реша ва пасванд доранд, **шумораи сохта мебошанд**. Мисол: якум, даҳум, бистум, чилум, ҳазорум... |
| **Шумораи мураккаб** | Шумораҳое, ки аз ду реша сохта шудаанд, **шумораи мураккаб** номида мешавад. Мисол: дусад, сесад, чорсад, панҷсад... |
| **Шумораи таркибӣ** | Шумораҳое, ки аз ду ва ё зиёда шумораҳо бо воситаи пайвандаки -у (-ю) таркиб ёфтаанд, **шумораи таркибӣ** ном дорад. Мисол: чорсаду чилу панҷ, ду ҳазору шашсаду навад, ҳазору нӯҳсаду наваду панҷ... |

Бо гурӯҳбандӣ панҷтоӣ шумораҳои аз ҷиҳати сохт фарққунанда нависед.

| Шумораҳои содда | Шумораҳои сохта | Шумораҳои мураккаб | Шумораҳои таркибӣ |
|---|---|---|---|
| • | • | • | • |
| • | • | • | • |
| • | • | • | • |
| • | • | • | • |
| • | • | • | • |

Дар катакҳои холӣ номи ҳафт хазинаи рӯзгорро нависед.

**7 хазинаи рӯзгор**

| • | • | • | • | • | • | • |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

**1** қатор пораи шеърӣ сатр, фард ном дорад.
**2** қатор пораи шеърӣ як байт ном дорад.
**4** қатор пораи шеърӣ дубайтӣ, рубоӣ, қитъа ном дорад.
**5** қатор пораи шеърӣ мухаммас ном дорад.

Исмҳои хос ва шумораҳоро бо гурӯҳбандӣ нависед. Дар бораи имлои шумораҳо ҳар он чизе, ки медонед, баён намоед.

Адибони шӯҳратёр Амир Хусрави Деҳлавӣ, Низоми Ганҷавӣ, Алишер Навоӣ асарҳои панҷгона, Абдураҳмони Ҷомӣ асарҳои ҳафтгона офарида дар рушди адабиёт ва жанрҳои он саҳми арзанда гузоштаанд.

### Асарҳои панҷгона

| Асарҳои панҷгонаи Амир Хусрави Деҳлавӣ | Асарҳои панҷгонаи Низоми Ганҷавӣ | Асарҳои панҷгонаи Алишер Навоӣ |
|---|---|---|
| Матлаъ-ул-анвор | Махзан-ул-асрор | Ҳайрат-ул-аброр |
| Ҳашт биҳишт | Хусрав ва Ширин | Фарҳод ва Ширин |
| Ширин ва Хусрав | Лайлӣ ва Маҷнун | Лайлӣ ва Маҷнун |
| Маҷнун ва Лайлӣ | Ҳафт пайкар | Саъбаи сайёр |
| Оинаи Искандарӣ | Искандарнома | Садди Искандарӣ |

### Асарҳои ҳафтгона

| «Ҳафт авранг»-и Абдураҳмони Ҷомӣ |
|---|
| 1. Силсилат-уз-заҳаб («Занҷирҳои тиллоӣ»)<br>2. Саломон ва Абсол<br>3. Тӯҳфат-ул-аҳрор<br>4. Сабҳат-ул-аброр («Донаҳои некӯкорон»)<br>5. Юсуф ва Зулайхо<br>6. Лайлӣ ва Маҷнун<br>7. Хирадномаи Искандарӣ |

Шумораҳои таркиби матнро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед ва пас аз он бо табдили ҳарф нависед. Дар бораи имлои шумораҳо ҳар он чизе, ки медонед, баён намоед.

1. «Силсилат-уз-заҳаб» («Занҷирҳои тиллоӣ») аз се дафтар, яъне се қисми калон иборат буда, дар тӯли 17 сол, дар байни



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

солҳои 1468 — 1485 навишта шудааст. «Силсилат-уз-заҳаб» аз ҷиҳати ҳаҷм бузург буда, қариб 6200 байтро дар бар мегирад.

2. «Саломон ва Абсол» соли 1480 ба анҷом мерасад ва аз 1110 байт иборат аст.

3. Ҳаҷми маснавии «Тӯҳфат-ул-аҳрор» 1712 байтро ташкил медиҳад.

4. «Сабҳат-ул-аброр («Донаҳои некӯкорон») аз 2885 байт иборат буда, соли 1482 таълиф шудааст.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Матнро хонед, исмҳои хос ва шумораҳоро ба гурӯҳбандӣ нависед. Доир ба ҳасби ҳол ва фаъолияти эҷодии аллома Абуалӣ ибни Сино он чизе, ки медонед, бозгӯйӣ кунед.

## Абӯалӣ ибни Сино (980–1037)



Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино (Авиценна) соли 980 дар деҳаи Афшонаи вилояти Бухоро ба дунё омадааст. Ӯ то дами вопасин, яъни то соли 1037 беш аз 450 рисолаи илмӣ таълиф намудааст. Аз онҳо 240-тоаш то замони мо омада расидааст. 150-то асарҳояш марбут ба илми фалсафа ва беш аз 40-тоаш алоқаманд ба илми тиббиёт мебошанд. Муҳимтарини онҳо «Китоб-уш-шифо», «Ал-қонун фӣ-т-тиб», «Ишорот ва танбеҳот», «Китоб-ун-наҷот», «Донишнома», «Китоб-ул-инсоф», «Ҳикмат-ул-машриқия» ва дигар китобу рисола ва қиссаҳои тамсилӣ мебошанд.

Саҳми ибни Сино дар таърихи забон ва адабиёти тоҷик бузург аст. Ӯ бо таълифи китоби «Донишнома», рисолаи «Меъроҷнома» ва асарҳои дигараш, ки ба забони форсии дарӣ навишта шудаанд, саҳми арзандае дар коркарду тасҳеҳи истилоҳоти илмӣ гузоштааст. Китоби «Махориҷ-ул-ҳуруф»-и ӯ таълифи бунёдӣ дар шинохти савтиёти забони форсии тоҷикист.

## МАВЗӮИ 15. АСАЛ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОБАХШИИ ОН

Миқдори як бор хӯрдан дар як рӯз аз асал то 68 грамм аст. Огоҳ кунем, ки асале, ки занбӯраш ба гиёҳи талхшувоқ нишаста бошад, таъмаш талх мешавад ва барои бемориҳои меъда, ҷигар, кушодани гиреҳҳо ва агар занбӯраш ба гиёҳи кокутӣ нишаста бо-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



шад, онро бардавом бихӯранд, барои одамони тармизоҷон, сардмизоҷон ва бемориҳои балғамии сард фоида мебахшад.

Асал барои одамони сардмизоҷ ва балғамимизоҷ дар замон, фасл ва маҳалҳои сард фоида дорад, вале барои одамони гармизоҷ ва мизоҷи хушкдошта ва инчунин дар фаслҳои гармо бихӯранд, зарар мекунад, гармизоҷонро дарди сар медиҳад. Агар онҳо бисёр бихӯранд, зуд ба хилти сафро, ки аз ҷиҳати мизоҷ гарм ва хушк аст, табдил мёбад, майнаи гармизоҷро ноҷӯр месозад, қай меоварад, ба бемориҳои сафровӣ ва гарм гирифтор мекунад, ташнагии бисёр меоварад. Давои ин зарарҳояш оби анори турш, оби лимӯ, сирко, кашниз ва меваҳои турш ошомидан аст.



Гуфтаанд: он асалро, ки тирамоҳӣ бошаду агар бибӯянд, атса оварад, беҳушӣ ва арақ меоварад, ақлро беҷо месозад, онро набояд истеъмол кард. Тадбири касе, ки онро хӯрда бошад, қай фармудан ва баъд аз он моҳии намакини шӯр хӯрда ба такрор қай кардан аст, то ки меъда аз он асал пок гардад ва баъд аз он себи майхуш ва муруд тановул намоянд.

Асалро бо сирко даромехта, ба сатҳи даруни даҳан ба такрор ва бардавом бимоланд ё онро дар даҳан гардонанд, милки дандонро мустаҳкам мекунад ва гӯшти солим бар он мерӯёнад агар коста бошад; инчунин дандонро дар ҷояш сахт месозад ва онро аз чирк пок намуда сафед месозад, хусусан, ки бо ангушт се-чор маротаба ҳар моҳ ба дандонҳо бимоланд, ин хислаташ зудтар зоҳир мегардад. Баъзе одамон асалро бинобар ширин буданаш сусткунанда пиндоштаанд – ин иштибоҳ аст. Дар ҳақиқат, шириниҳои рутубатнок сусткунанда мебошанд, на шириниҳои хушкмизоҷ. Вале асал дар мизоҷ гарм ва хушк аст. Пас, сусткунанда намебошад.



Асалро ба танҳоӣ ё бо оби пиёз ба чашм бикашанд, чашмро равшан мекунад; хориш, қӯтур, обравӣ, гули чашм ва фуромадани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

оби бегонаро дар гавҳарак дафъ менамояд. Агар асалро бо анзарут ва намаксанг даромехта дар гӯш чаконанд, бодҳои пардаҳои он ва чаранги гӯшро барҳам медиҳад, омадани рим аз даруни он ва рутубатҳои равони онро қатъ мекунад; дардҳои аз хунукӣ баамаломадаи онро таскин медиҳад, гаронии гӯшро дафъ месозад.

*Аз «Канзи Шифо»-и Абуалӣ ибни Сино*

Матнро хонед ва доир ба хусусиятҳои шифобахшии асал ҳарф занед.

Калимаҳои душворфаҳмро ба дафтар рӯбардор кунед. Пас аз он бо истифода аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» онҳоро шарҳ диҳед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

**НУМЕРАТИВҲО**

Калимае, ки барои таъкиди миқдори предмет кор фармуда мешавад, **нумератив** ном дорад.

1. Се нафар мард, сӣ-чил тан ангиштткан.
2. Шашсад сар гӯсфанд, чилу-чор дона анор.
3. Даҳто китоб, сад бех ниҳол.

Нумеративҳо одатан дар байни шумора ва предмети шумурдашаванда меоянд: ҳафт нафар донишомӯз, сад сар буз, даҳто себ, чил бех анҷир.

Нумеративи -то (-та) бо ҳамаи исмҳо истифода мешавад: чилто қалам, даҳто кабӯтар, бистто харгӯш.

Нумеративи «нафар» ба исмҳои шахс, «адад» ва «дона» ба исмҳои беҷон далолат мекунанд: ҳафт нафар ҳофиз, чор дона олу, панҷ нафар омӯзгор, шаш дона тухм.

Нумеративи «сар» бо исмҳое, ки номи ҳайвонотро ифода мекунанд, кор фармуда мешавад: даҳ сар гов, сесад сар гӯсфанд, чил сар буз, ду сар асп.

Ғайр аз ин, калимаҳои халта, бандча, ҷуфт, порча, даста, теб, тонна, гектар, таноб ва монанди инҳо ба вазифаи нумератив кор фармуда мешаванд: панҷ халта орд, ду бандча пиёз, се тӯб чит, ду ҷуфт кафт, даҳ порча матоъ, як даста гул, чор таноб замин, се тонна ангиштсанг...

Аз нумеративҳо танҳо -то бо калимаҳо якҷо навишта мешавад: сето китоб, чорто дафтар, панҷто қалам. Аммо, ҳангоми бо рақам навиштани шумора ҷузъи нумератив ба воситаи аломати нимтире бо шумора алоқаманд мегардад: 2-то, 3-то, 10-то, 150-то ...

Нумеративҳои таркиби ҷумлаҳоро муайян намоед ва ба зераш хат кашед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Ду нафар бо кашидани асал машғул буданд. 2. Дар як қуттӣ 3 – 5-то занбӯри асал ҳамчун як оила зиндагӣ мекунанд. 3. Шубон панҷсад сар гӯсфандро дар саҳрои сералаф мепоид. 4. Мо раҳнамоии боғбони соҳибтаҷриба сад бех ниҳол шинондем. 5. Аз дӯкон панҷ дона қалам харид кардам.

Бо корбасти **нумеративҳои -то, -та, нафар, сар, бех,** дона ҷумлаҳо тартиб диҳед. Пас аз он дар бораи имлои нумеративҳо ҳарф занед.

**БА ФИКРИ ШУМО**

**КАДОМЕ АЗ ОН КАЛИМАҲО ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ДАР ҚАВСАЙН НАВИШТАШУДАРО ИФОДА МЕНАМОЯД?**

______________________________ (моддаи шакарини ғафс, ки занбӯри асал аз шираи гулҳо ҳосил мекунад, шаҳд, ангубин).

______________________________ (шакарак, ки дар барги растаниҳо аз шираи онҳо пайдо мешавад).

________________________________ (он ки бо парвариши занбӯри асал машғул аст).

________________________________ (бисёр ширин, хеле ширин).

________________________________ (навъи ҳашароти паррандаи хурди нешзан, ки хелҳои гуногун дорад).

_______________________________ (нигоҳубинкунандаи занбӯрҳои асал).

**Таъбирҳо барои истифода:** асал, асалак, асалпарвар, асалтаъм, занбӯр, занбӯрбон.

Хонед ва ба лавҳи хотир нигоҳ доред.

**МИЗОҶШИНОСӢ**

Табиати ҳар як инсон, меваю сабзавот, растанӣ, ҷонварон ва маъданҳо дар тибби халқии тоҷикон дорои мизоҷ мебошад. Мизоҷ, асосан, чор навъ мешавад; гарм, сард, тар ва хушк. Мизоҷҳо ба воситаи омезиши хусусиятҳои чор унсури табиат: оташ, бод, об ва хок дар инсону ҳайвон ва дигар мавҷудот таркиб меёбанд. Дар тибби халқӣ, чигунагии мизоҷи инсонро аз рӯйи гӯшти бадан, ранги пӯст, ранг ва шакли мӯйҳо ва дигар нишонаҳо низ муайян мекунанд.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо интихоби нумеративҳо аз рӯйи расмҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 16. ДАР БАЁНИ ГӮШТИГИРОН



Бидон, ки гӯштӣ гирифтан ҳунарест мақбул ва писандидаи мулуку салотин. Ҳар кӣ бад ин кор машғул мебошад, ағлаб (бештар) он аст, ки ба покӣ ва ростӣ мегузаронд.

Агар пурсанд, ки маънии гӯштӣ чист, бигӯй, он ки одамӣ табдили (тағийири) ахлоқ кунад ва ҳақиқати ин сухан он аст, ки пайваста миёни сифоти ҳамида (писандида) ва ахлоқи замима (announced нописанд) гӯштӣ воқеъ аст. Яъне ҳар як мехоҳад, ки зидди худро дафъ кунад...

Агар пурсанд, ки асл дар гӯштӣ гирифтан чӣ чиз аст, бигӯй илми ин санъат. Агар пурсанд, ки қувват чӣ гуна аст, бигӯй, қувват эътибор надорад, ба воситаи он ки ҳайвонот бошанд, ки эшонро қуввати бисёр бошад ва чун дониш надоранд, ҳеҷ ҳурмат надоранд.

Агар пурсанд, ки илми боқувват чӣ гуна аст, бигӯй, дар ғояти некӯӣ, ба воситаи он ки бузургон гуфтаанд: «қуввати бедониш чун подшоҳи беадл аст ва дониши беқувват чун подшоҳи одилу белашкар» ва чун донишу қувва бо ҳамдигар ёр бошанд, корҳо бо мурод гардад. Агар пурсанд, ки гӯштигирӣ илм аст ё амал, бигӯй, илмест муқтарин (пайваста) ба амал ва ҳар кӣ чизе омӯзад мумкин, ки бад-он амал накунад ва дар ин ҳунар то илм набувад, амал наметавон кард. Пас, илму амал ба ҳам ороста аст. Агар пурсанд, ки одоби устодони гӯштӣ чанд аст, бигӯй дувоздаҳ: Аввал он, ки худ поку беиллат бувад. Дуюм, шогирдонро ба покӣ иршод (ҳидоят) кунад. Сеюм, бахил набошад ва чизе аз шогирдон дареғ надорад. Чаҳорум, бар шогирдон мушфиқ бошад. Панҷум, ба моли эшон тамаъкор набувад. Шашум, ҳар якро ба қадри қобилияти эшон таълим диҳад. Ҳафтум, рӯю риё (фиреб) накунад. Ҳаштум, ба шогирдони худ бад нахоҳад. Нӯҳум, агар касе гӯштӣ бад гирад, нагӯяд бад гирифтӣ, балки ба нармӣ сухан гӯяд. Даҳум, агар таълим гӯяд





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



дар маърака, пӯшида гӯяд, ки хасм (душман) воқиф нагардад. Ёздаҳум, бояд ки аз илми гӯштӣ бохабар бошад. Дувоздаҳум, дар ҳеҷ маърака зикри пир ва устоди худро фаромӯш накунад.

Агар пурсанд, ки одоби шогирдон чанд аст, бигӯй, он ҳам дувоздаҳ. Аввал, он ки рост бошад. Дуюм, он ки порсо (покиза) ва некмаош (некмуомила) бувад. Сеюм, он ки некусират ва покизаахлоқ бувад. Чаҳорум, некният бошад. … Панҷум, хидмати устодон ба сидқ кунад. Шашум, бар ҳеҷ кас ҳасад набарад. Ҳафтум, бухл наварзад ва ҳар чӣ дорад фидои пир кунад. Ҳаштум, бо дигар шогирдон ба дилу забон мутаффиқ бошад. Нӯҳум, аз дилҳо дарюза кунад. Даҳум, ба зӯри худ мағрур нашавад. Ёздаҳум, ба шикасти хасм хушдил нашавад.

Агар пурсанд, ки устоди комил кадом аст, бигӯй, он ки аз шаш илм соҳибвуқуф (огоҳ) бошад: Аввал, илми тиб, то донад, ки шогирдро чӣ зиён медорад. Дуюм, аз илми нуҷум, то вақт ва соати гӯштӣ гирифтан бар ваҷҳе ихтиёр кунад ва мувофиқ бошад. Сеюм, аз илми рамл (фол), то ғолиб ва мағлубро бидонад ва шиносад, ки кадом шогирд бар кадом шогирд ғолиб меояд. Чаҳорум, илми даъват (дуо) то пайваста дафъи сеҳр аз шогирдон бикунад. Панҷум, илми фаросат, то аз шакл ва ҳайати (сурат) шогирд маълум кунад, ки аз ӯ чӣ кор меояд. Шашум, илми санъати гӯштӣ. Ва он чӣ аз ӯ машҳур аст, сесад банду гиреҳ аст ва ҳар яке рӯе (мақсаде) дорад ва боз ҳар рӯе дафъе дорад, ки маҷмӯъ ҳазору ҳаштод масъала бошад. Ҳар устод, ки ин улум ва масоилро надорад, комил набошад.

Агар пурсанд, ки паҳлавон киро тавон гуфт, бигӯй, он касеро ки дувоздаҳ сифат дошта бошад… Сеюм, тани қавӣ. Чаҳорум, забони хуш. Панҷум, дили далер. Шашум, хиради комил. Ҳафтум, сабри тамом. Ҳаштум, илми ба камол. Нӯҳум, ҷаҳди доим. Даҳум,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хулқи писандида. Ёздаҳум, мастурӣ (парҳез кардан) аз ҳаром. Дувоздаҳум, неъмате бардавом...



Агар пурсанд, ки гӯштӣ чанд навъ аст, бигӯй ду навъ: аввал қабз (ба даст гирифтан). Дуюм, изтирор (беихтиёр). Агар пурсанд, ки забони гӯштигирон кадом аст, бигӯй, даст. То даст фурӯ накӯбанд, барначаспанд.

Агар пурсанд, ки даст фурӯ кӯфтан чанд аст, бигӯй, ду: Аввал, он ки дар аввали гӯштӣ даст фурӯ кӯбанд ва онро нақораи чанг гӯянд ва пеш аз он нишонаи зинҳор (амон) хостан аст ва мувофиқат дар он шарт аст. Яъне чун хасм дар миёни гӯштӣ даст фурӯ бояд кӯфт, яъне зинҳор додам.

Агар пурсанд, ки дастгири гӯштигарон кадом аст, бигӯй, пушт афкандан.

Агар пурсанд, ки модари гӯштиҳо кадом аст, бигӯй пушти даст гирифтан ва аз пушти даст ба ҳама ҷойҳо бирасад: ҳам ба сар, ҳам ба пой ва ҳам ба миён.

Агар пурсанд ки, ки афтодан аз чист, бигӯй, ё аз он ки надонад, ё аз он ки натавонад.

*Аз «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»*

Ба се гурӯҳ тақсим шуда, матнро хонед ва матлаби назардоштро ёдрас намоед. Лаҳзаи саволу ҷавобро ташкил кунед.

Шумораҳои таркиби матнро муайян намоед ва ба дафтар рӯбардор кунед. Воситаҳои калимасозашро номбар кунед ва дар хусуси тарзи навишташон маълумот диҳед.

**МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД**

**ИМЛОИ ШУМОРА**

**Якҷоя навишта мешаванд:**

– пасвандҳои шумораи тартибӣ -ум (-юм), -умин (-юмин) бо шумораҳои содда ва ҷузъи охири шумораҳои таркибӣ: сеюм, шашум, сиюм, сеюмин, панҷум, панҷумин, даҳум, даҳумин, шасту сеюмин, як ҳазору як саду панҷоҳумин ва ғайра;

– шумораҳои мураккаби аз ёздаҳ то нуздаҳ ва аз дусад то нӯҳсад: дувоздаҳ, сездаҳ, шонздаҳ, ҳаждаҳ, сесад, шашсад ва ғайра;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– шумораҳои касрӣ: сеяк, чоряк, шашяк, даҳяк ва ғайра;

– нумеративи -то бо шумораи миқдории бо ҳарф навишташуда: дуто, сето, даҳто, садто, ҳазорто ва ғайра.

**Ҷудо навишта мешаванд:**

– шумораҳои таркибие, ки бо пайвандаки -у (-ю, -ву) сохта шудаанд: бисту як, сиву//сию се, панҷоҳу панҷ, як ҳазору сиву шаш ва ғайра;

– шумораи касрӣ аз шумораи аслӣ: яку ним, дуву//дую ним ва ғайра;

– шумораҳои касрӣ бо пешоянди аз: аз се як, аз шаш чор, аз панҷ се ва ғайра;

– калимаҳои нумератившудаи навъи дона, сар, нафар, даста, дарза, ҷуфт ва амсоли инҳо аз шумора ва исми шумурдашаванда: ду дона себ, панҷ сар асп, ду нафар коргар, як даста гул, як дарза алаф, чор ҷуфт кафш ва ғайра;

– шумораҳои миқдорӣ аз калимаи дарсад: 100 дарсад, 50 дарсад, даҳ дарсад, бист дарсад ва ғайра.

**Шумораҳои навъи зер ду тарзи навишт доранд:**

– шумораҳои миқдорӣ: чор//чаҳор, чил//чиҳил, дусад//дувист ва ғайра;

– шумораҳои тартибӣ: дуюм//дуввум, сеюм//севвум, чорум//чаҳорум ва ғайра.

**Бо нимтире навишта мешаванд:**

– шумораҳои тахминӣ: як-ду, се-чор, даҳ-понздаҳ, сӣ-чил, сад-дусад, ҳазор-ду ҳазор ва ғайра;

– нумеративи то дар шуморае, ки бо рақам навишта шудааст: 3-то, 5-то, 20-то, 100-то, 1000-то ва ғайра.

Ба гурӯҳҳо тақсим шуда, қоидаҳои имлоии шумораро бо навиштани мисолҳо маънидод намоед.

## ТАРТИБИ ТАҲИЛИЛИ САРФИИ ШУМОРА

| Нақашаи таҳлил: |
|---|
| 1. Кадом калима шумора аст ва ба кадом савол ҷавоб мешавад?<br>2. Аломатҳои сарфӣ: а) миқдорӣ, тартибӣ; б) агар шумораи миқдорӣ бошад, хелаш (аслӣ, тахминӣ, касрӣ); в) бо нумератив омадааст, ё бе он.<br>3. Аз ҷиҳати сохт: содда, сохта, мураккаб, таркибӣ.<br>4. Вазифаи наҳвӣ: Ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадааст? |
| **Мисол.** Аспакиҳо рӯзи **бисту панҷум** ба шаҳр расиданд. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| Намунаи таҳлил: | |
|---|---|
| **Таҳлили шифоҳӣ** | **Таҳлили хаттӣ** |
| Бисту панҷум шумора аст, тартибӣ предметро ифода карда, ба саволи чандум? ҷавоб мешавад. Дарои чунин аломатҳои сарфист: шумораи тартибӣ, аз ҷиҳати сохт таркибӣ аст, ба вазифаи муайянкунанда омадааст. | Бисту панҷум шумора аст, чунки тартиби предметро ифода мекунад, шумораи тартибӣ, ба саволи чандум? ҷавоб мешавад, аз ҷиҳати сохт таркибӣ, дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда омадааст. |

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Шумораҳои таркиби ҷумлаҳоро таҳлили сарфӣ кунед.

| | Мисол: | Таҳлили шифоҳӣ | Таҳлили хаттӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | То имрӯз «Гулистон»-и Саъдии Шеърозӣ беш аз 250 бор ба забонҳои мухталифи олам баргардону чоп шудааст. | | |
| 2 | «Баҳористон» аз машҳууртарин навиштаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ буда, соли 1487 таълиф гардидааст. | | |
| 3 | «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ 60 ҳазор байт (120 ҳазор мисраъ)-ро фаро гирифтааст. | | |
| 4 | Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» («Воқеаҳои нодир»)-ро дар солҳои 1875–1882 таълиф намудааст. | | |

## МАВЗӮИ 17. ТАКРОРӢ

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

**ГУРӮҲИ 1.**

1. Шумора чӣ гуна ҳиссаи нутқ аст?
2. Шумора ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Шумора чанд навъ мешавад?
4. Чӣ гуна шумораҳоро шумораи аслӣ меноманд?
5. Нишонаи шумораи тартибӣ кадом пасванд аст?
6. Фарқи шумораи таркибӣ аз дигар шумораҳо чист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### ГУРӮҲИ 2.

1. Шумораи тахминӣ чист?
2. Кадом хели шумораи миқдориро шумораи касрӣ мегӯянд?
3. Шумораи тартибӣ чист?
4. Шумораҳои тартибӣ бо кадом пасвандҳо сохта мешаванд?
5. Нумератив чист?
6. Шумораҳо аз ҷиҳати сохт чанд хеланд?

### ГУРӮҲИ 3.

1. Чӣ гуна шумораҳоро шумораҳои сохта меноманд?
2. Шумораҳои сохта бо кадом пасвандҳо сохта мешаванд?
3. Шумораи мураккаб чӣ гуна шумора аст?
4. Шумораи таркибӣ чист?
5. Дар бораи имлои шумораҳо чиҳоро медонед?
6. Шумора дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меояд? Бо мисолҳо фаҳмонед.
7. Имлои шумора ва нумеративро хотирниши намоед.

## ТЕСТ

### ГУРӮҲИ 1.

1. Ҳиссаи нутқе, ки миқдор ва тартиби предметро ифодакунандаи ба саволҳои чӣ қадар? чандум? ҷавобшаванда, чӣ ном дорад?

а) шумора б) исм
в) сифат г) феъл ғ) ҷонишин

2. Он чӣ ном дорад? Навъи шумораи миқдорӣ, ки пеш аз калимаи шумурдашаванда омада миқдори муайяни предметҳои ҳамҷинсро бо ададҳои том мефаҳмонад.

а) шумораи тахминӣ б) шумораи аслӣ
в) шумораи касрӣ г) шумораи тартибӣ
ғ) сифати аслӣ ва нисбӣ

### ГУРӮҲИ 2.

1. Кадоме аз онҳо шумораи тахминӣ?

а) як-ду б) ҳазор-ҳазор
в) дусад (дувист) г) панҷсад (понсад)
ғ) сеюм (саввум)

2. Он чӣ ном дорад? Навъи шумораи миқдорӣ, ки миқдори аз бутун кам, яъне ҳиссаи адади томро ифода мекунад.

а) нисбӣ б) тахминӣ
в) аслӣ г) касрӣ ғ) ҷуфт



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**ГУРӮҲИ 3.**

1. Кадоме аз онҳо шумораҳои касрӣ?
а) ду б) панҷ в) аз панҷ ду г) як

2. Шумораи тартибӣ гуфта чӣ гуна шумораҳоро дар назар доред?
а) шумораҳои тартибии предметро
б) шумораҳои ифодакунандаи миқдори аз бутун камро
в) шумораҳои ифодакунандаи маънои ноаниқ, тахмин доштаро
г) шумораҳои ифодакунандаи ғайриададиро
ғ) шумораҳои мувофиқи имло бо тарз навишташударо

3. Пас аз чӣ гуна шумораҳо пасванди -ум навишта мешавад?
а) пас аз рақамҳои арабӣ б) пас аз рақамҳои римӣ
в) пас аз рақамҳои бутун г) пас аз рақамҳои нобутун
ғ) пас аз рақмҳои касрӣ

## НАТИҶАГИРӢ АЗ ОМӮЗИШИ ШУМОРА

**ГУРӮҲИ 1.**

1. Шумора ҳиссаи нутқест, ки ададии предметро мефаҳмонад.
2. Шумора чаҳор навъ мешавад: аслӣ, тартибӣ, касрӣ ва тахминӣ.
3. Шумораи аслӣ дар забони тоҷикӣ ҳамагӣ бист калима аст.
4. Нишонаи адади тартиби пасванди -ум (-юм), -умин (-юмин) мебошад.

**ГУРӮҲИ 2.**

1. Шумораи касрӣ ҳиссае аз адади пурраро мефаҳмонад.
2. Шумораи тахминӣ ашёро ба тарзи тахмин мефаҳмонад.
3. Шумора аз ҷиҳати сохт чаҳор навъ: содда, сохта, мураккаб, таркибӣ.
4. Шумораи содда аз як реша иборат аст.
5. Шумораи сохта бо иловаи пасванди -ум (-юм), -умин (-юмин) ба реша ё адади содда ҳосил мешавад.

**ГУРӮҲИ 3.**

1. Шумораи мураккаб аз ду реша таркиб меёбад.
2. Шумораи таркибӣ аз ададҳои содда ба воситаи пайвандаки -у (-ю) сохта мешавад.
3. Нумератив калимаест, ки миёни адад ва калима воқеъ мешавад.
4. Шумора дар ҷумла ба вазифаи мубтадо, хабар, муайянкунанда меояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Ба исмҳои содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ панҷтоӣ мисол нависед. Пас аз он матнҳоро паиҳам хонда, шумораҳои таркиби онро таҳлили шифоҳӣ ва хаттӣ кунед.

**ДОРБОЗӢ**

Навъи санъати анъанавӣ, ки дар болои ресмони аз ду тараф дар сутунҳо басташуда иҷро мешавад. Дастаи дорбозон аз 2–3 нафар дорбоз, 3–4 навозанда, 2 масхарабоз иборат буда, дар иду ҷашнҳои халқӣ, тӯйи арӯсӣ ва хатнасурҳо бо барномаҳои рангин ҳунарнамоӣ мекунанд.

**САТОНАВОЗӢ**

Сато як навъ сози миллии тоҷикист, ки косааш калонтар буда, ба танбӯр шабоҳат дорад. Сарпӯши он каме васеътар аст. Сато аз чӯби тут сохта шуда, дарозиаш 130–140 см мебошад. Он 3–4 тор дорад ва кварта ё квинта ҷӯр мешавад. Бо сато, асосан, оҳангҳои лирикаи ҳазин («Шашмақом») навохта мешаванд. Саторо мисли ғижжак ба болотари зонуи пойи чап гузошта бо камонча менавозанд.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ IV. КАСБИ МАН – ФАХРИ МАН

## МАВЗӮИ 18. ОМӮЗГОРӢ – КАСБИ ПУРШАРАФ





Сарчашмаи ҳамаи хушиҳо, ободии ҳамаи маҳфилҳо, бузург гардидани ҳамаи шогирдони баркамол, маҳз меҳнати устодон-омӯзгорон мебошад. Омӯзгор барои тарбия ёфтан, ба камол расидан ва бузург гаштани ҳар як шогирдаш кӯшиши беандоза мекунад.

Омӯзгор шахси бузург ва нотакрорест, ки бо чароғи ақл олами фикри моро равшан намуда, дунёи пурасрори илмро муаррифӣ мекунад. Деҳқону муҳандис, духтуру шоир ҳама парвардаи оғӯши биҳиштосои омӯзгоранд. Тобиши зиндагӣ бори дигар собит месозад, ки давлати омӯзгор шогирдонаш мебошанд. Ӯ аз пешрафт комёбии эшон ифтихор мекунад. Хушбахтона дар мушкилтарин даврони зиндагии мо омӯзгорон дар хидмати халқу ватан қадр доранд. Эҳтироми омӯзгор вазифаи муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси ватан аст.

Матнро хонед, мазмуни он мансуб ба кадом касб буданашро гӯед. Пас аз он аз рӯйи расм фикратонро шифоҳӣ ва хаттӣ баён кунед.

Шинос шавед ва ба хотир нигоҳ доред.

Омӯзгор, муаллим, устод, тарбиячӣ, домулло калимаҳои ҳаммаъно ба шумор мераванд. Дар услубҳои нутқ калимаҳои ҳаммаънои мазкур мавридҳои корбастро доранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Устод ва шогирд

Абӯалӣ ибни Сино рӯзе бо хотири парешон як асар навишта, онро барои тозанавис кардан ба як шогирдаш додааст. Шогирд иншои ибни Синоро дуруст хонда натавонистааасту ба устодаш муроҷиат карда гуфтааст:

– Устод, хататонро хонда натавонистам, илтимос минбаъд камтар бодиққат нависед, моён шогирдҳоятон, мабодо маънии асаратонро ғалат нафаҳмем. Абӯалӣ дар ин ҷавоб фақат як шеър гуфтааст, ки он шеър ин аст:

Ҳарчанд, ки мекунам такопӯ,
Н-омад зи қалам нақши некӯ.
Азбаски қалам шикастасар буд,
Хотир зи қалам шикастатар буд.

*Аз «Ривоятҳо дар бораи Сино»*

Матнро хонед, матлаби шогирду устодро бо хулосаҳои мантиқӣ баён намоед.

### МЕДОНАМ, ДОНИСТАН МЕХОҲАМ

**1**

**УСТО** – донандаи коре, моҳир дар ҳунаре, мутахассис дар пешае, шахсе, ки ба корҳои маъмурӣ ва техникии коргоҳ, баст ва ё шӯъбаи кори сохтмон сардорӣ мекунад.

**УСТОД** – муаллим ва омӯзгори бузург, ихтисосманде, ки дар соҳаи худ ба ҳадди камолот расидааст, унвони фахрӣ, ки ба пешқадамони ягон соҳаи кору фаъолият дода мешавад.

**2**

**ШОГИРД** – он ки дар назди усто ё муаллиме чизе меомӯзад (дарс, касбу ҳунаре); хонанда, талаба, дарсхон; ёрманд, дастёр, хизматгор.

**ШОГИРДӢ** – омӯхтани касб ё дониш дар назди усто ё муаллиме; амал ва шуғли шогирд.

**ШОГИРДЧӮБ** – чӯбе, ки ба воситаи он пиллаи абрешимро пас аз ҷӯшондан аз ҳам ҷудо мекунанд.

**Шогирд шудан ба касе** (кор омӯхтан, барои коромӯзӣ кор кардан ё хондан дар назди касе), **усто шудан** (маҳорат пайдо кардан), **усто будан ба коре** (моҳиру чирадаст будан дар коре,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ӯҳдабаро будан), устоди кори худ будан (донандаи кори худ будан), дар кори худ чусту чолок будан (маҳорат доштан), ба шогирдӣ гирифтан (касеро ба назди худ барои ҳунаромӯзӣ гирифтан), ба шогирдӣ додан (касеро барои омӯхтани касбу ҳунаре ба назди устое мондан).

Зарбулмасали зеринро шарҳ диҳед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

Калимаҳое, ки ба предметҳо, аломату миқдори онҳо далолат карда, ба ҷойи исм, сифат ва шумора кор фармуда мешаванд, ҷонишин ном доранд.

Ба ҷойи исм: Мавлоно Ҷалолиддин танҳо бо тахаллуси «Балхӣ» эҷод накардааст. Ӯ бо лақаби «Румӣ» низ шӯҳрат дорад.

Ба ҷойи сифат: Меҳрдод ҷавони ҳунарманд аст. Пешаи рассомӣ, кандакорӣ, гулрезӣ обрӯйи ӯро дар байни ҳамсолонаш зиёд кардааст. Вай ин ҳунарҳоро дар омӯзишгоҳ ёд гирифтааст.

Ба ҷойи шумора: Нилуфару Хушранг ҳар рӯз пас аз дарс ду-се қуттӣ себ мечинанд. Хирадманд ҳам кӯшиш дорад, ки ҳамин қадар себ чинад.

## ҶОНИШИН

Ҷонишинҳои таркиби ҷумлаҳоро муайян намоед ва ба зераш хат кашед.

1. Вай қадбаланд, қоматаш рост, ришаш сип-сиёҳ пӯсти рӯяш сиёҳтоб буд. 2. Ин гуна либоси тоза маро хурсанд карда буд. 3. Бародарам ҳам ҳамин қадар дафтар дорад. 4. Ман воқеаи мактабхонии худро дар «Мактаби кӯҳна» ном асари худ батафсил зикр кардам. 5. Ӯ аз мошин фуромада, ба тарафи боғ равон шуд. 6. Мо низ аз паси устод равон шудем.

Ба ду гурӯҳ тақсим шуда, доир ба касб ва ҳунари зерин ҳарф занед.

**ГУРӮҲИ А** | **ГУРӮҲИ В**

ДУХТУР | ДӮЗАНДА



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо интихоби сарлавҳа доир ба шуғлу пешаашон матн тартиб диҳед.





## МАВЗӮИ 19. ҲУНАР – БЕҲ АЗ СИМУ ЗАР

Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,
Ганҷу зар пеши ҳунар чизе нест!
Ҳунаре неҳ, ки диҳад симу зарат,
Ҳунари аз дилу ҷон ранҷбарат!

Ҳунар сармояи гаронест, ки онро бо ягон дороӣ, сарват, симу зар иваз кардану харидан номумкин аст. Ҳунар инсонро бузургию шаҳомат бахшида ӯро болидарӯҳ мегардонад. Ҳунар зиндагиро зебоӣ мебахшад. Шахси боҳунар дарахти босамареро мемонад,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ки шабеҳи меваҳои болаззату хӯрданбоб. Шахси боҳунар дарёеро мемонад, ки онро ҳар замон обест зулолу ошомиданӣ!

Заҳмату кору ҳунар касро намоянд номдор,
Олиҳиммат кас, зи ҳастии ҳунар мумтоз шуд!



Шахси ҳунармандро ҳар як дақиқаи умр ғанимат аст ва онро бамаврид истифода мебарад. Намегузорад, ки лаҳзае ройгон гузарад. Аз донае хирмане месозад, аз матое ҷомае медӯзад, аз гуле гулзор ҳосил мекунад. Бо дастони ҳунарманди бузургу меҳнатофаринаш, ақли бинандаро асир месозад. Ҳунарҳои волои ҳунармандони асилро дида бешубҳа ононро ҳунармандони бузург номгузорӣ мекунем, ки ин номҳои бузург бе меҳнату заҳмати зиёд ба даст намеоянд.

Барҳақ гуфтаанд:

Бе дарду ранҷ ганҷ муяссар намешавад,
Музд он гирифт ҷони бародар, ки кор кард!

Музди меҳнати бузурги кас агар аз як тараф маош бошад, аз тарафи дигар, омӯхтани ҳунари бузург аст. Ҳамаи ҳунарҳо ҳангоми омӯзиш душворие доранд, ранҷе доранд, ки касро дилгир месозанд, вале кам одамоне ёфт мешаванд, ки ин душвориҳоро паси сар менамояндy ҳунаре меомӯзанд. Бехабар аз он, ки омӯхтани ҳар як ҳунари воло инсонро дар зиндагӣ воломақому соҳибтаҷриба ва бузургдилу бообрӯ мегардонад. Тавре бузургон мегӯянд: «Ҳунар давлати поянда ва чашмаи зоянда аст».



Ҳунарманди асил бо ҳунари волои худ дар ягон давру замон ба касе ё чизе эҳтиёҷ пайдо намекунад. Дастнигар намегардад, зеро худ кони ҳунари волост. Ҳунар як коргоҳи бузургест, ки доимо ҳамсафари касони боистеъдод аст. Ҳунарманд коргоҳ намеҷӯяд ва ба куҷое, ки наравад, метавонад бо дастоварди бузурги худ музде пайдо намояд, ки боиси рӯзгузарониаш



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

гардад. Илова бар ин, бо ҳунари волояш машҳур гашта, қудрату манзалати зиёд пайдо мекунад.

Шахсе, ки устувории пойдевори ҳаёти хешро меандешад, ҳамеша пайи омӯзиш аст. Мекӯшад ҳамеша чизеро омӯзад, ки боиси волоҳунар гардиданаш гардад. Дар натиҷаи меҳнати гарон ба касе амалеро анҷом диҳад, ки ҳам боиси хурсанд гардидани ӯ ва ҳам барои худаш манбаи омӯзиш бошад. Ба гуфти Кайковус: «Мардуми бехирад мардумони бесуданд, чун муғелон, ки тан дораду соя надорад, на худро суд мекунад, на дигаронро».

Ҳар як инсон дар зиндагӣ меъмори худ аст ва аз худ метавонад шахсияти бузург пайдо созад. Ин бузургӣ ба хиради дониши кас вобастагӣ дорад. Дар дунё каси беайб нест. Лекин кӯшиш бояд кард, ки ҳунарманд буд, зеро каси ҳунарманд беайб аст. Дӯстонро низ ҳунарманд бояд интихоб кард, зеро дӯсти беҳунар занҷири костаро мемонад, ки бо андак беэътиноӣ канда мегардад ва ҳангоми душворие зуд мегурезад.

Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,
Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ!
Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,
Дар дидаи мардумон азиз аст!!!





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҳунарманд агарчӣ норасоии зиёд дошта бошад, бо дастранҷи бузурги худаш метавонад дигаронро шефта гардонад, ба фикр водор созад, ки чӣ тавр ӯ тавонистааст чизе офарида, дигаронро ба ҳайрат гузорад.

Бекорӣ – вабои тан аст мегӯянд. Модоме, ки бекорӣ дард меовардааст, пас ҳар лаҳзаву ҳар соат мебояд омӯхт, ки ҳунари волое ба даст овард. Ҳунари воло муҳитро зебову ҳунармандро воломақом мегардонад. Ҳунаромӯз дар кадом ҳолате, ки набошад, мекӯшад чизеро омӯзад, ҳунарашро сайқал диҳад, машҳур ва созгори атрофиён гардонад.

Ҳунар ганҷинаи пурзар ва ҳунарманд заргари бузургест, ки бо офаридаҳои ҷолибаш мафтунгари дилҳои инсонист. Назокату нафосати ҳар як ҳунарманди асил сирри ниҳони худро дорад, ки дастовардҳои ҳар як ҳунарманд аз дигаре хубтару беҳтар диққати бинандаро ба худ ҷалб менамояд, вале фарди беҳунар дар ҳама маврид хору залил аст!

Байни гурӯҳҳо матнро тақсим кунед ва пас аз он хонед, мазмунашро нақл кунед.

Аз рӯйи расм дар хусуси шуғлу пеша (ҳунар)-ашон ҳарф занед.

## МЕДОНАМ, ДОНИСТАН МЕХОҲАМ

### ЧИРО?

| Тарзи навишт ва сохту таркиби калимаро | Тобиши маъноии калимаро |
|---|---|
| **КАСБ** | Бо кӯшишу меҳнат ба даст овардани чизе, ихтисос, шуғл: касби илм дониш омӯхтан, илмомӯзӣ. |
| | Пеша, ҳунар, ҳирфа; касбу кор пеша ва шуғл; касб карда гирифтан ба худ пеша қарор додан (шуғлеро); касби камол кардан илму дониш андӯхтан, комил шудан дар илму дониш ва одобу ахлоқ. |
| | Намуди асосии шуғл, ки бо ҳуҷҷат (ба таҳсилот) тасдиқ мегардад. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳамчун забоншиноси ҷавон бо илова ба калимаи **ҳунар** калимаҳои аз ҷиҳати тобиши маъно фарққунанда тартиб диҳед.

| | 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|---|
| Ҳ | ВАР | МАНД | ПАРВАР |
| У | ВАРӢ | МАНДӢ | ПЕША |
| Н | ГОҲ | МАНДОНА | ПАРВАРӢ |
| А | ИСТОН | ОМӮЗ | НАМО |
| Р | Й | ОЗМОЙ | НАМОЙ |

Бо корбасти ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Ҳунар омӯхтан, касб ёд гирифтан, касб ёд додан, ҳунарманди моҳир, дастаи ҳунарӣ, дасти ҳунарнамо, ҳунар ба кор бурдан, аҳли ҳунар, даҳ панҷааш ҳунар, панҷ ангушташ ҳунар.

Таъбирҳои зеринро шарҳ диҳед.

1. Ҳунар – беҳ аз симу зар.
2. Ба як ҷавон чиҳил ҳунар кам аст.
3. Ҳунар – давлати поянда.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз рӯйи расм бо корбасти ҷонишинҳо бо тартиб додани чанде аз ҷумлаҳо касбу ҳунарҳояшонро равшан намоед.

**МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД**

## ХЕЛҲОИ ҶОНИШИН АЗ РӮЙИ МАЪНО

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Ҷонишинҳои шахсӣ | ман, ту, ӯ, вай, мо, моён, шумо, шумоён, онҳо, онон. |
| 2 | Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ | худ (худам, худат, худаш), хеш, хештан |
| 3 | Ҷонишинҳои ишоратӣ | ин, он, ҳамин, ҳамон, чунин, чунон, ин гуна, он гуна, ин хел, он хел. |
| 4 | Ҷонишинҳои саволӣ | кӣ, киҳо, чӣ, чиҳо, кадом, чанд, чандум, чӣ хел, чӣ гуна, чӣ навъ. |
| 5 | Ҷонишинҳои таъинӣ | ҳама, ҳар (ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар кас, ҳар кадом, ҳар як). |
| 6 | Ҷонишинҳои номуайянӣ | кадом, баъзе, ягон, якчанд, фалон, фалонӣ, ким-кӣ, ким-кадом, ким-чӣ, ким-чӣ хел, ким-чӣ гуна, ким-чӣ тавр. |
| 7 | Ҷонишинҳои манфӣ | ҳеч, (ҳеч кӣ, ҳеч чӣ, ҳеч як, ҳеч кас, ҳеч, чиз, ҳеч кадом). |
| 8 | Ҷонишинҳои муштарак | якдигар, ҳамдигар (ҳам). |

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Хонед ва навиштани матни нотамомро идома диҳед.

Ҳунарҳо чанд намуд мешаванд, ки ҳар фард вобаста ба хоҳишу завқи худ метавонад, дилхоҳи онро аз худ кунаду машғули он шавад. Масалан, нафаре устои мошин аст, нафари дигар кандакор. Ҳастанд боз нафароне, ки асбобҳои мусиқиро хуб менавозанду дар давоми зиндагӣ аз пушти он нон мехӯранд.

Шахси ҳунармандро ҳам дар ҳама ҷо гиромӣ медоранд. Шуғл доштан аз ҳунармандист ва нафаре, ки ягон ҳунар дорад, дар зиндагӣ ҳамеша роҳат мебинад. Ҳунарманд вақти худро манфиатнок истифода мебарад, ба беҳудакорӣ машғул намеша-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

вад, ба шарофати ҳунар ва меҳнати ҳалоли худ нони худро меёбад.

Ҳунар омӯхтан ҳам аз кас танҳо фаҳмиши баланд ва завқ доштанро талаб мекунад. Омӯзиши он агар як моҳ ва ё як солро дар бар гирад, манфиати он то охири умр ба ҳунарманд басанда аст...

## МАВЗӮИ 20. КАСБУ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

Касбу ҳунар ва машғулиятҳое, ки дар «Шаҳрошӯб»-и Сайидои Насафӣ тасвир шудаанд, метавон ба се гурӯҳ ҷудо кард. Аввалан, касбу ҳунарҳое аз қабили хаймадӯз, собунпаз, дегрез, ҷилавдор, фӯтабоф, сорбон, ғӯзачин, қиссахон, хоркаш, дуктарош ва ғайра, ки дар замони Сайидои Насафӣ роиҷ будаанд ва имрӯз аз байн рафтаанд. Сониян, касбу ҳунарҳое монанди шоликор, найнавоз, заргар, сартарош, қассоб, тоқидӯз, мӯзадӯз, ошпаз, дуредгар, санбӯсапаз, нонпаз, табиб ва амсоли онҳо, ки то замони мо расидаанд ва аз касбу ҳунарҳои маъмул ҳисоб меёбанд. Гурӯҳи сеюмро касбу ҳунарҳое ташкил медиҳанд, ки муддате дар байни мардуми мо аз байн рафта, имрӯз аз нав эҳё ва роиҷ шудаанд. Масалан, касбу ҳунарҳо ва машғулиятҳое чун тарбузфурӯш, нонфурӯш, испандсӯз, савдогар, шарбатфурӯш, ҳалвогар, ҷуғротфурӯш, ҳаммол, ҳезумфурӯш.

Аз ҷумлаи касбу ҳунарҳое, ки имрӯз аз байн рафтааст, касби машксозӣ (халтаи чармин барои обгирӣ) мебошад, ки дар «Шаҳрошӯб»-и Сайидо чунин тасвир шудааст:

Эй дӯстон зи шӯхи машксоз алҳазар,
Дӯкони ӯст пур зи машкҳои гурбасар.

Дар фардбайти дигар Сайидо тасвири шахсе мекунад, ки шуғли ӯ испандсӯзӣ будааст:

Дилбари испандсӯзам оташамро кард тез,
То кунам дар хидмати ӯ пеши мардум ҷастухез.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Ҳунарҳои то замони мо омада расида ва маҳфузмондаи замони Сайидои Насафиро бо гурӯҳбандӣ нависед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МЕДОНАМ, ДОНИСТАН МЕХОҲАМ

### ЧИРО?

| Тарзи навишт ва сохту таркиби калимаҳоро | Тобиши маънои калимаҳоро |
|---|---|
| **МАШК** | Пӯсти яклухт кандаю ошдода дӯхтаи гов ё гӯсфанд барои кашондани об, дӯғ ва ғайра: машки об. |
| **МАШКОБ** | Он ки бо машк об мекашонад, саққо. Замоне дар байни мардум мақоли «Сар қозию пой машкоб» маъмул буд, ки он дар ҳаққи гурӯҳи одамоне гуфта мешуд, ки онҳо аз намояндагони табақаҳои гуногун иборат буданд. |
| **МАШКОБӢ** | Касби машкоб, обкашонӣ бо машк. |

### ФАРҚ БАЙНИ КАЛИМАҲОИ «МАШК» ВА «МАШҚ»-РО ДОНИСТАН МЕХОҲАМ

Калимаи «машқ» дар забони адабии ҳозираи тоҷик маъноҳои барои ба даст овардани малака ва маҳорати пай дар пай машғул шудан бо коре, тамрин, тайёрии пешакӣ, инчунин супориш дар китобҳои дарсӣ барои омӯзондан ва мустаҳкам кардани саводу дониши донишомӯзон аз фанне, тайёрии пешакӣ дар навохтани созе ё дар сароядагӣ, яъне машқи танбӯр (навохтани танбӯр), маҷмӯи ҳаракатҳои махсуси аъзои бадан барои мустаҳкам кардани саломатӣ ва зиёд кардани қобилияти ҷисмонӣ, яъне варзиши бадан, такрор ба такрор анҷом додани коре барои ёд гирифтан ва малака ҳосил кардан, қабл аз ба саҳна гузоштан ё ба саҳна баромадан, шеъргӯӣ ва шеърнависӣ кардан барои ёд гирифтанро ифода менамояд.

Калимаҳои «машк» ва «машқ» аз ҷиҳати имло ва ифодаи тобиши маъно аз ҳамдигар фарқ доранд. Калимаи аввалӣ ба фонди забон ҳамчун калимаҳои архаистӣ маҳфуз мондааст ва калимаи дуюмӣ дар забони адабии имрӯзаи тоҷик мавриди истеъмол аст.

Шинос шавед ва ба хотир нигоҳ доред.

**Ҳаммол** – боркаш, борбардор, борбар.
**Ҳаммолӣ** – борбарӣ, боркашӣ.

**КАНДАКОРӢ.** Усули коркарди ҳунарии чӯб, санг, устухон, гач, гил ва ғайра, ки бо роҳи кандану бурида гирифтан ҳосил мешавад. Кандакорӣ дар меъморӣ (ороиши биноҳо), истеҳсоли ашё-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



ву анҷоми рӯзгор ва ғайра истифода мешавад. Дар кандакорӣ, асосан, чӯбро (арча, чанор, тут, чормағз) ба кор бурда, аз онҳо ашёҳои рӯзгор (коса, табақ, кавш ва ғайра), шоҳсутунҳову раву болор, дару дарвозаҳои нақшин, панҷара ва амсоли ин месозанд. Ҳунари кандакорӣ дар ороиши чойхонаҳо, масҷидҳо, хонаҳои истиқоматӣ истифода мешавад. Ҳамчунин дар солҳои охир шакли қолабии (рехтани гаҷ) ин амал маъмул шудааст, ки барои ороиши биноҳо ва хонаҳои истиқоматӣ истифода мебаранд.

**ДУРЕДГАРӢ (чӯбкорӣ, наҷҷорӣ).** Соҳаи ҳунармандӣ, ки ҷузъҳои иморатсозӣ ва сохтани ҷиҳози рӯзгор (ҷевон, гаҳвора, созҳои мусиқӣ, сандуқ, ароба, зин, табаққо, қошуққои чӯбӣ ва ғайра)-ро дар бар мегирад. Маводи хоми наҷҷорӣ, асосан, чӯб ва ашёи ҷузъӣ-ширеш, шилм, меху мехчӯбҳо мебошад. Афзори наҷҷорӣ дастранда, ҷафсранда, аспакранда, дарозранда, гулран-





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

да, новаранда, комаранда, арраҳои гуногуну исканаҳои хархела буда, сабти чунин навъи нақшҳо тавассути асбобҳои махсус – уштургардан, гурсунба, қалами ростак, паргор ва ғайра сурат мегирифт.

Ба гурӯҳҳо тақсим шуда, матнҳоро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Оид ба амал ва ҳунари кандакорӣ, дуредгарӣ ҳарф занед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

## ҶОНИШИНҲОИ ШАХСӢ

Калимаҳои ман, ту, ӯ (вай), мо, шумо, онҳо (онон)-ро нисбат ба шахс, инсон истифода мебаранд ва аз ин рӯ онҳоро ҷонишинҳои шахсӣ мегӯянд.

Ҷонишинҳои шахсӣ ба ҷойи исмҳое, ки шахсро ифода мекунанд, кор фармуда мешаванд. Ин гурӯҳи ҷонишинҳо ба шахси гӯянда (ман, мо), шунаванда (ту, шумо) ва ғоиб (ӯ, вай, онҳо, онон) далолат менамоянд. Гӯяндаи суханро шахси якум, шунавандаро шахси дуюм ва ғоибро шахси сеюм меноманд.

| Шахсҳо | Шахсҳо | |
|---|---|---|
| | Танҳо | Ҷамъ |
| Шахси якум – гӯянда | ман | мо, моён |
| Шахси дуюм – шунаванда | ту | шумо, шумоён |
| Шахси сеюм – ғоиб | ӯ, вай | онон, онҳо |

Бо корбасти ҷонишинҳои шахсии зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1 МАН

2 ТУ

3 ВАЙ

4 МО (МОЁН)

5 ШУМО (ШУМОЁН)

6 ОНҲО (ОНОН)



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Матнҳоро хонед ва дар бораи амал ва ҳунарҳои гаҳворасозӣ, сандуқсозӣ маълумот омода намоед.



**ГАҲВОРАСОЗӢ.** Як навъи ҳунаре, ки аз чӯби бед, чормағз, зардолу ва тут гаҳвора месозанд. Одатан дарозии гаҳвора 1–1,5 м, бараш 35–45 см ва баландиаш зиёда аз 50–60 см мешавад. Асоси гаҳвора аз (тир) даста ва тахтачӯб иборат буда, поёнтари тахтачӯбро барои тубак (сиба) сӯрох мекунанд. Даставу тахтачӯб аз ду тараф бо чамбари нимдоира васл мешаванд. Барои муҳофизати сар ва пойи кӯдак ба дохили чамбар ба тарзи амудӣ чӯбакҳо мегузоранд. Даставу чамбарҳо ва қасабаи гаҳвораро наққошиву кандакорӣ мекунанд.



**САНДУҚСОЗӢ.** Як навъ ҳунари қадимаи мардумист, ки аз чӯб сохтани асбоби рӯзгор, қуттии калоне, ки дар он анҷоми рӯзгор, асбоби зиннат ва дигар чизҳои нодирро нигоҳ медоранд, дар бар мегирад. Тахтаҳои пеш, қафо ва зери сандуқро ба ҳам васл намуда, мехкӯб мекунанд. Қисми пеши сандуқро тунука кашида, онро ба таври дилхоҳ оро медиҳанд. Тунукаро бо мех зарб зада дар рӯйи он нақши гул ё ягон нақши дигарро мепартоянд, сипас ба рӯяш ранг мемоланд. Барои бардоштани сандуқ ба ду паҳлӯйи он ҳалқа мешинонанд.

## МАВЗӮИ 21. ҲУНАР – БЕҲ АЗ МОЛИ ПАДАР

**НАҚҚОШӢ (нақшкашӣ).** Ҳунари офаридани нақш, маҳсули эҷоди ҳунармандони халқӣ ва касбӣ, яке аз навъҳои қадимаи санъати ороиши амалӣ. Наққошӣ таърихи қадима дошта, инкишофи ҳунарҳои меъморӣ, кулолӣ, мисгарӣ, заргарӣ, қолинбофӣ, гулдӯзӣ ба тараққиёти он мусоидат намудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар наққошии нусхаҳои гиреҳ (гиреҳи паргор, мадохил, чавак, секунҷа, мураббаъ, ситораҳо, чоркалид, чоркарта, доира, морпеч, мавҷ, кункура...), ислимӣ (қуштаноб, марғула, бодом, анор, гули хайрӣ, садбарг, лола, тоҷи хурӯс, нилуфар, ангур, анҷир...), катиба, акси ҷонварон (булбул, тутӣ, паланг, кабк...) маъмуланд.



Матнро хонед ва дар бораи амал ва ҳунари наққошӣ ҳарф занед. Пас аз он саволҳо тартиб диҳед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

## БАНДАКҶОНИШИНҲОИ ШАХСӢ–СОҲИБӢ

Бандакҷонишинҳои шахсӣ–соҳибӣ дорои маънои луғавӣ-грамматикӣ мебошад. Онҳо дар як вақт ҳам соҳибият ва ҳам шахсро далолат мекунанд. Онҳо ба охири исмҳо ҳамроҳ шуда, ба кӣ ва ё кадом шахс тааллуқ доштани онро мефаҳмонанд.

Бандакҷонишинҳои соҳибӣ–шахсӣ се шахс ва ду шумора доранд.

| Шахсҳо | Танҳо | Ҷамъ |
|---|---|---|
| Шахси I | -ам (ям) | -амон (-ямон) |
| Шахси II | -ат (-ят) | -атон (-ятон) |
| Шахси III | -аш (-яш) | -амон (-яшон) |

Ба калимаҳои зерин бо иловаи бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ шахсу шумораашонро муайян намоед.

Китоб, дафтар, қалам, хона, деҳа.

Шинос шавед ва ба хотир нигоҳ доред.

**Наққош** – нақшнигор, нақшунигоркунанда.
**Рассом** – сураткаш, суратгир.
**Мусаввир** – рассом, сураткаш.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## БА ФИКРИ ШУМО

ОЁ ҲАР СЕ КАЛИМАҲОИ ШАРҲДОДАШУДА МУРОДИФИ ҲАМДИГАР ШУДА МЕТАВОНАД?
ҶАВОБРО БА ИШОРАИ КАЛИМАҲОИ «ҳа», «не» ХОТИРНИШИН НАМОЕД.

Бо корбасти калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Наққош, рассом, мусаввирӣ, нақшнигорӣ, расмкашӣ, наққошхона, нақшин, нақшдор, нақшнок, нақшофарин.

**МИНЁТУРНИГОРӢ (миниатюранигор).** Миниатюранигорӣ санъати махсуси тасвирие мебошад, ки барои дастхатҳо, лавҳаҳои тасвири табиат, нигоришҳои графикӣ, портрет истифода карда мешавад. Бо усули миниатюра манзараҳои табиат, набарду муҳориба, лаҳзаҳои шикор, мулоқоти ошиқон, маросимҳо, базм ва ғайра тасвир мешаванд. Аввал дар рӯйи коғаз тарҳи миниатюраро бо об мекашанд, баъди хушкидани об изи онро бо хати сурх ё сиёҳ аёнтар мекунанд. Сипас ба варақ омехтаи оҳар ва сафедии тухм молида, баъди хушкидан онро бо булӯр ё ақиқи сӯхта сайқал медиҳанд.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**ГУЛБАНДӢ (гулбаст, бандона).** Санъати гулпартоӣ дар матои пахтагини суф ва карбос. Нахуст ба он ҷойҳое, ки гул партофта мешавад, қатраҳои ранги зард, сурх ё сабзро мечаконанд. Вақте ки ранг хушк шуд, бо риштаи сафед нуқтаҳои рангшударо ба мисли ангушт сахт мебанданд. Баъд аз баста шудани нақши гулҳо матоъро дар деги рангдор меҷӯшонанд. Тавассути санъати гулбандӣ нақшҳои гули гирд, коса, ситора, моҳтоб, офтоб, чоркунҷа, баргак ва ғайра дар матоъ тасвир карда мешаванд.



Байни гурӯҳҳо матнҳоро тақсим кунед ва пас аз он фикратонро бо хулосаҳои матниқӣ баён намоед.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Ба ҳар се расм сарлавҳа интихоб кунед. Бо корбасти ҷонишинҳои шахсӣ ва бандакҷонишинҳо матнҳои ҳаҷман хурд тартиб диҳед.

## МАВЗӮИ 22. БЕ РАНҶ НАОЯД БА ДАСТ ГАНҶ

**КУЛОЛӢ.** Соҳаи ҳунармандӣ, ки аз хоки махсус сохтани ашё, хусусан, зарфро дар бар мегирад. Барои инкишофи ин ҳунар, пеш аз ҳама, хоки мувофиқ лозим аст. Кулолон аз гил ашёи рӯзгор: коса, табақ, кӯза, хум, хурма ва ғайра истеҳсол мекунанд. Имрӯз дар устохонаву корхонаҳо, фабрикаҳо ва комбинатҳои таълимии истеҳсолӣ маснуоти кулолӣ истеҳсол карда мешавад.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**АЪҶУБАСОЗӢ.** Аъҷубасозӣ як бахши ҳунари кулолӣ аст, ки ба сохтани бозичаҳои гилӣ ва сафолӣ марбут аст. Усто аз гил аъҷубаҳои гуногун ба сурати одамчаҳо, аспу саг, гову буз, аждаҳо ва инчунин ҳуштак, шамъдону гулдон ва ғайра сохта, дар ҷойи соя мехушконад. Сипас дар танӯри махсус бозичаҳоро дар оташи паст дар давоми як шабонарӯз мепазад. Баъди пухта, сард шудан бозичаҳоро аз танӯр берун оварда, сир медавонад ва рангубору ороиш медиҳад.



**ТАНӮРСОЗӢ.** Танӯрро аз хокҳои махсус месозанд. Ҳангоми лой шӯридан барои мустаҳкам шудан ва накафидани девораи танӯр ба он каме пашми чорпо илова менамоянд. Яке аз амалҳои муҳими танӯрсозӣ зери по сум задани лой мебошад. Танӯр аз се қисм иборат аст: тахтаи аввал, тахтаи дуюм ва даҳана. Танӯрро барои хушк намудан дар ҷойи офтобӣ гузошта, андаруни он дар замин каме ангиштро оташ медиҳанд, он бо алангаи паст ангишт ду шабонарӯз сӯхта, танӯрро аз дарун хушк менамояд.

Байни гурӯҳҳо матнҳоро тақсим кунед ва пас аз он фикратонро бо хулосаҳои матниқӣ баён намоед.

Бо корбасти калимаҳои зерин ва интихоби ҷонишинҳои шахсӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Чакандӯзӣ, заргарӣ, кулолӣ, зардӯзӣ, ҳайкалтарошӣ, рассомӣ, оҳангарӣ, сандуқсозӣ, дӯзандагӣ, сангтарошӣ, танӯрсозӣ, кандакорӣ.

**МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ҶОНИШИНҲОИ НАФСӢ-ТАЪКИДӢ

Ҷонишинҳое, ки шахс, предмет ва ё муносибатеро нисбат ба он ифода мекунанд. Ҷонишини аслии нафсӣ-таъкидӣ «худ» буда, он бо исмҳо (худи Салим, худи Карим), бо ҷонишинҳои шахсӣ, ишоратӣ, нафсӣ, саволӣ (худи ман, ман худам, худи ҳамин, худи худаш, худи кӣ), бо бандакҷонишинҳо (худам, худат, худаш, худамон, худатон, худашон) омада метавонад.

Дар назм ба ҷойи худ баъзан калимаи хеш (хештан) кор фармуда мешавад: Хешро мебинам акнун боз дар оғӯши ӯ.

Худ ва хеш (хештан) синоними якдигар шуда меоянд.

Агар мардӣ, ҳимоят кун ватанро,<br>
Бикуш бо хун гуноҳи хештанро.

Порчаҳои шеъриро хонед ва пас аз он ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидиро муайян намоед, ба зераш хат кашед.

Туро, ки мешунавӣ, тоқати шунидан нест,<br>
Маро, ки металабам, худ чӣ гуна бошад хол?!

* * *

Бо хирадуманд бевафо бувад ин бахт,<br>
Хештани хешро бикуш ту як лахт.<br>
Худ хӯру худ деҳ, куҷо набуд пушаймон,<br>
Ҳар кӣ бидоду бихӯрд, аз он чи биялфахт?!

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Биёмӯз дониш, к-аз омӯхтан<br>
Раҳонӣ тани хеш аз сӯхтан.<br>
Аз омӯхтан нанг ҳаргиз мадор,<br>
Чӣ омӯхтан фахр бошад, на ор,<br>
Нигаҳ кун, ки дар «Номаи офарин»<br>
Чӣ гӯяд саросндаи покдин:<br>
«Биёмӯз, ҳарчанд битвониё,<br>
Магар хештан шод гардониё»

*Бадеъи Балхӣ*

Бо корбасти ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидии зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

ХУД | ХУДАМ | ХУДАТ | ХЕШ | ХЕШТАН | Х-ВЕШ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**ОҲАНГАРӢ.** Оҳангарӣ яке аз ҳунарҳои анъанавӣ буда, шахси бо он машғул бударо оҳангар мегӯянд. Дар ҳар устохона ҳадди ақал як усто ва 2 – 3 нафар шогирдон кор мекунанд. Устои калон бо анбӯр оҳанро дар оташ сурх мекунад ва ҳамроҳи яке аз ҳамкорон ё шогирдон онро дар болои сандон бо путку хоиск зада, ба шакли дилхоҳ медароранд. Шогирди дигар банди саночи дамро мунтазам болову поён кашида, ба шӯълаи ангишт бод медиҳад, то ки оташ беист забона занад. Оҳангар аз оҳан ашёи барои зиндагӣ лозимӣ: бел, каланд, табар, дос, болға, корд, гулмех, мех ва ғайраро месозад

**МИСГАРӢ.** Ҳунари аз мис сохтани асбоби рӯзгор, аслиҳа ва ашёи гуногун. Афзори мисгар, асосан, паргор, пӯлодқалам, қайроқ ва болға мебошад. Мисгарон чойҷӯш, офтоба, табақ, лаълӣ, дастшӯй, кӯза, қандоб, яхмос, чилим, шамъдон ва дигар ашёи мисӣ месозанд. Ҳоло дар корхонаҳо ва иттиҳодияҳои ҳунармандӣ ин ҳунар дар ривоҷ буда, мисгарон дар амали худ услубҳои анъанавӣ ва муосирро омезиш медиҳанд.

Матнҳоро хонед, калимаҳои ҳамчун истилоҳи соҳаи шуғл ва ҳунари оҳангарӣ, мисгарӣ корбастшударо бо гурӯҳбандӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Ба ҳар се расм сарлавҳа интихоб кунед. Бо корбасти ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ матнҳои ҳаҷман хурд тартиб диҳед.

## МАВЗӮИ 23. ТИЛЛО ДАР ОТАШ, ОДАМ ДАР МЕҲНАТ МАЪЛУМ МЕШАВАД

**ЗАРГАРӢ.** Як навъ ҳунари истеҳсоли маснуоти ороишӣ, ки тавассути он зару зевар, асбобу ашёи рӯзгор, либосу аслиҳаи ҷангӣ ва амсоли инҳо аз фулузот (тилло, нуқра, мис, биринҷӣ, оҳан ва ғайра), сангҳои қимматбаҳову арзонбаҳо (алмос, лаъл, ёқут, фирӯза, зумуррад, лоҷвард, ҷазъ, булӯри кӯҳӣ, яшм, қаҳрабо,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





ақиқ ва ғайра), аз моддаҳои органикӣ (устухони фил, садаф, марворид, чӯб) сохта мешавад.

Заргарӣ қадимтарин ва машҳуртарин навъи санъати ороиши амалист. Дар тамоми шаҳру вилоятҳои кишвар заргарон ҳоло ҳам навъҳои маснуоти заргарӣ – дастпона, қулфи гиребон, гӯшвора, холчӯб, чолбанд, зира, нуқрапӯшак ва ғайраро хеле моҳирона месозанд ва аз рӯйи ҳунарашон зиндагияшонро пеш мебаранд.

**ЗАРДӮЗӢ.** Зардӯзӣ навъҳои гуногун дорад. Ду навъи он: заминдӯзӣ ва гулдӯзӣ маъмул аст. Дар заминдӯзӣ нақш тамоми сатҳи заминро фаро гирифта, дар он ҷойи холӣ намемонад. Дар навъи гулдӯзӣ бошад, нақш танҳо дар рӯйи қолаб дӯхта мешавад. Зардӯзон тарҳи наққошон ё худашон тайёркардаро аз коғаз бурида рӯйи матоъ мечаспонанд ва аз рӯйи он сӯзан мезананд. Баъд зарро рӯйи нусха монда аз ду тараф бахия медӯзанд.

Ба гурӯҳҳо тақсим шуда, матнҳоро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Оид ба амал ва ҳунари заргарӣ, зардӯзӣ ҳарф занед.

Бо корбасти калимаҳои зерин ва ҷонишинҳои шахсӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Зар, заргар, заргарӣ, заршинос, зардӯз, зарчӯб.

Ҳамчун забоншиноси ҷавон бо илова ба калимаи зар калимаҳои аз ҷиҳати тобиши маъно фарққунанда тартиб диҳед.

| | 1 | 2 |
|---|---|---|
| З А Р | ГАР | БОФТ |
| | ГАРӢ | БОФТӢ |
| | ЗОР | АНДӮЗ |
| | ГУДОЗ | АНДӮЗӢ |
| | ГУН | ГАРОН |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**ЧАКАНДӮЗӢ.** Санъати чакандӯзӣ навъе аз тарзҳои дӯхтани гулҳо, нақшу нигор ва тасвирҳои рамзнок бо риштаҳои ранга дар матои пахтагин мебошад. Одатан, гулдузии чакан дар курта, сӯзанӣ, болишт, ҷойпӯш, бардеворӣ, тоқӣ, гаҳворапӯш, камарбанд, рӯмол ва ғайра истифода мешавад. Ҳар нақши дар болои матоъ дӯхташуда ном дорад, чунончи: косагул, гули анор, барги бед, моҳу ситора, офтоб, абр ва монанди инҳо. Куртаи чакан махсус барои занҳову духтарон дӯхта мешавад. Дар ҷашнҳои расмӣ ва идҳои халқӣ духтарон ҳатман куртаи чакан ба бар мекунанд.

Дар гулдӯзии чакан тасвирҳои рамзнок ва мазмунҳои мифологӣ оид ба табиати атроф, кайҳон, орзую омоли мардум истифода мешаванд. Ҳар нақши дар болои матоъ дӯхташуда ном дорад. Ба монанди косагул, гули анор, барги бед, бодомак, лола, райҳон, тоҷи хурӯс, булбул, думи товус, моҳу ситора, офтоб, абр ва монанди инҳо. Маҳорату таҷрибаҳои дӯзандагон аз интихоби матоъу риштаҳои ранга, нақшкашӣ, дӯхтани гулҳову нақшҳо ва дӯхтани либосҳо иборат мебошад. Риштаҳоро дар даҳсолаҳои гузашта худи ҳунармандон аз калобаи пахтагин тайёр мекарданд. Риштаҳоро бо гиёҳу моддаҳои химиявӣ ранг мекарданд. Ҳоло чакандӯзон асосан аз риштаҳои дар корхонаҳои бофандагӣ омодагардида истифода мебаранд.

Матнро хонед ва дар бораи амал, ҳунари чакандӯзӣ ҳарф занед. Пас аз он саволҳо тартиб диҳед.

**МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД**

## ҶОНИШИНҲОИ ИШОРАТӢ

Калимаҳое, ки ба предметҳо ё ба аломати онҳо ишорат мекунанд, **ҷонишини** ишоратӣ ном доранд.

Ҷонишинҳои ин, он, ҳамин, ҳамон, чунин ҷонишинҳои ишоратӣ мебошанд. Ҷонишинҳои ин, ҳамин ба предмет, ҷонишини чунин ба хусусияти предметҳои ба гӯянда наздик, ҳамон ба предмет ва ҷонишини чунон ба хусусияти предметҳои аз гӯянда дур ишорат мекунанд. Ин, он, ҳамин, ҳамон хоси шахсу предмет буда, дар шакли ҷамъ ҳам меоянд: инҳо, онҳо, ҳаминҳо, ҳамонҳо.

Ҷонишинҳои чунин, чунон ҳамон хусусияти шахс ва предметанд: шаҳри калон – чунин шаҳр, қалами сурх – чунин қалам. Дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҷумла ҷонишинҳои ишоратӣ бисёр вақт бо исмҳо ё калимаҳои дигар дар як таркиб омада метавонанд: Ин одам, ин кор, ҳамин кас, ҳамин чиз, ин қадар (он қадар) пахта. Вай бо ҳамин фикр нӯг-нӯги по қадам монда омад.

Ҷонишинҳои ишоратӣ ба ифодаи миқдору андоза ҳам ишорат мекунанд. Дар ин маънӣ бо ҷонишинҳои ишоратии аслӣ калимаҳои ифодакунандаи миқдору андоза дар як таркиб меоянд: ин қадар, он қадар, ҳамин қадар, ҳамон қадар.

Бо корбасти ҷонишинҳои ишоратии зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| ИН | ҲАМИН | ҲАМОН |
| ОН | ЧУНИН | ЧУНОН |
| ИН ГУНА | ИН ХЕЛ | ОН ХЕЛ |

**ҚУРОҚДӮЗӢ (порадӯзӣ, қурамадӯзӣ, таркдӯзӣ, гулбурӣ).** Навъе аз усули гулдӯзии матоъ. Чеварҳо пораҳои хурди газворро қат карда, паҳлӯйи ҳам мегузоранд, сипас аз болояш пораи дарозтарро ниҳода, бо мошина ё дастӣ медӯзанд. Ҳар як нақши қуроқ маънию рамзи махсус дорад. Гулдӯзии қуроқ барои ороиши кӯрпа, кӯрпача, болишт, дастурхон, ҷойнамоз, гаҳворапӯш, борҷогаҳ ва ғайра истифода мешавад. Ду намуди дӯхти қуроқ маълум аст: сехишта (турна) ва чорхишта.

Дар байни тоҷикони водии Фарғона маснуоте, ки аз порчаҳои газвор ва матоъ дуруст мешуд, дар оин ва суннатҳои худ аз таваллуди одам то ба давоми умраш истифода мекарданд. Масалан, дар рӯзи ҳафтуми таваллуди кӯдак аз хонаводагиҳое, ки дар он пирони кордида маскан доштанд, порчаҳои хурди матоъ ҷамъоварӣ намуда ва бо нияти нек (ки дар оянда умри тӯлонӣ ва дорои фарзандон ва наберагони зиёд шавад) аз он порчаҳо пироҳани хурд дӯхта, ба тани кӯдак то баромадани чилрӯзагӣ мепӯшонданд. Пеш онҳое, ки тифли дардманд доштанд, гаҳворапӯши гаҳвораро аз қуроқ медӯхтанд ва умед доштанд, ки бо ин роҳ тифлро аз дард наҷот диҳанд.

Дар маросими тӯй бо орзуи (таманнои) зиндагии босаодат, дифоъ аз захми чашм ва атои фарзандон, аз ду ҷониби чодар порчаҳои варақӣ (қатлама) дӯхта мешавад ва ба остонаи дар пойандози қуроқӣ ба шакли гирдача ва чаҳоркунҷа меандохтанд. Дар назди домоду арӯс дастархони қуроқӣ – суфраи порчагӣ бо таман-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

нои фаровонии неъмат густурда мешавад. Омезиши порчаҳои гуногунранг – рамзи ба синни кӯшапирӣ расидани наварӯсон ва сулҳу оромӣ дар байни қудоҳоро нишон медиҳад. Дар маросими азодорӣ болишти қуроқӣ (қуроқболишт) дӯхта мешуд. Маснуоти қуроқ дар маҳри арӯсӣ низ дида мешуд. Ба он пойандоз, чодарӣ, болиштҳо ва кӯрпаҳои қуроқӣ дохил мешуд. Онҳоро бо нияти бардавомии сиҳатии кӯдакон ва паноҳдорӣ аз захми чашм бо тарзҳои гуногун медӯхтанд. Дар маросими тӯйи суннатӣ ду болишти қуроқӣ ва як кӯрпача, як хӯрҷин ва як гарданбанди асп дӯхта мешуд. Дар ҳар як маснуоти қуроқдӯзӣ на фақат ҷиҳати эстетикии он, балки хусусиятҳои хоси маҳаллӣ низ зоҳир мегардид. Дар қуроқдӯзӣ манзараҳои табиат, хусусиятҳои таҳҷоӣ, нақшҳои геометрӣ тасвир меёфтаанд. Бо василаи қуроқдӯзӣ – нақшҳои қадимӣ, рамзу нишонаҳое, ки дар эҷодиёти мардумӣ (истифода) тасвир шудаанд, зинда мегарданд. Бо воситаи рангҳои матоъ, мазмун ва ғояи ороиш ва нақшҳои тасвирӣ фосеҳ ва равшан зоҳир мегарданд. Дар замони муосир санъати қуроқдӯзӣ ба манзалати умумиҷаҳонӣ расида, хусуситҳои хосаи фарҳангии ҳамаи халқҳоро инъикос мекунад.

*Аз «Феҳристи миллии фарҳанги ғайримоддӣ»*

Ба гурӯҳҳо тақсим шуда, матнро хонед ва бо назардошти мазмун саволҳо тартиб диҳед.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо интихоби сарлавҳа ва корбасти ҷонишинҳои ишоратӣ доир ба амали қуроқдӯзӣ матн тартиб диҳед.

## МАВЗӮИ 24. МЕҲНАТ КУНӢ, РОҲАТ МЕБИНӢ

**БОФАНДАГӢ.** Ҷараёни технологии аз ресмон бофтани матоъ. Матоъ аз бофтаи ду низоми нахҳои нисбат ба ҳамдигар амудӣ – тору пуд ҳосил мешавад. Тору пуд дар заминаи нахпечонӣ, тортанӣ, оҳардиҳӣ ва фарққушоӣ тайёр карда мешавад. Абрешим, пашм, зағирпоя, канаб, пахта ва ғайра ашёи хоми бофандагианд. Дар давоми асрҳо аҳолии маҳаллӣ аз алоча, қаламӣ, суф, чит, карбос, дока ва ғайра истифода мебурданд.



**АДРАСБОФӢ.** Бофтани навъе аз матои маҳаллӣ, ки аз нахҳои абрешимӣ ва пахтагин



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



бофта мешавад. Пуди адрас аз се ресмони борики сафед ё ранга иборат мебошад. Андозаи бари адрасҳо маъмулан се хел мешаванд: оддӣ («одмиёна») – 40 см, сербар («олчинбар») – 70 см ва камбар («якбара») – 26 см. Барои гулпартоӣ адрасро абрбандӣ мекунанд.

**АЛОЧАБОФӢ (зебак, фарангӣ, абрешимӣ).** Алоча матои рахдори рангоранг ва дорои нақшу нигори мураккабу реза мебошад. Нақши алоча аз рахҳои ҳаррангаи кабуд, сабз, сиёҳ, сурх ва зард таркиб меёбад. Нақшҳои он «миттӣ», «мушку заъфар» ва «байрақ» ном доранд. Тори алочаи дубанда 400 нах дошта, бараш тақрибан 40 см мебошад. Пудашро аз ресмони кабуд, сиёҳ ва баъзан сабз тайёр мекунанд.

Ба гурӯҳҳо тақсим шуда, матнҳоро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Оид ба амал ва ҳунари бофандагӣ, адрасбофӣ, алочабофӣ ҳарф занед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

**ҶОНИШИНҲОИ САВОЛӢ**

Ҷонишинҳое, ки пурсишро ифода мекунанд, ҷонишини саволӣ мебошанд.

Ҷонишинҳои кӣ? (киҳо?), чӣ (чиҳо?), чӣ хел?, чӣ гуна?, кай?, куҷо?, чанд?, чаро?, кадом?, чӣ тавр?, чӣ тарз? ба ҷонишинҳои саволӣ мансубанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҷонишинҳое, ки дар ифодаи худ шахс, предмет, миқдор, сифат ё аломати амалу ҳолатро доранд. Онҳо аз ҷиҳати маъно ба мафҳумҳои ҷудогона нисбатан хос шуда мондаанд. Аз ин рӯ, ҷонишинҳои нисбӣ низ номида мешаванд:

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Нисбат ба шахс | кӣ, киҳо |
| 2 | Нисбат ба предмет | чӣ, чиҳо |
| 3 | Нисбат ба сифату аломат (бо калимаҳои дигар дар як таркиб меоянд) | чӣ гуна, чӣ хел, чӣ тавр, чӣ навъ, чӣ сон, кадом, кадом хел |
| 4 | Нисбат ба миқдору андоза | чанд, чӣ қадар, чӣ миқдор, ба чӣ андоза (тартиби предмет – чандум) |
| 5 | Нисбат ба замон | кай, аз кай, то кай, кай боз, то ба кай |
| 6 | Нисбат ба макон | куҷо, дар куҷо, дар куҷоҳо, то куҷо |
| 7 | Сабабу мақсад | чаро, барои чӣ, аз чӣ сабаб, бо чӣ мақсад |
| 8 | Нисбат ба тарзи иҷрои амалу ҳолат | чӣ тавр, чӣ тарз, чӣ тариқа |

Порчаи шеъриро хонед ва мазмунашро бо хулосаҳои мантиқӣ баён намоед. Ҷонишинҳои таркиби онро номбар кунед. Калимаҳои душворфаҳмро шарҳ диҳед.

Чӣ гуна созам бо ӯ, чӣ гуна ҳарб кунам,
Заиф колбадам, ман на кӯҳаму на гавам.
Вафо-ш ориятӣ, айбу ори ӯ фонӣ,
Ба айби ориятӣ чиз бар, чаро фанавам?

*Абӯалӣ ибни Сино*

Бо корбасти ҷонишинҳои саволии зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| КӢ | КАДОМ | ЧАНДУМ |
| КИҲО | ЧАНД | ЧӢ ХЕЛ |
| ЧӢ | ЧИҲО | ЧӢ ГУНА |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**ҚОЛИНБОФӢ.** Қолинҳо вобаста тарзи истеҳсол бофташуда, дӯхташуда ва гулдор мешаванд. Барои бофтани қолинҳо аз ресмонҳои пашмӣ, пахтагин, патдор ва нахи сунъӣ истифода мебаранд. Бофтаи қолин аз якчанд қисм иборат аст: тор, пуд, печаки паҳлӯӣ, тӯр, пӯпак ва тугун ё гиреҳ. Пуд аз байни тор, аз қисми дарунӣ ва берунии он гузашта, бари қолинро ба ҳам пайваста, гиреҳҳои аз пашм бофтаро нигоҳ медорад. Чор навъи гиреҳ маъмул аст: гиреҳи форсӣ, гиреҳи туркӣ, гиреҳи форсии ҷуфтӣ ва гиреҳи туркии ҷуфтӣ.

**САБАДБОФӢ.** Навъи ҳунари мардумии аз химча ва ё навдаҳои дарахт бофтани асбоби рӯзгор, зарфи гуногуншакл, ки барои гирифтани мева, сабзавот, нон ва ғайра истифода мебаранд. Сабадро аз навдаи бед, тут, биҳӣ, анор, ирғай ва ғайра мебофанд. Инчунин аз сим низ мебофанд. Сабад



хелҳои гуногун дорад: сабади гирда, сабади дарозрӯя, харсабад, сабади нон, сабади дастадор, охурсабад, симсабад ва ғайра. Ҳоло сабадҳоро дар корхонаи махсус ва бо масолеҳи гуногун (хас, навда, сим, плостик, резин ва ғайра) тайёр мекунанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ба гурӯҳҳо тақсим шуда, матнҳоро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Оид ба амал ва ҳунари қолинбофӣ, сабадбофӣ ҳарф занед.

**БУРЁБОФӢ.** Бурёбофӣ як навъ ҳунари анъанавии мардумӣ мебошад. Бурё аз поячӯби шикастаи най бофта мешавад. Поячӯби хушки найро бо найчӯб ба ду парра ҷудо карда, онро бо кӯба мешикананд. Дар натиҷа пораҳои дарозрӯяи тунук ҳосил мешавад, ки онро ба тарзи панҷара мебофанд. Андозаи бурё маъмулан 1 м ба 1,5 м, баъзан андаке калон ё хурдтар аз ин мешавад.

## БА САВОЛҲО ҶАВОБ ДОДА МЕТАВОНАМ



Бӯрё гуфта чиро дар назар доред?

Бӯрё аз чӣ омода карда мешавад?

Ҳамзамонони мо оё аз бӯрё истифода мебаранд?

Бӯрёбоф гуфта киро дар назар доред?

## ОЁ ШУМО МЕДОНЕД?

1. _________ (мафраше, ки аз найи кӯфта бофта шудааст ва одатан барои нагузаронидани намӣ аз таги палос паҳн мекунанд, ҳасир. 2. _________ (бофандаи бӯрё, бӯрёсоз). 3. __________ (касбу шуғли бӯрёбоф, бофтану сохтани бӯрё). 4. _________(аз бӯрё сохташуда, бӯрёпеч). 5. ___________ (зиёфате, ки ба шарафи кӯчидан ба хонаи нав ба дӯстон медиҳанд, бӯрёкӯбон кардан). 6. _________ (бо бӯрё печондашуда; хонакӯчу бӯрёпеч бо тамоми чизу чораи хона, ҳамаи ашёи хонаро ҳамроҳ гирифта). 7. ____________ (пуле, ки дар мактабҳои кӯҳна аз падару модари талабагон барои харидани бӯрёву палоси дарсхона мегирифтанд). 8. ____________ одами ниҳоят камбағал. 9. _________ (бӯрёи хурд).

**Калимаҳо барои истифода:** бӯрё, бӯрёбоф, бӯрёбофӣ, бӯрёӣ, бӯрёкӯбон, бӯрёпеч, бӯрёпулӣ, бӯрёпӯш, бӯрёча.

Бо таъбирҳои фразеологӣ ва тобиши маъноии онҳо шинос шавед.

Каждуми таги бӯрё (душмани маккори пинҳонӣ), кирми таги бӯрё (одами аз ҳама гапу ҳарф хабардор).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо корбасти ҷонишинҳои таъинии зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| ҲАМА | ҲАР | ҲАР КӢ |
| ҲАР ЧӢ | ҲАР КАС | ҲАР КАДОМ |
| ҲАР ГУНА | ҲАР ХЕЛ | ҲАР ЧИЗ |

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

**ҶОНИШИНҲОИ ТАЪИНӢ**

Ҷонишинҳое, ки предмет ё аломати онро бо тарзи умумӣ таъин менамоянд, **ҷонишинҳои таъинӣ** ном доранд.

Ҷонишинҳои ҳама ва ҳар ҷонишини таъинӣ мебошанд. Ҷонишини ҳар бо калимаҳои кӣ, чӣ, кас, чиз, кадом, як, гуна, хел, навъ дар як таркиб омада, ба чанде аз предметҳои ҳамҷинс ва ё аломати онҳо далолат мекунанд. Мисол: 1. Ҳисобро ҳар кас хонад, ба пеши ягон кас рафта мехонад. 2. Дар бораи он ҳар хел гапҳо панҷ мешуд.

Ҷонишинҳое, ки шахс (ҳар кӣ, ҳар кас), предмет (ҳарчӣ, ҳар чиз), ё аломати онҳо (ҳар гуна, ҳар навъ)-ро ба таври умумӣ таъин мекунанд, зиёданд: ҳама (ҳамаамон, ҳамаатон), ҳар (ҳар кас, ҳар чиз, ҳар як, ҳар кадом), тамоми ҷонишинҳои таъинӣ бештар бо исмҳо меоянд: ҳамаи хонандагон, тамоми меҳнаткашон, ҳар як хонанда, ҳар хел одам, ҳар навъ бозӣ, ҳар кадомамон. Ҷонишинҳои ҳама тамоми маънои ҷамъ доранд, аммо ҷонишини ҳар дар шакли таркибӣ бештар ба маънои танҳо кор фармуда мешавад: ҳар кадоми мо, ҳар яки онҳо, ҳар чӣ, ҳар кӣ.

Порчаҳои шеъриро хонед, ҷонишинҳои таркиби онро муайян намоед ва ба зераш хат кашед.

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ҳар шаб аз ёдат мунаввар мекунам кошонаро,
Гирдбоди оҳ месозам чароғи хонаро.

*Сайидои Насафӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Хоҳ бигзорӣ ба ҳаҷру хоҳ бинвозӣ ба васл,
Ҳар чӣ фармоӣ, дили ман бандаи фармони туст.

* * *

Сар ба қурси меҳру маҳ ҳаргиз намеорад фурӯ
Ҳар кӣ, шоҳо, ҳамчу Шоҳин резачини хони туст.

*Шамсиддин Шоҳин*

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Ба расмҳо сарлавҳа интихоб кунед ва корбасти ҷонишинҳои таъинӣ матн тартиб диҳед.

## МАВЗӮИ 25. ОДАМИ БЕКОР – ДАРАХТИ БЕБОР

**ҚАНДАЛОТПАЗӢ.** Яке аз ҳунарҳои қадимаи мардумӣ, ки истеҳсоли шириниҳои гуногун, аз қабили парварда, қандолот ва ҳалворо дар бар мегирад. Дар рехтани қандалот аввал мағзро (зардолу, чормағз) дар оташ таф медиҳанд. Баъд ба миқдори муайян мағзро дар тағораи дудаста рехта дар гармии оташ бод медиҳанд. Дар ин раванд нафаре қиёмро оҳиста-оҳиста ба рӯйи мағзҳо мерезад. Ҳамин тавр, дар тӯли 25 – 30 дақиқа қандалот тайёр мешавад.

**ҲАЛВОГАРӢ.** Як навъ ҳунари халқӣ буда, аз шакар, орд, ҷавҳари лиму ва равған тайёр кардани ҳалво аст. Ба дег шакар ва об андохта, меҷӯшонанд. Баъд ба қиёми тайёршуда ҷавҳари лиму илова карда, меҷӯшонанд. Ба қиёми ҷавҳардор орди бирёнро кам-кам рехта, бо белчаи чӯбӣ то хамир шудани он лат медиҳанд. Ба рӯйи тахта, сурфа ва ё тағора орд пошида, бар он хамираи ҳалворо мерезанд ва то тор-тор шуданаш гоҳ-гоҳ орд пошида якчанд маротиба ба ду тараф мекашанд. Ҳалво навъҳои







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

гуногун дорад: лавз, сафедак, ҳалвои тар, мағзӣ, пашмак, собунак ва ғайра.

**ҲАЛВОИ ШИРӢ.** Як намуди ҳалво буда, аз шир, шакар бо мағзи бодом ё зардолу тайёр мекунанд. Тахминан 3 литр ширро бо 1 кг шакар омехта карда, то зард шудани маҳлул меҷӯшонанд. Сипас мағзи бодом ё зардолуро ба он омехта, то сахт шудани ҳалво ҷушониданро давом медиҳанд. Ҳалвои тайёршударо дар рӯйи лаълӣ гирифта, бо корд мебуранд.

Ба гурӯҳҳо тақсим шуда, матнҳоро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Оид ба амал ва ҳунари қандалотпазӣ, ҳалвопазӣ ҳарф занед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

**ҶОНИШИНҲОИ НОМУАЙЯНӢ**

Ҷонишинҳое, ки ба шахсу аломатҳои номуайянӣ ва миқдори номуайянӣ предметҳо далолат мекунанд, **ҷонишини номуайянӣ** ном дорад.

Ҷонишинҳои фалон, фалонӣ, бисмадонӣ, баъзе, ягон, чанде, якчанд, чандин, ким-кӣ, ким-чӣ, ким-кадом, ким-чӣ хел, ким-чӣ гуна, ким-чӣ тавр ба ҷонишинҳои номуайянӣ мансубанд: Фалонӣ имсол даҳ тоқӣ ғалла коштааст, бисмадонӣ понздаҳ тоқӣ... Нуралӣ ва Каримов баъд аз он ким-чӣ гуна мубоҳисае сар карданд... аз ким-кадом анбор биринҷ ё мош гирифта меоварданд.

Ҷонишинҳои номуайянии ким-кӣ, фалонӣ, бисмадонӣ ба шахси номуайян, ҷонишинҳои ким-чӣ гуна, ким чӣ хел, ким-чӣ тавр ба аломати номуайян, ҷонишинҳои чанд, чанде, якчанд, чандин бошад, ба миқдори номуайянӣ предметҳо далолат мекунанд: Фалонӣ аз фалон гузар амри хайр доштааст. Давлат ба ким-чӣ хел хаёлҳо рафта буд. Чанд гурӯҳ меҳмони дигар ҳам омада ош хӯрда рафтанд.

Бо корбасти ҷонишинҳои номуайянии зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Кадом, баъзе, ягон, якчанд, фалон, фалонӣ, ким-кӣ, ким-кадом, ким-чӣ, ким-чӣ хел, ким-чӣ гуна, ким-чӣ тавр.

1. Қандпаз – ...
2. Ҳалво – ...
3. Қандшикан – ...
4. Ҳалвопаз – ...
5. Ҳалвотарош – ...



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мафҳумҳо барои ҷо ба ҷогузорӣ: он ки бо пухтану тайёр кардани қанд машғул аст; болғачаи махсус барои майда кардани қанди лӯнда; хӯрдании ширине, ки аз орд, равған ва шира тайёр мекунанд; он ки ҳалво мепазад; корде, ки дар мавриди тайёр кардани ҳалво истифода мешавад.

Зарбулмасали зеринро шарҳ диҳед.

1. Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.
2. Ҳалворо хӯрад ҳаким, калтакро хӯрад ятим.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо тарзи навишт, тобиши маъно ва шарҳи калимаҳо шинос шавед ва пас аз он бо интихоби ҷонишинҳо ва корбасти онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.



Нишалло (шириниест, ки бо омезиши қиёми шакар ба кафки бех ва сафедаи тухм тайёр карда мешавад), нишаллопаз (он ки нишалло мепазад), нишаллопазӣ (пухтани нишалло, касб ва кори нишаллопаз), нишаллофурӯш (он ки нишалло мефурӯшад, фурӯшандаи нишалло), нишаллофурӯшӣ (фурӯхтани нишалло, фурӯши нишалло).

## МАВЗӮИ 26. ШАХСИ ҲУНАРМАНД – ҲАМЕША БОЛОНИШИНУ СОҲИБЭҲТИРОМ



**СОЗТАРОШӢ.** Созтарошӣ ҳунари суннатии мардумӣ буда, дар саросари кишвар маъмул мебошад. Устоҳои созтарош одатан созҳоро аз чӯбҳои чормағз, зардолу, чинор, муруд, тут ва ғайра тарошида, зеҳи онро аз рӯдаи буз ё гӯсфанд тайёр мекунанд. Созҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

маъруфи тоҷикӣ: тор, танбӯр, дутор, рубоб, думбра, ғижжак, даф, таблак, най ва ғайра бо усули дастӣ сохта мешаванд.



Матнро хонед, созҳои мусиқии сохташавандаро бо ном нависед.

**КАРНАЙСОЗӢ.** Карнайсозӣ навъе аз ҳунари анъанавии мардуми тоҷик буд, ба касби мисгарӣ тааллуқ дорад. Карнай сози мусиқии нафасиест, ки асосан, аз фулузи биринҷ ва баъзан аз мис сохта мешавад. Карнай аз қисмҳои зерин иборат аст: даҳана, торсак, нил, миёнаҷо, каба, қубба ва ҷияки ороишӣ. Дарозии карнай 190 – 210 см, қутри лӯлаи он 3,3 см ва вазнаш тақрибан 1 кг мебошад. Карнайро дар тӯю маъракаҳо, ҷашнҳои расмию анъанавӣ ва идҳо менавозанд.

**СУРНАЙСОЗӢ (меҳтарсозӣ).** Сурнайро аз чӯбҳои дарахтони чинор, зардолуи талхак ва ширинак, тут ва муруд низ месозанд. Аввал чӯбро тарошида, монанди дастаи бел мекунанд, сипас дарунашро сӯрох карда бо регкоғаз ҳамвор намуда, аз болояш монанди нуқта якчанд сӯрох мекунанд. Чун шакли сурнайро гирифт, онро дар муддати 1 моҳ хушк мекунанд. Ҳамроҳи сурнай боз якчанд ҷузъиёти он аз қабили зерлаб, найбар, қолиб, мил сохта мешавад.

Матнҳоро хонед ва дар бораи ҳунари карнайсозию сурнайсозӣ ҳарф занед.

## МЕДОНАМ, ДОНИСТАН МЕХОҲАМ

**1** КАРНАЙ – асбоби нафасии баландовоз, ки аз биринҷӣ сохта шуда, танааш борики дароз ва қисми даҳанааш махрутишакл мебошад ва дар маросимҳои тантанавӣ ва тӯйҳо менавозанд.

КАРНАЙНАВОЗ – он ки карнай менавозад, мутриби навозандаи карнай.

**2** СУРНАЙ – нойи сур, сурной, ки дар тӯй, ҷашн ва идҳо ба ҳамроҳии созҳои дигар менавозанд.

СУРНАЙНАВОЗ – он ки сурнай менавозад.

СУРНАЙЧА – найи хурд..



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

НАЙ

1. Асбоби мусиқии нафасӣ, ки бештар аз най ё чӯби дарунсӯрох сохта мешавад.

2. Растаниест, ки танаи борику дарози дарунхолии банддор дорад ва дар заминҳои заҳ ва сернам мерӯяд, қамиш.

## ТЕСТ

1. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ калимаи «най»-ро дар порчаи шеърии зерин ба кадом маъно кор фармудааст?

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад...

а) созаи мусиқӣ б) номи асар
в) растанӣ г) найшакар ғ) найистон

2. Кадоме аз калимаҳо поёнӣ номи яке аз асарҳои мавлоно Ҷалолиддини Румиро ифода мекунад?

а) найсор б) найстон
в) насон г) найзор ғ) «Найнома»

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

**ҶОНИШИНҲОИ МАНФӢ**

Ҷонишинҳое, ки ба шахсу аломатҳои номуайянӣ ва миқдори номуайянӣ предметҳо далолат мекунанд, **ҷонишини номуайянӣ** ном дорад.

Ҷонишинҳое, ки ба набудани шахсу предмет ё аломати предмет далолат мекунанд, **ҷонишини манфӣ** ном дорад.

Ҷонишинҳое, ки мавҷудияти шахс, предмет ё хусусиятеро дар маънои инкор ифода мекунанд. Дар аслӣ ин ҷонишинҳо калимаи ҳеч меистад. Дар маъноҳои вобаста ба шахс (ҳеч кӣ, ҳеч кас), предмет (ҳеч чӣ, ҳеч чиз), аломат (ҳеч кадом, ҳеч гуна) ва миқдор (ҳеч, як, ҳеч ягонтааш)-ро дар таркиби калимаҳои гуногун ифода мекунанд. Мисол: Аз ҳеч кас ҳеч чизе напурсидам.

Калимаи «ҳеч» ба ҷонишини манфӣ мансуб аст. Ҷонишини «ҳеч» бо калимаҳои кӣ? чӣ? кадом? кас, чиз, як, гуна дар як таркиб меояд: ҳеч кӣ, ҳеч чӣ, ҳеч кадом, ҳеч кас, ҳеч чиз, ҳеч як, ҳеч гуна. Мисол: 1. Ҳеч кадом ин бозиҳо дили маро хуш намекард. 2. Ҳеч гуна гап ба гӯши командир намедаромад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**ҶОНИШИНҲОИ МУШТАРАК**

Ҷонишинҳое, ки ба ду шахс, ду предмет ё ду аломат, умуман ба ду ҷиҳат вобаста будани амалу ҳолатро ифода мекунанд: ҳамдигар, якдигар. Ин ҷонишинҳо аз ҷонишини дигар буда, бо бандакҷонишинҳо низ омада метавонанд. Мисол: Мо ба якдигарамон нигоҳ карда хомӯш менишастем.

Порчаи шеъриро хонед ва ҷонишинҳои таркиби онро муайян кунед.

Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.
Ҳеч талхӣ нест бар дил талхтар,
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Дунё дидию ҳар чӣ дидӣ, ҳеч аст,
В-он низ, ки гуфтию шунидӣ, ҳеч аст.
Сар то сари офоқ давидӣ, ҳеч аст,
В-он низ, ки дар хона хазидӣ, ҳеч аст.

*Умари Хайём*

Бо корбасти ҷонишинҳои номуайянии зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

ҲЕЧ | ҲЕЧ КӢ | ҲЕЧ ЧӢ | ҲЕЧ ЯК | ҲЕЧ КАС | ҲЕЧ КАДОМ | ҲЕЧ ЧИЗ

**КОРДСОЗӢ.** Корд ҳамчун асбоби рӯзгор, асосан, аз пӯлод сохта мешавад. Корд аз қисмҳои зерин иборат аст: теғ, гулӯбанд, даста, сарбанд. Дар гузашта пӯлодро дар шаҳрҳои калон мегудохтанд ё аз кишварҳои дигар меоварданд. Кордсозон ду навъи пӯлод: пӯлоди сафедро барои кордҳои армуғонию рӯзгор ва пӯлоди сиёҳро, ки сахту хушдам аст, барои кордҳои шикорӣ ба кор мебаранд. Гулӯбанди кордро аз 3 – 4 навъ маъдан тайёр мекунанд. Он бештар аз мис, сурб, қалъагӣ ва нуқра сохта мешавад. Дастаи кордро аз шоху устухонҳои ҳайвонот (бузи кӯҳӣ, оҳу, гов), чӯб, баъзан филиз, шиша ва маъданҳои дигар низ месозанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз ҳама корди гаронбаҳо дастааш аз шохи каркадан ва оҷи фил ба шумор меравад. Сарбанди корд низ ба монанди гулӯбанди он аз мису сурб ё нуқра сохта мешавад.

Раванди сохтани корд чунин аст: тахтапӯлодро дар оташи кӯра сурх карда, бо болға кӯфта, ба шакли теғ медароранд. Ҳамин тавр, пӯлодро 3 – 4 бор дар оташ сурх намуда, бо болға кӯфта, дар об меандозанд, ки ин амалро «обутобдиҳӣ» меноманд. Тавассути обутобдиҳӣ зичии пӯлод сахт мешавад. теғи ҳосилшударо нахуст дар чархи дағалсанг, сипас дар санги миҳантар, баъдан дар санги резинӣ (чармӣ ва намади (мӯйина) дошта, тунуктару ҳамвор мекунанд. Дастаи кордро аз устухон ва ё шохи ҳайвонот бурида, дар чарх ҷойҳои дағали онро ҳамвор намуда, мобайнашро барои гузаронидани дастаи теға мувофиқ мегардонанд. Дастаҳо ду навъ мешаванд: яклухт (сухма), ки аз миёнаш сӯрох мекунанд ва дукафон (ёрма) – аз ду тарафи даста ду устухонро бо мехи мисин пайванд менамоянд. Дар қисми болои даста қолаберо омода карда, ба он нуқра, биринҷӣ, сурб ё маъдани дигареро гудохта, мерезанд. Онро бо сӯҳон соида ба шакли гулӯбанд табдил медиҳанд. Сарбанди корд низ дар қолаб аз нуқра, сурб, биринҷӣ ва ғайра рехта мешавад. Баъзе сарбандҳо кач буда, барои аз даст наафтодани корд мувофиқ кунонида мешаванд. Гулӯбанду сарбанд аз ду тарафи даста ҷой гирифта, дастаро аз ҷудошавӣ нигоҳ медорад. Дар кордсозӣ нақшҳои ислимӣ, ҳандасӣ, занҷира, тасвири офтобу моҳу ситора ва ғайра ба кор мераванд. Нақшҳоро дар теғу даста, гулӯбанду сарбанд ба тарзи ҳаккокӣ, насбнамоӣ ва рангубор додан анҷом медиҳанд.

Матнҳоро хонед ва дар бораи ҳунари кордсозӣ ҳарф занед.

Бо корбасти ҷонишинҳои муштараки зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

| | |
|---|---|
| **ҲАМДИГАР** | |
| **ЯКДИГАР** | |

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Матнро хонед ва пас аз он тест ва саволҳо тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 27. ИМЛОИ ҶОНИШИН

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

Якҷоя навишта мешаванд:

– ҷонишинҳои сохта: ҳамин, ҳамон, чунин, чунон ва ғайра;

– ҷонишинҳои мураккаб: инчунин, ончунон, ҳамчунин, ҳамчунон, ҳамдигар, инҷониб ва ғайра;

– бандакҷонишинҳо (-ам//-ям, -ат//-ят, -аш//-яш, -амон//-ямон, атон//-ятон, -ашон//-яшон) бо калимаҳо: китобам, китобат, китобаш, китобамон, китобатон, китобашон, орзуям, орзуят, орзуяш, орзуямон, орзуятон, орзуяшон ва ғайра;

– ҳангоми ихтисор дар назм бандакҷонишинҳои шумораи танҳо ва ҷамъ дар калимаҳое, ки бо садонок анҷом меёбанд: дунёт (дунётон), савдош (савдошон), ғамҳот (ғамҳотон) ва ғайра;

– ҳангоми ихтисор дар назм бандакҷонишинҳои шумораи ҷамъ дар калимаҳое, ки бо ҳамсадо анҷом меёбанд: писармон, писартон, писаршон ва ғайра.

Ҷудо навишта мешаванд:

– ҷонишинҳои таркибӣ: ин гуна, он гуна, ин қадар, он қадар, ҳар қадар, ҳар як, ҳар ки, ҳар чи, ҳеҷ як, чӣ гуна?, чӣ хел?, чӣ қадар?, чӣ навъ? ва ғайра;

– ҷонишинҳои саволии кӣ?, чӣ?, чанд?, кадом? дар таркибҳо: чӣ хел?, чӣ гуна?, чӣ тавр?, чӣ қадар?, чанд хел?, кадом навъ? ва ғайра.

Бандакҷонишинҳои -ам//-ям, -ат//-ят, -аш//-яш дар калимаҳое, ки бо ҳамсадо анҷом меёбанд, ҳангоми ихтисор дар назм бо нимтире навишта мешаванд: писар-м, падар-т, лашкар-ш; гуфтам-ш, додам-ш ва ғайра.

Бо қоидаҳои имлоӣ шинос шавед ва бо корбасти ҷонишинҳои якҷоя ва ҷудо навишташаванда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### СОХТИ ҶОНИШИНҲО

Ҷонишинҳо аз ҷиҳати сохт чор хел мешаванд: содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ.

Ҷонишини содда аз калимаҳои решагӣ иборат аст: ман, ту, худ, кӣ?, куҷо?, ин, он, ҳеч, кадом.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҷонишинҳое, ки аз ҷонишини содда бо воситаи пешванд сохта шудаанд, **ҷонишини сохта** ном дорад: ҳамин, ҳамон.

Ҷонишинҳое, ки аз ду ва зиёда решаҳо иборатанд, **ҷонишини мураккаб** номида мешаванд: чандин, чандон, ончунон, якчанд.

Ҷонишинҳое, ки аз ду ҷонишин ва ё аз ҷонишини соддаю калимаҳои ҷудогона таркиб ёфтаанд, ҷонишини таркибӣ ном дорад: ҳар кӣ, ҳеҷ кадом, ҳар кас, ҳар чиз, чӣ қадар

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Ҷонишинҳо аз ҷиҳати сохт чӣ гуна мешаванд?
2. Чӣ гуна ҷонишинҳоро ҷонишинҳои содда меноманд?
3. Ҷонишинҳои сохта гуфта чӣ гуна ҷонишинҳоро дар назар доред?
4. Ҷонишинҳои мураккаб кадомҳоянд?
5. Чӣ гуна ҷонишинҳоро ҷонишинҳои таркибӣ меноманд?

Порчаи шеъриро хонед, мазмунашро баён намоед. Мансуб ба кадом навъи ҷонишин буданашонро гӯед.

Асрори азалро на ту донию на ман,
Ин ҳарфи муаммо на ту хонию на ман.
Ҳаст аз паси парда гуфтугӯйи ману ту,
Чун парда дарафтад, на ту монию на ман.

*Умари Хайём*

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Матнҳоро хонед ва саволҳо тартиб диҳед.

**ДАРАВШДӮЗӢ.** Усули нақшдӯзӣ дар матоъ, ки бо даравш иҷро мешавад. Ба матоъи пахтагин нақши матлубро мекашанд ва матоъро ба чамбарак бо ресмон гирд ба гирдаш дӯхта, маҳкам мекунанд. Сипас мисли дӯкони зардӯзӣ гузошта, ё ба мисли даф сари зону гузошта, бо даравш риштаҳои рангаро мутобиқи нақш аз ду тарафи матоъ гузаронида, гулдӯзӣ мекунанд.

**ПӮСТИНДӮЗӢ.** Дӯхтани як навъ либоси зимистона, ки аз пӯсти барра, гӯсфанд, рӯбоҳ, хирс, гург, шағол, санҷоб ва дигар ҳайвонҳои ваҳшӣ дӯхта мешавад. Ду навъи пӯстин маъмул аст: абрадор ва беабра. Пӯсти барраро барои остин, тахтапушт, тириз порча-порча бурида, аз беқасаб ва ё дигар матои зебо фаровез мекунанд. Пӯстини беабра аз порчаҳои калон-калон буридашудаи пӯсти серпашми гӯсфанд тайёр карда мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 28. ТАКРОРӢ

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

## ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ САРФИИ ҶОНИШИН

| Нақшаи таҳлил: | |
|---|---|
| 1. Кадом калима ҷонишин аст, ба кадом савол ҷавоб мешавад.<br>2. Аломатҳои сарфӣ: а) ба кадом ҳиссаи нутқ далолат мекунад;<br>б) Хели ҷонишин: шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ, саволӣ, ишоратӣ, таъинӣ, номуайянӣ, манфӣ.<br>3. Аз ҷиҳати сохт: содда, сохта, мураккаб, таркибӣ.<br>4. Вазифаи наҳвӣ: Ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадааст? | |
| Мисол. Дигар мо ба он гуна сухан бовар накардем. | |
| **Намунаи таҳлил:** | |
| **Таҳлили шифоҳӣ** | **Таҳлили хаттӣ** |
| Он гуна ҷонишин аст, ба аломати предмет ишора мекунад (сифат) ва ба саволи чӣ гуна ҷавоб мешавад. Дорои чунин аломатҳои сарфист: ҷонишини ишоратӣ буда, аз ҷиҳати сохт таркибӣ аст. Ба вазифаи муайянкунанда омадааст. | Он гуна – ҷонишин, чунки ба аломати предмет далолат мекунад, ҷонишини ишоратӣ, ба сифат ишора карда ба саволи чӣ гуна? ҷавоб мешавад, аз ҷиҳати сохт таркибӣ аст, дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда омадааст. |

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Ҷонишинҳои таркиби ҷумлаҳоро таҳлили сарфӣ кунед.

| | Мисол: | Таҳлили шифоҳӣ | Таҳлили хаттӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Мо чор нафар бо навбат ба ин савол ҷавоб мегӯем. | | |
| 2 | Андешаи ман доир ба ин мавзӯъ ҳамин аст. | | |
| 3 | Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки аз дидани ин манзара сарсарӣ нагузаред. | | |
| 4 | Ӯ «дилам намекашад» гуфта, ба ош даст нарасонд. | | |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Порчаҳои шеъриро хонед, мазмунашро баён намоед. Ҷонишинҳои таркиби онро муайян намуда, таҳлили сарфӣ кунед.

Онҳо, ки куҳан шуданду инҳо, ки наванд,
Ҳар кас ба муроди хеш як-як бидаванд.
Ин кӯҳна ҷаҳон ба кас намонад боқӣ,
Рафтанду равему боз оянду раванд.

* * *

Дӣ кӯзагаре бидидам андар бозор,
Бар порагиле лагад ҳамезад бисёр.
В-он гил ба забони ҳол бо ӯ мегуфт:
Ман ҳам чу ту будаам, маро некӯ дор!

*Умари Хайём*

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

### ГУРӮҲИ 1.

1. Ҷонишин чист?
2. Ҷонишин ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Чӣ гуна ҷонишинҳо ҷонишинҳои шахсӣ ба шумор мераванд?
4. Хелҳои ҷонишинро номбар кунед.
5. Чаро ҷонишинҳои муштарак мегӯянд?

### ГУРӮҲИ 2.

1. Хусусиятҳои фарққунандаи ҷонишинҳои ишоратӣ аз хели дигари ҷонишинҳо дар чист?
2. Ҷонишинҳо ба ҷойи кадом ҳиссаҳои нутқ меоянд?
3. Ҷонишин чанд хел мешавад?
4. Ҷонишини таъинӣ чист? Онҳо кадомҳоянд?
5. Дар бораи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ чиро медонед?

### ГУРӮҲИ 3.

1. Кадом ҷонишинҳоро ҷонишинҳои саволӣ меноманд?
2. Дар хусуси ҷонишинҳои номуайянӣ чиҳоро медонед?
3. Ҷонишинҳои манфӣ чист?
4. Тарзи таҳлили ҷонишин чӣ гуна аст?
5. Ҷонишин аз ҷиҳати сохт чанд хел мешавад?

## ТЕСТ

### ГУРӮҲИ 1.

1. Ҳиссаи нутқе, ки предмет, аломат ва миқдори онро номбар накарда, ба таври умумӣ нишон медиҳад, чӣ ном дорад?
а) ҷонишин б) сифат в) шумора г) феъл ғ) исм



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Кадом ҳиссаи нутқ асосан ба ҷойи исм, сифат, шумора кор фармуда мешавад?
а) ҳиссача б) исм в) феъл г) ҷонишин ғ) нидо

3. Ҷонишинҳо аз кадом ҷиҳат ба гурӯҳи ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ, саволӣ, ишоратӣ, таъинӣ, номуайянӣ, манфӣ, муштарак ҷудо мешаванд?
а) аз ҷиҳати маъно
б) аз ҷиҳати вазифаи наҳвӣ
в) аз ҷиҳати сохт
г) аз ҷиҳати хусусияти грамматикӣ
ғ) аз ҷиҳати таркиб

4. Ман, ту, вай, мо, шумо, онҳо чӣ гуна ҷонишинҳоянд?
а) ҷонишини манфӣ
б) ҷонишини муштарак
в) ҷонишини шахсӣ
г) ҷонишини ишоратӣ
ғ) ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ

5. Ҷонишинҳои ба ҷойи шахсҳои гӯянда, шунаванда, ғоиб кор фармудашаванда, чӣ ном доранд?
а) ҷонишини шахсӣ
б) ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ
в) ҷонишини саволӣ
г) ҷонишини номуайянӣ
ғ) ҷонишинҳои ишоратӣ

6. Банда, камина, фақир муродифи кадом ҷонишинҳои шахсӣ?
а) ӯ б) мо в) ман г) онҳо ғ) хеш

## ГУРӮҲИ 2.

1. Ҷонишинҳои шахсӣ аз рӯйи иштироки узви босира ба чӣ гуна гурӯҳҳо ҷудо мешаванд?
а) дидашаванда ва диданашаванда
б) гӯянда, шунаванда, ғоиб
в) тағйирёбанда, тағйирнаёбанда
г) тасрифшаванда, тасрифнашаванда
ғ) шахсу шумора, тасриф

2. Муродифи ҷонишишини шахсии «онҳо»-ро муайян кунед.
а) банда б) камина в) эшон г) фақир ғ) худ

3. Ҷонишини шахси сеюми ҷамъро муайян намоед.
а) онҳо, онон
б) мо, моён
в) шумо, шумоён
г) ман, ту, вай
ғ) ӯ, онҳо

4. Кадоме аз онҳо ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ?
а) чӣ гуна, чӣ тавр
б) ҳамдигар, якдигар
в) кӣ, чӣ
г) худ, хеш, хештан
ғ) ин, он, ҳамин



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

5. Муродифи ҷонишини нафсӣ-таъкидии «худ»-ро муайян кунед.
а) хеш, хештан, х-веш, х-вештан б) эшон, фақир
в) банда, камина г) худ, хурд, хеш
ғ) он кас, ин кас

**ГУРӮҲИ 3.**

1. Кадоме аз ҷонишинҳои саволӣ предметҳои ғайришахсро ифода мекунанд?
а) чӣ, чиҳо б) кӣ, киҳо
в) чиҳо, киҳо г) кӣ, чӣ ғ) ин, он

2. Ҷонишинҳои саволии аз ҷиҳати сохт содда дар кадом банд навишта шудааст?
а) кӣ, чӣ, кай, кадом б) чӣ гуна, чӣ хел, чӣ сон
в) чӣ зайл, чӣ тариқа г) чӣ қадар, чӣ тавр
ғ) ҳамин гуна

3. Ҷонишинҳои ишоратии аз ҷиҳати сохт мураккабро муайян кунед.
а) ончунон, ҳамчунон, инчунин б) ин гуна, ин хел
в) ин, он г) ҳамин, ҳамон
ғ) хеш, худ

4. Ҷонишинҳое, ки предмет ва аломати онро ба таври умумӣ таъин менамояд, чӣ ном дорад?
а) ҷонишинҳои муштарак б) ҷонишинҳои манфӣ
в) ҷонишинҳои шахсӣ г) ҷонишинҳои таъинӣ
ғ) ҷонишинҳои саволӣ

5. Ҷонишинҳои таъинии аслӣ кадом аст?
а) ҳар кӣ, ҳар чӣ б) ҳама, ҳар
в) ҳар кадом, ҳар чанд г) ҳар он кас, ҳар он чиз
ғ) ҳеҷ гуна

## НАТИҶАГИРӢ АЗ МАВЗӮИ ҶОНИШ

**ГУРӮҲИ 1.**

1. Ҷонишин калимаест, ки ба ҷойи исм, сифат, шумора меояд.
2. Ҷонишинҳо якчанд навъ аст: шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ, саволӣ, ишоратӣ, таъинӣ, номуайянӣ, манфӣ, муштарак.
3. Ҷонишинҳои шахсӣ калимаеро мегӯянд, ки нисбат ба инсон истифода мешавад.
4. Соҳибият ба воситаи ҷонишини аз они (они) ва бандакҳои -ам (-амон), -ат (-атон), -аш (-ашон) ифода меёбад.
5. Ҷонишинҳои нафсӣ калимаеро мегӯянд, ки ба нафси ашхос тааллуқ дорад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**ГУРӮҲИ 2.**

1. Ҷонишинҳои саволӣ барои пурсиш истифода мешавад.

2. Ҷонишинҳои ишоратӣ вожаеро мегӯянд, ки ба ашё ва чигунагии он ишорат мекунад.

3. Ҷонишинҳои таъинӣ вожаеро мегӯянд, ки тамоми ашё ва аломати онҳоро таъин менамояд.

4. Ҷонишинҳои номуайянӣ калимаест, ки ашё ва аломати онро ба таври умум ва тахмин ишора мекунад.

5. Ҷонишинҳои манфӣ вожаеро меноманд, ки маънои инкорро баён менамояд.

**ГУРӮҲИ 3.**

1. Ҷонишинҳо аз ҷиҳати сохт чор гуна аст: содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ.

2. Ҷонишинҳои содда аз як реша иборат аст.

3. Ҷонишинҳои сохта тавассути пешоянд таркиб меёбад.

4. Ҷонишинҳои мураккаб аз ду ва ё зиёда реша иборат аст.

5. Ҷонишинҳои таркибӣ аз решаҳои гуногун таркиб меёбад.

6. Ҷонишин дар ҷумла ба вазифаи мубтадо, хабар, муайянкунанда ва пуркунанда меояд.

Ба расм сарлавҳа интихоб кунед. Пас аз он бо корбасти ҷонишинҳо матн тартиб диҳед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ V. ИҚТИСОДДОНИ ҶАВОН

## МАВЗӮИ 29. МЕНЕҶЕР ВА РАФТОРИ ОН ДАР ҶОМЕА

Вожаҳои вомии англисии «менеҷер» ва «менеҷмент» аз калимаи «менеҷ» ба амал омада, сонияи ба дигар забонҳо, хусусан ба забони тоҷикӣ дар асри XXI дар шакли «менеҷер», «менеҷмент» бо тобишҳои маънои «кор», «идораи кор», «мудирият», «фаъолият» байни мардум маъмул гаштааст.

Вожаҳои «менеҷер», «менеҷмент» дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба чунин маънӣ шарҳ дода шудааст:

**МЕНЕҶМЕНТ** назарияву амалияи идораи истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот (бо назардошти баланд бардоштани самаранокӣ ва афзоиши фоида).

**МЕНЕҶЕР** мутахассиси соҳаи идораи истеҳсолот, дар варзиши касбӣ шахсе, ки мусобиқаҳои варзишгаронро ташкил медиҳад.

Коршиноси ботахассус, варзидаи соҳаи идораи иқтисодиёт, сарвари ботадбири ширкат ва муассиса, ки дар ҳолатҳои мураккабу мушкили хоҷагидорӣ роҳи амиқу дурусти ҳаллу фасли масъаларо медонад, онро пешниҳод менамояд, инчунин ҳамчун шахсӣ кордон ва ботадбир ҳуқуқи иҷрои кор дорад, менеҷер ба шумор меравад.

Бо мақсади самаранок пеш бурдани ислоҳоти куллии иқтисодӣ, равнақу ривоҷ додани муносибатҳои бозаргонӣ соҳибкорӣ ва бизнес, муттаҳид кардани қувва ва имкониятҳои соҳибкорон, бизнесменҳо, олимон, мутахассисон ва роҳбарони корхонаю муассисаҳои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ҳоло Иттиҳоди байналхалқии менеҷерҳо таъсис ёфтааст, ки бомуваффақият амал мекунад. Ин ташкилот ҳукуматӣ набуда, балки танҳо дар асосҳои ихтиёрӣ ва ҷамъиятию демократӣ таъсис ёфтааст.

Менеҷмент – мудирият ва идораи истеҳсолоти муосир, ки бо беҳтарин усули ташкилу созмондеҳӣ асос ёфта, барои татбиқи усули ҷолиб, шаклҳо ва сохтори идора, инчунин таъмини самарабахши истеҳсолот истифода бурда мешавад. Дар шароити бозоргонӣ масъалаи кор ё фаъолияти хоҷагидорӣ ва ташкилу



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

идораи он ранги тоза мегирад. Дар ин айём шароити наве барои фаъолияту ибтикор ва мудирияти муосир муҳайё хоҳад шуд. Истилоҳи «мудирият»-ро ҳам ба маънии «менеҷмент» истифода мебаранд.

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Менеҷер, менеҷмент гуфта киро дар назар доред?
2. Этимологияи вожаҳои менеҷер, менеҷмент мансуб ба кадом забон аст?
3. Шахси менеҷер дар ӯҳда чӣ гуна иҷрои корро дорад?

Бо истифода аз фарҳанги иқтисодӣ калимаҳои зеринро шарҳ диҳед.

| | |
|---|---|
| **МЕНЕҶЕР** | |
| **МЕНЕҶМЕНТ** | |
| **ИҚТИСОДДОН** | |

Агар шумо дар кишвари хориҷӣ бошед, як чизро бояд фаромӯш накунед, ки мардум ба шумо нигоҳ карда, дар шахси шумо ба миллат ва мардуми шумо баҳо медиҳанд. Рафтори нодуруст ва ношоистаи шумо метавонад дар фаҳмишу тасаввуроти онҳо нисбати халқу миллат таъсири манфӣ расонад.

Ҳар фард, пеш аз ҳама, рафтору гуфтор, одобу ахлоқи миллати худ ва таърихи халқи хешро ҳамчун намояндаи он миллат инъикос кунад, он гоҳ агар таваҷҷӯҳ карда бошед, ҳамсӯҳбати хориҷиатон шуморо бештар ҳурмату эҳтиром мекунад.

Ҳангоми сафар ва умуман, доимо ҳар шахс ҳурмату эҳтироми худро нисбати хулқу атвор ва рафтори дигар халқҳо бояд нишон диҳад. Дар шароити ҳозира ба кордонҳо аз рӯйи чор қоидаю рафтори зерин баҳо медиҳанд:

1. Рафтори ҳамида доштан.
2. Оддӣ будан.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Соҳибэҳтиром будан.
4. Тарбияи хуб доштан.

### ГУРУҲИ 1.

1. Матнро хонед ва дар заминаи он сӯҳбат ташкил намоед.
2. Аз таркиби матн калимаҳои хоси соҳаи иқтисодиётро ҷудо кунед, тавассути онҳо ибораҳо тартиб диҳед.

### ГУРУҲИ 2.

1. Матнро хонед, калимаҳои мустақилмаъноро ба шаш сутун (исм, сифат, феъл, шумора, ҷонишин, зарф) ҷудо карда нависед, Гӯед, ки дар таркиби матн кадоме аз ҳиссаҳои нутқ бештар ва кадоме камтар корбаст шудааст.
2. Ҳангоми мутолиаи матн ба тарзи масъалагузорӣ, тартиби фикр эътибор диҳед.

### ГУРУҲИ 3.

1. Вобаста ба мазмуни матн саволҳо тартиб диҳед.
2. Ҷоншин ва зарфҳои таркиби матнро муайян намуда, дар алоҳидагӣ ба дафтар рӯбардор кунед.
3. Калимаҳои душворфаҳми таркиби матнро шарҳ диҳед.

### МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

## ЗАРФ

Он ҳиссаи нутқ, ки аломати амал, предмет ва аломати аломат, замон, макон, сабабу мақсад, миқдору андозаи амалу ҳолатро фаҳмонида, ба саволҳои **кай? чӣ тарз? чӣ тавр? куҷо? чӣ қадар?** ва ғайраҳо ҷавоб мешавад, **зарф** номида мешавад.

Мисол: 1. Дарҳол Ҳасан бархоста, дари хона бар хештан бибаст. 2. Фардо дар интизори шумо хоҳам буд. 3. Ҳасан оҳиста-оҳиста аз қаср фуруд омад ва ба манзили хеш бирасид.

Зарф, одатан, ба хабари ҷумла тобеъ шуда, дар вазифаи ҳол меояд.

1 **ЗАРФ** – ҳиссаи тағйирнаёбандаи нутқ, ки аломати амал ва ҳолатро аз рӯйи миқдору сифат, замон, макон, сабаб, мақсад, тарзи вуқӯъ ва ғайра эзоҳ медиҳад: зарфи замон, зарфи макон, зарфи мақсад, зарфи сабаб, зарфи тарзи амал ...

2 **ЗАРФ** – чизҳои гуногун (аз қабили косаву табақ, шишаву ҷом, сатил ва ғайра): зарфи тунукагӣ, зарфи сафолӣ, зарфи чинӣ...



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо корбасти зарфҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**ДИРӮЗ** **ЗУД** **ПАГОҲ** **ТОЗОН**

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Панҷтой зарфҳои ба саволҳои зерин ҷавобшаванда нависед.

| кай? | чӣ тарз? | чӣ тавр? | куҷо? | чӣ қадар? |
|---|---|---|---|---|
| • | • | • | • | • |
| • | • | • | • | • |
| • | • | • | • | • |
| • | • | • | • | • |

## МАВЗӮИ 30. СОҲИБКОРӢ ВА БИЗНЕС

Бизнес кор ё фаъолиятест, ки он бевосита аз тарафи иҷрокунанда муайян карда шуда, вазифаи он ҳамзамон дастрас намудани маҳсулот ё хадамот ба истеъмолгарон ва ба даст овардани фоида бо роҳи қонеъ намудани тақозои онҳост.

Вожаҳои «бизнес», «бизнесмен» бо ҳамдигар хеле муштараканд. Вожаҳои мазкур дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба чунин маънӣ шарҳ дода шудааст:

1. **БИЗНЕС** кору машғулияте, ки бо мақсади ба даст даровардани фоида ва сарватманд шудан анҷом дода мешавад, кору машғулияти сердаромад, корчаллонӣ, бозаргонӣ.

2. **БИЗНЕСМЕН** корчаллон, бозаргон, савдогар, тоҷир, соҳиби муассисаи тиҷоратӣ ва саноатӣ.

Бо ифодаи дигар бигӯем, бизнесмен як марди кордон, бозаргон ё соҳибкорест, ки фаъолияти асосии ӯро бизнес ташкил медиҳад.

Соҳибкорӣ бо ташкили кори бизнес зич алоқаманд буда, вале аз мазмуни ин мафҳум андаке фарқ мекунад. Соҳибкорӣ феълан ин фаъолияти интеллектуалии як фард ё гурӯҳи одамони хеле



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҷасур, чаққон ва ташаббускор аст, ки ҳамаи маблағу ресурсҳои иқтисодии дар ихтиёраш будаoriginal танҳо бо мақсади дар амал ба роҳ мондани кори бизнес оқилона истифода мебарад ва умуман фаъолияти хоҷагидориро дар асоси пешниҳодот ва талаботи илми ҳозиразамони маркетинг ва менеҷмент пеш мебарад. Аз ин ҷост, ки мафҳуми «соҳибкорӣ» бо мазмуни мафҳумҳои «ташаббус», «боғайрат», «ҷасорат» ва амали фикру андешаҳои нави судманд хеле аз наздик алоқаманд мебошад. Вале шуғли масъули соҳибкор будан, яъне озоду мустақилона дар шароити бозор меҳнат кардан, пеш аз ҳама манфиати худи ӯро қонеъ гардонад ва ба соҳибаш фоида оварад. Дар ҳолате, ки соҳибкор аз натиҷаи меҳнати сарф кардааш дигар фоида мебардорад, маҳз бо ин роҳ, вай ба манфиати мардум фаъолияти мақсаднок мебарад ва талаботи онҳоро низ ба моли хушсифат ва нисбатан дар бозор арзонтар қонеъ хоҳад кард.

Матнро хонед ва дар хусуси фаъолияти соҳибкорӣ ва бизнес фикру мулоҳизаҳои хешро баён намоед.

Бо истифода аз фарҳанги иқтисодӣ калимаҳои зеринро шарҳ диҳед.

| | |
|---|---|
| **СОҲИБКОР** | |
| **БИЗНЕС** | |
| **БИЗНЕСМЕН** | |

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

Зарфҳо мувофиқи маъно ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: зарфҳои ҳолӣ (ё ҳолат) ва зарфҳои тавсифӣ (аломат).

Зарфҳои ҳолӣ замон, макон, сабабу мақсадро ифода мекунанд (бегоҳӣ рафтан, ба он ҷо рафтан, ночор мондан).



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Зарфҳои тавсифӣ тарз, монандӣ ва миқдору дараҷаи иҷрои амалро ифода мекунанд (аспакӣ омадан, шоирона ҳарф задан, андаке зиёд кардан).




Ҷумлаҳоро хонед ва ба калимаю ифодаҳои ишорашуда саволҳо гузоред. Онҳоро аз рӯйи маъно шарҳ диҳед.

1. Тозон қариб ба вагон расида будам, ки поезд наъраe кашида ба ҳаракат даромад.
2. Ниҳоят илоҷи ҷойгардонии дегчаро ёфтам. Боэҳтиёт дегчаро ба дари вагон пахш карда истодам.
3. Мо бо рафиқ Ғафуров борҳо он ҷо сафарҳо карда будем.
4. Ман ноилоҷ ба сирри ошпазиам иқрор шудам.
5. Дар ҳар куҷое, ки Мирзо Турсунзода пайдо мешуд, ӯро фавран одамон гирд мегирифтанд.
6. Бобоҷон Ғафуров ниҳоят бомантиқу воқифона ҳарф мезаданд.

*Холмурод Шарифов*

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Ҷумлаҳоро нависед ва зарфҳои онро ёфта, саволҳо гузоред. Гӯед, ки ба кадом навъи зарфҳо мансубанд.

1. Борон нарм-нарм ба рӯяш сила мезад, гили нам варақ-варақ аз нақши пояш мехест.
2. Деҳ чун ҳамеша барвақт дар хоб буд.
3. Ниёз қаблан дар чунин ҳоле наяфтода буд.
4. Кампирак боҳавсала номаҳоро як-як таҳ карда, дар сандуқ мемонад.
5. Шаҳрвандон ҳама пасрӯ ҳаракат мекарданд.
6. Модар дарро оҳиста ва бесадо мекушояд, модар чун фариштаи осмон сабук ва беовоз роҳ мегардад.

*Сотим Улуғзода*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 31. БУҶЕТИ МИНИМАЛИИ МАРДУМ Ё ХУД САБАДИ ИСТЕЪМОЛӢ

Дар шароити бозор яке аз муҳимтарин шартҳои таъмин намудани кафолати иҷтимоии аҳолӣ тартиб додани буҷети минималии истеъмол аст, ки онро сабад (корзина)-и истеъмолӣ ҳам мегӯянд.

«Сабади истеъмолӣ» маҷмӯи муайяни молҳо ва хизматрасонӣ аст, ки бо мақсади қонеъ намудани талаботи ҳаррӯзаю аввалиндараҷаи одамон муайян шуда, бо нархҳои ҷорӣ ҳисоб карда шудааст. Ин мафҳум асосан барои асоснок намудани ҳадди ақалли буҷет истифода мешавад, ки аз номгӯйи муайяни молҳо ва хадамот, нарху таърифаҳои онҳо вобаста аст.

Ҳар як давлат вобаста ба имкониятҳои иқтисодӣ-молиявии худаш ҳадди ақалли зиндагиро метавонад бо тағйир ёфтани шарту шароити зиндагӣ танзим намояд. Дараҷаи минималии зиндагӣ ҳамеша ва барои муддатҳои дуру дароз дар як сатҳ истода наметавонад, зеро бо таъсири омилҳои гуногун тағйир ёфтани андозаи даромади аҳолӣ, пешрафти комили илмӣ-техникӣ, дигаршавии дараҷаи нарху наво, афзудани ҷараёни беқурбшавии пул, вазъи сиёсӣ-ҷамъиятӣ, демографӣ ва дигарҳо зарурате пеш меояд, ки ин нишондиҳандаи таъмини кафолати иҷтимоии аҳолӣ мавриди баррасӣ қарор гирад ва барои давраи нави мушаххаси таърихӣ аз нав асоснок карда шавад.

Матнро хонед ва дар хусуси буҷети минималии мардум (сабади истеъмолӣ) маълумот диҳед.

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. «Сабади истеъмолӣ» гуфта чиро дар назар доред?
2. Сабади истеъмолӣ аз сабади оддӣ чи фарқ дорад?

Ба гурӯҳҳо тақсим шуда, бо навиштани номҳои хӯрокворӣ, сабзавот ва меваҳо «сабади истеъмолӣ»-ро пур кунед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз рӯйи расм ғизоҳои дӯстдоштаашонро нависед.

Бо сохту таркиб, имло ва шарҳи калимаҳо шинос шавед ва ба хотир нигоҳ доред.

| САБАД | САБАДБОФ | САБАДПӮШ |
| --- | --- | --- |
| Зарфе, ки аз химчаҳои борики дарахт мебофанд (бештар барои гирифтани мева, сабзавот ва ғайра). | Он ки аз навда ва химчаҳои дарахт сабад дуруст мекунад. | Он чи сабадро бо он пӯшонанд. |
| **САБАДТӮР** | **САБАДЧА** | **САБАДЧИН** |
| Асбоби сабадмонанд, ки барои моҳигирӣ истифода мешавад. | Шакли тасғири сабад, сабади хурд. | Ангуре, ки баъд аз кандан дар ток ҷо-ҷо мемонад. |

Бо корбасти калимаҳои шарҳдодашуда ва интихоби зарфҳои тарзи амал ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## Ба қоидаҳои хӯроккхӯрӣ риоя кунед!

Агар мо хоҳем, ки хӯроки истеъмолкардаамон дар меъдаю рӯдаҳо хуб ҳазм шавад, бояд ба қоидаҳои хӯроккхӯрӣ риоя кунем.

Қоидаҳо чунинанд:

~ пеш аз хӯроккхӯрӣ дастҳоро бо собун шустан;
~ сабзавот ва меваро бо оби тоза шуста хӯрдан;
~ бо зарфи тозаи алоҳида хӯрок хӯрдан;
~ рӯзе се-чор маротиба хӯрок хӯрдан;
~ луқмаи хӯрокро дар даҳон нағз хоида, майда кардан;
~ луқмаро калон нагирифтан;
~ аз меъёр зиёд хӯрок нахӯрдан;
~ дар вақти хӯроккхӯрӣ сухан нагуфтан.

Барои хӯроккхӯрӣ дандонҳо ниҳоят муҳиманд. Ба воситаи дандонҳо луқма дар даҳон хоида, майда карда мешавад. Одами



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

калонсол 32 дандон дорад. Ҳар як дандон бо моддаи сахт пӯшида шудааст, ки онро сири дандон меноманд. Дар дохили дандон торҳои асаб ва рагҳои хунгард мавҷуданд.

Нигоҳубин ва муҳофизати дандонҳо барои ҳар як одам зарур аст. Агар мо чизҳои сахтро бо дандон шиканем ё баъди хӯроки гарм оби хунук нӯшем, сири дандонҳо кафида, ба он микробҳо медароянд. Дар натиҷа, дандон сиёҳ шуда, ба дард медарояд. Шахсе, ки ба чунин ҳолат гирифтор шудааст, бояд зуд ба духтури дандон муроҷиат кунад. Одам бояд ҳар саҳар ва шаб (пеш аз хоб) дандонҳояшро бо чӯтка ва хамираи дандоншӯйӣ тоза кунад.

Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед. Пас аз он саволҳо тартиб диҳед.

Ҷумлаҳои дар таркиб зарфдоштаро муайян намоед ва ба дафтар рӯбардор кунед. Ба зери зарфҳо хат кашед.

Ҷумлаҳоро навишта, ба зери зарфҳои тарзи амал хат кашед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

1. Ӯ бо овози паст даҳанакӣ ҷавоб дод.
2. Раҷаб зуд-зуд қадам мемонд.
3. Кори душвор дастаҷамъона ҳалли худро меёбад.
4. Иброҳим аспакӣ мерафт.
5. Фирдавс бе тарсу ҳарос ба сафар баромад.
6. Бародарон Зариф ва Сайидалӣ гарму ҷӯшон вохӯрӣ карданд.

Ба саволҳои дохили қавс ҷавоби дуруст ёфта, ҷумлаҳоро нависед.

1. Кӯдак (чӣ тавр?) калон мешавад?
2. Неъмат дар бораи ҷашни Наврӯз (чӣ тарз?) нақл кард?
3. Оҳистамоҳ (чӣ тавр?) хандид?
4. Бибисоро (чӣ тавр?) гап мезанад?
6. Гулбибӣмеҳмононро (чӣ тавр?) пешвоз гирифт?

### МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

## ЗАРФҲОИ ТАРЗИ АМАЛ

Зарфи тарзи амал аломатҳои ниҳоят гуногуни амал – тарзу ҳолат ва вазъияти иҷрои амал (феъл)-ро мефаҳмонад ва ба саволҳои **чӣ тавр? чӣ тарз? дар кадом ҳолат?** ҷавоб мешавад: рӯ ба рӯ, мӯ ба мӯ, чолокона, якбора, пай дар пай.

Зарфҳои тарзи амал дар ҷумла ба вазифаи ҳоли тарзи амал меоянд: Қитъаи ӯ дар Бухоро даст ба даст ва даҳан ба даҳан мегузашт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Зарфҳои тарзи амал чунин хусусиятҳо доранд:

а) ҳолати амалро: дӯстона, хушҳолона, ҳайрон-ҳайрон, лоқайдона нишастан;

б) аломати амалро: пиёда, аспакӣ, савора; оҳиста, дарҳол, дартоз, зуд омадан; нохост, ногаҳон, рӯ ба рӯ, баробар истодан; дулунҷа хӯрдан; тамоман комилан, бечуну чаро, бе каму кост иҷро кардан;

в) аломати ҳолатро: зоҳиран, ботинан, аслан, мутлақо оромона нишастан;

г) аломати сифат (ниҳоят, бағоят хуб) ва аломати аломати амал: бағоят, ниҳоят оҳиста омадан;

ғ) такрор ва давомнокии амалу ҳолат: дубора, себора, беист, дам ба дам, пай дар пай, зуд-зуд давидан;

д) самт ва сӯйи ҳаракат: пешопеш, ақибнокӣ, пастнокӣ, пуштнокӣ рафтан;

е) хусусияти амалу ҳолат: рӯякӣ, пинҳонӣ, ӯҳдабароёна, зӯран қатъиян;

ё) ифодаи муқоиса (каждумвор газидан, гурбаосо харошидан)-ро мефаҳмонанд.

Бо корбасти зарфҳои тарзи амали зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Дӯстона, хушҳолона, оҳиста, дарҳол, дартоз, зуд омадан, нохост, ногаҳон, рӯ ба рӯ, баробар истодан.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо истифода аз фарҳанги иқтисодӣ калимаҳои зеринро шарҳ диҳед.

**ФОИДА**

**ЗИЁН**

Намуна: Дилер, шахс ва фирма, ки бо хариду фӯрухтани молҳо машғуланд.

## МАВЗӮИ 32. ФАЪОЛИЯТИ БОЗАРГОНӢ ВА ДАРОМАДИ ИҚТИСОДӢ

Бозор – маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ, ҷараёни хариду фурӯши мол ва иҷрои хадамотро ба тавассути пул дар бар мегирад. Аз ин нигоҳ, бозор чун фаъолияти иқтисодӣ ва ҳамчун як



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

механизми пурқувват аз вазъи тавлиди маҳсулот ё иҷрои кору хадамот, алалхусус ба ҷараёни муносибатҳои озоди молию пулӣ вобаста аст. Бозор инчунин категорияи мураккаби иқтисодию иҷтимоӣ буда, моҳияти он дар нишонаҳои гуногун зоҳир мегардад. Аз назари муносибатҳои истеҳсолӣ бошад, бозор зинаест, ки дар он ҷо савдо ё хариду фурӯши мол, иҷрои кору хадамот бо мақсади қонеъ гардонданн эҳтиёҷи инсонҳо дар асоси дархости онҳо сурат мегирад.

Бозор фаъолияти мақсаднокест, ки ба тавассути он як низоми чораҳои мушаххаси комилан судманд таҳия шудааст, ки роҳи ҳалли вазифаҳои гуногунро, аз шурӯи истеҳсолот то ба истеъмолгарон расонидани маҳсулот ё хадамотро дарбар мегирад. Аз ин ҷо, мо имрӯз бо истилоҳҳои «иқтисоди бозорӣ», «иқтисоди бозаргонӣ», «иқтисоди танзимшавандаи бозорӣ», «иқтисоди бозории рӯ ба иҷтимоиёт нигаронидашуда», «бозори озод» ва ғайра дар саҳифаҳои адабиёти иқтисодӣ дучор мешавем.

Бозорӣ озод бозорест, ки аз таъсири усулҳои бештар амрдиҳӣ-бюрократии идораҳои давлатӣ то андозаи муайяне озод мебошад. Дар ин ҳолат қонунҳои иқтисоди бозорӣ пурра татбиқи амалии худро меёбанд, нархи молу хадамот бошад дар натиҷаи таъсири воқеии арза ва тақозо муайян мегардад. Фаъолияти истеҳсолгарони мол чун фурӯшанда ва истеъмолгарон дар шахси корхонаю ташкилоти тиҷоратҳо савдо бидуни таъсири идораҳои болоии давлатӣ, яъне озодона ва мустақилона мувофиқи талаботи мардум дар бозор сурат мегирад.

Як шакли бисёр муассири фаъолият дар шароити бозор фаъолияти бозаргонӣ аст. Бо ин нигоҳ, дар мафҳумҳои «иқтисоди бозорӣ» ва «иқтисоди бозаргонӣ» бо ҳам омехта шудаанд. Агар аз назари низоми муносибатҳои иқтисодӣ ба ин масъала дида дӯзем, аслан онҳо ду истилоҳи иқтисодианд, ки ба хам хеле наздик ва идомаи якдигаранд. Бо забони англисӣ «иқтисоди бозор»-ро «маркет-экономн» ва «иқтисоди бозаргонӣ»-ро «бизнес-экономи», инчунин ҳоло онро «экономике» ҳам гӯянд.

Моҳияти иқтисоди бозорӣ мақсаднок идора намудаии тақозои аҳолӣ ва моҳияти иқтисоди бозаргонӣ таъмини ҳамин тақозо бо роҳи усулҳои бозоргонӣ ва тавсиаи бозоргонист. Иқтисодиёт ва бахусус иқтисоди бозаргонӣ ба тавассути меҳнати пурсамари инсонҳо густариш меёбад ва дар ниҳояти кор баланд шудани сатҳи самаранокии ин иқтисодиёт бояд танҳо ба беҳбудии зиндагонии ҳамин инсонҳо ҳамчун ҳадафи асосӣ мусоидат кунад. Аз ин рӯ, гузаштан ба бозор ҳадафи асосӣ набуда, балки воситаест, ки ба тавассути ин шакли хоҷагидорӣ дараҷаи баландтари зиндагонии аҳолӣ бояд таъмин гардад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар ҳаёти имрӯза ҳам мо зуд-зуд пасту баландшавин нархҳоро дида меистем. Он ҳолат аксаран зери таъсири талабу таклифи мол ба амал меояд. Агар талабот ба мол зиёду таклифоти (пешниҳоди) вай камтар бошад, нархҳо баланд мешаванд ва баръакс, мавриди назар ба пешниҳод камтар шудани талабот нархҳо паст мефуроянд. Вале агар фурӯшандагон таносуби талабу таклифҳоро аз назар соқит намоянд, он гоҳ, нархи онҳо ноустувор мегардад ва бо нархҳои баландтари пешина онҳо молашонро фурӯхта натавониста, оқибат муфлис мешаванд. Дар назари мо нарх чунин як ҳодисоте мебошад, ки бояд доимо пасту баланд шуда истад.

Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед. Ҷумлаҳои дар таркиб зарф доштаро муайян намоед. Кадом аз он калимаҳо зарф буданашонро гӯед.

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Бозор чист ва иқтисоди бозорӣ ё бозаргонӣ чӣ маънӣ дорад?
2. Гузаштан ба бозор – ҳадафи асосӣ ё восита?

Бо сохту таркиб, имло ва шарҳи ибораҳои зерин шинос шавед ва ба хотир нигоҳ доред.

## ИҚТИСОДИ БОЗОРГОНӢ

Системаи ташкили фаъолияти хоҷагӣ, ки дар он на аз ҷониби давлат тавассути нақшаи истеҳсолӣ ва тақсимоти натиҷаҳои истеҳсолӣ, балки аз ҷониби ҳар кадом агентҳои иқтисодӣ мустақилона қарорҳои хоҷагӣ қабул карда мешаванд. Он ба соҳибкории озод, рақобатнокӣва моликияти хусусӣ асос карда шудааст. Талаботи ҳар кадом аъзои ҷамъият ва умуман ҷамъиятро дар натиҷаи ҳар кадом агенти иқтисодӣ гарифтани фоида қонеъ мегардонад.

### МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

## ЗАРФҲОИ МИҚДОРУ АНДОЗА (ДАРАҶА)

Зарфи миқдору дараҷа андозаи иҷрои аломат ва амалро ифода карда, ба саволҳои **чӣ қадар?, чӣ андоза?, чӣ қадарӣ?** ҷавоб мешавад: бисёр, хеле, андак, кам, зиёд, як миқдор, бағоят, ҷудо бисёр, камакак, як дараҷа.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Зарфҳои миқдору дараҷа дар ҷумла ба вазифаи ҳоли миқдору дараҷа меоянд: 1. Дар баҳор токзору дарахтзор бағоят хурраму дилкушо гардида буд. 2. Бо нияти шаҳр рафтан кӯшиш мекардем, ки камтар хӯрем ва зиёдтар захира кунем.

Ҷумлаҳоро нависед ва зарфҳои миқдору дараҷаро аниқ созед. Ба зерашон хат кашида, ба кадом калима вобаста шуданашонро шарҳ диҳед.

1. Шағол ва Самак аз овардани дояи ҷоду бағоят хурраму шодмон шуданд. 2. Ман кам-кам аз шарҳи ҳоли Қори ишкамба хабардор шудам. 3. Дар аввали сӯҳбат пирамард як қадар амри маъруф кард.

Бо корбасти зарфҳои миқдору андоза (дараҷа)-и зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Бисёр, бисёртар, кам, кам-кам, камтар, хеле андак, чандин, якчанд, қадре, аввалан, сониян.

Ҷумлаҳоро хонед ва ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани калимаҳои бо ранги баланд чопшударо шарҳ диҳед.

1. Баъди **андак** фурсат дар осмон як парандаи хеле калон пайдо шуд. 2. Ӯ дар майдон **бағоят** шармгинона меистод. 3. Подшоҳ ба вай **қадре** мис ва биринҷӣ дод. 4. Одамон **тӯда-тӯда** ва **танҳо-танҳо** ба ҳар тараф **тез-тез** мерафтанд. 5. **Бисёр** шинам, **бисёр** дилкаш ва **бисёр** хушнамо афтода буд, ки одам аз диданаш сер намешуд.

## Оини дахлу харҷ, захира ва нигаҳдории пулу мол

Одамони хирадманду ботаҷриба пулу маошро бо ҳисобу китоб, тибқи меъёр, бо назардошти имконияту иқтидор сарф мекунанд. Мекӯшанд, ки дахл ҳамеша аз харҷ андаке бошад ҳам, афзун гардад, буҷети оила батадриҷ зиёд шавад. Ҳаётозмудагон аз ҳисоби маош як миқдор пулро, кам бошад ҳам, барои пасандоз ҷудо мекунанд. Дар оила ба ғайр аз пасандози пул як миқдор маводи ғизо, молу чиз ва амсоли инҳо ба сифати захира бояд ҳатман вуҷуд дошта бошад. Харидани анҷоми рӯзгор низ аз ҳисоби маош сурат мегирад. Асбобу ашёи рӯзгорро кам-кам, зинабазина ба қадри имкон харида, бисоти хонаро мукаммал мекунанд. Дар аввал чизҳои барои рӯзгор аз ҳама зарур, ба монанди яхдон, дегу табақ, косаву пиёла, бистару кӯрпа, кӯрпача ва ғайраро мехаранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз каму кости рӯзгор, чизу чора, ё барои тангии манзил, бо аҳли оила моҷаро набояд кард, зеро ободиву беҳбудии манзилу хонадон дар муддати кӯтоҳ не, балки тадриҷан бо гузашти солҳо ва боло рафтани маошу зиёд шудани буҷети оила ба даст меояд. Дар ин бора Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фармуда:

Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ,
Дар банди такаллуф машав, озод бизӣ.
Дар беҳ зи худӣ назар макун, ғусса маҳӯр,
Дар кам зи худӣ назар куну шод бизӣ.

Матнро хонед ва дар бораи оини дахлу харҷ, захира ва нигаҳдории пулу мол ҳарф занед.

Бо сохту таркиб, имло ва шарҳи калимаҳо шинос шавед ва ба хотир нигоҳ доред.

**ПУЛ**

Моли махсус буда, барои ҳамаи молҳо эквиваленти (ченаки) умумӣ мебошад. Моҳияти он дар ҳолатҳое муайян мегардад, ки он панҷ вазифаро иҷро намояд: 1) пул ҳамчун андоза (ченаки)-и бозоргонӣ арзиш; 2) пул ҳамчун вазифаи муомилот; 3) пул ҳамчун воситаи андӯхт (ғункунӣ, ҷамъкунӣ)-и ганҷ, сарват; 4) пул-ҳамчун воситаи пардохт (қарзадокунӣ); 5) пулҳои ҷаҳонӣ.

**ПУЛ**

Давраҳои бешумор ва беинтиҳои таърих ва зинаҳои гуногуни муомилотро паси сар карда, ҳамчун моли махсус барои ҳамаи молҳо нақши эквиваленти умумиро иҷро мекунад.

**ПУЛ**

Баробари муносибатҳои бозорӣ эҳё ва инкишоф ёфта, он неъмат ё худ мӯъҷазаест, ки инсон барои худ ихтироъ кардааст, ӯро ба худ ҷалбу мафтун намуда, барои дастрас ва дарёб намудани он саргардон ва ба азобу шиканҷа гирифтор шуда, маҷбур аст, ки тарзу услуб ва санъатҳои нав ба нави ба даст оварда, истифода ва масраф намуданашро ёд гирад.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Аз асарҳои хондаатон панҷто ҷумлаҳои дар таркиб зарфдошта интихоб намуда, ба дафтар рӯбардор кунед. Навъи зарфҳоро ёдрас намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 33. БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИММАТНОК

Бозори коғазҳои қимматнок яке аз шаклҳо ва қисматҳои маъмули бозори сармоя буда, барои ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ сарчашмаи асосии захираҳои инвестисионӣ ба ҳисоб меравад. Пайдоши бозори коғазҳои қимматнок ба мавҷудият ва инкишофи талабот ба захираҳои қарзӣ мебошад. Бозори коғазҳои қимматнок бошад бар истифодаи сармояи судхӯрӣ (қарзӣ) асос меёбад ва ҳаракати (хариду фурӯши) коғазҳои қимматнок ин истифодаи сармояи пулиро ба мақсади судхурӣ (даромади муфт гирифтан) ифода менамояд. Дар чунин сурат коғазҳои қимматнок шакли ҳуҷҷати қарзиро мегирад.

Вазифаи асосии бозори коғазҳои қимматнок ин зудҳаракатии (мобилизатсия) маблағҳои пулии субъектҳои иқтисодӣ барои ташкил ва равнақи истеҳсолот мебошад. Бозори коғазҳои қимматнокро метавон ба бозори аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа ҷудо намуд.

Дар бозори аввалиндараҷа коғазҳои қимматноки навинтишоршуда хариду фурӯш карда мешаванд, ки дар натиҷа интишоркунандаи он соҳиби сармояи пулӣ ва харидорон соҳиби коғазҳои қимматнок мегарданд. Нархи коғазҳои қимматноки дар бозори авалиндараҷа харидуфурӯшшаванда ба арзиши номиналии онҳо, яъне маблағе, ки дар онҳо нишон дода шудааст, баробар аст. Соҳибони коғазҳои қимматнок метавонанд онҳоро ба дигар субъектҳои иқтисодӣ фурӯшанд ва ин боиси пайдоиши бозори дуюмдараҷаи коғазҳои қимматнок мегардад. Дар ин шакли бозор нархи (қурби) коғазҳои қимматнок ба омилҳои гуногун аз қабили даромади ширкатҳои саҳомӣ, вазъи сиёсӣ, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ ва фоизи қарзи бонкӣ вобаста мебошад. Масалан, агар даромади ширкатҳои саҳомӣ афзояд, пас қурби саҳмияҳои ширкат низ меафзояд ва баръакс. Бо дарназардошти таъсири омилҳои номбурда қурби коғазҳои қимматнок дар бозор чунин ҳисоб карда мешавад:

Дар бозори дуюмдараҷаи коғазҳои қимматнок гардиши биржавӣ ва гардиши ғайрибиржавиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Гардиши биржавии коғазҳои қимматнок ин хариду фурӯши онҳо дар биржаи фондӣ мебошад.

Гардиши ғайрибиржавии коғазҳои қимматнок ин хариду фурӯши онҳоро берун аз биржаҳо ифода мекунад. Сабаби асосии ҷой доштани гардиши ғайрибиржавӣ дар он аст, ки ҳар як биржаи фондӣ талаботҳои худро дорад ва на ҳама



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ширкатҳо ба ин талаботҳо розӣ мешаванд. Гузашта аз ин хариду фурӯши коғазҳои қимматнок берун аз биржа хароҷоти ширкатҳоро кам мекунад. Дар бештар мавридҳо ба ин кор фирмаҳои махсуси брокерӣ сару кор доранд. Воситаҳои асосии гардиши ғайрибиржавӣ ин алоқаи телефонӣ, интернет, факс ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд.

Биржаи фондӣ гуфта бозори муташаккили коғазҳои қимматнокро меноманд, ки дар он хариду фурӯши онҳо сурат мегирад. Биржаи фондӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

– алоқамандии харидорон ва фурӯшандагони коғазҳои қимматнокро таъмин менамояд;

– қурби коғазҳои қимматнокро таҳлил намуда муносибати сармоядоронро нисбати ҳар яки онҳо муайян менамояд;

– ба сифати механизми ҳаракати сармоя аз як соҳа ба соҳаи дигар баромад менамояд.

Биржаҳои фондӣ метавонанд ба сифати ширкатҳои саҳомӣ дар асоси моликияти коллективӣ ва ба сифати муассисаи давлатӣ дар асоси моликияти давлатӣ ташкил карда шаванд.

Коғази қимматнок дар маънои ҳуқуқиаш ҳуҷҷатест, ки ҳуқуқҳои соҳиби онро барои гирифтани фоидаю сармояи ба гаравмондашуда кафолат медиҳад.

Ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ коғази қимматнок ин воситаи молиявиест, ки фирма(ширкат)ҳо ва муассисаҳои давлатии молиявӣ барои гирифтани қарз ва барои ба вуҷуд овардани сармояи нав интишор намудаанд. Ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ коғазҳои қимматнок воситаи муносибатҳои молиявии байни субъектҳои иқтисодиро ифода менамоянд. Дар назарияи иқтисодӣ коғазҳои қимматноки хусусияти ҳиссагидошта ва коғазҳои қимматноки хусусияти қарзидоштаро аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Матнро хонед ва бо назардошти мазмун байни гурӯҳҳо саволу ҷавоб ташкил кунед.

Бо сохту таркиб, имло ва шарҳи калимаҳо шинос шавед ва ба хотир нигоҳ доред.

БИРЖА муассисаест барои бастани шартномаҳои молиявӣ ва тиҷоратӣ.

БИРЖАИ МЕҲНАТ муассисаест, ки байни коргарон ва соҳибони корхонаҳо дар киро кардани қувваи корӣ миёнаравӣ мекунад.

ШИРКАТ муассисаи тиҷоратӣ, саноатӣ ва ғайра, ки аз иштироки чанд сармоядор ба вуҷуд меояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

## ЗАРФҲОИ ЗАМОН

Зарфи замон вақту замони воқеъ шудани амалро фаҳмонда, ба саволи **кай? кай боз?** ҷавоб мешавад: дина, имрӯз, парер, порсол, ҳанӯз, ҳоло, фардо, шабошаб, алҳол, баъд, пагоҳ-бегоҳ.

Зарфи замон дар ҷумла ба вазифаи ҳоли замон меояд: Парерсол ҳамин гуна ҳодиса рӯй дода будааст.

Зарфҳои замон вобаста ба замони ҳозира (ҳоло, ҳозир, имрӯз, имшаб, имсол), замони оянда (акнун, фардо, пагоҳ, аз сари нав), замони гузашта (дина, дирӯз, порина, порсол; дӣ, душ), замони умумӣ (абадан, доимо, мудом, ҳамеша, умрбод, барвақт, бевақт, дарҳол, зуд, ҳаргиз) кор фармуда мешаванд.

Зарфҳои замони муайян надошта (умумӣ) вобаста ба мазмуни матн ва замони феълӣ – хабарӣ ҷумла ифодаи замонӣ пайдо мекунанд.

Зарфҳо, ки замони ба вуҷуд омадани амалро мефаҳмонад, муайян кунед ва шарҳ диҳед.

1. Гирифтам дина мактуби аҷибе аз як қишлоқи дури кӯҳии мо. 2. Орзу бисёр дорад дил ҳанӯз. 3. Сулҳия ҳозир имтиҳон супорида истодааст. 4. Шабонгоҳ кӯчаҳои шаҳрамон чароғон, зебо ва пуродам мешаванд. 5. Чунон писар бош, ки Ватан ҳам туро доимо ёд кунаду дӯст дорад. 6. Зебӣ фардо-пасфардо ба кор медарояд.

Бо корбасти зарфҳои замони зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Дина, имрӯз, парер, порсол, ҳанӯз, ҳоло, фардо, шабошаб, алҳол, баъд, пагоҳ-бегоҳ.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Чун забоншиноси ҷавон калимаҳои душворфаҳми таркиби матнро шарҳ диҳед.

## МАВЗӮИ 34. КИРМАКПАРВАРӢ

Кирмакпарварӣ ва коркарди пилла яке аз шуғлҳои қадимтарини мардуми тоҷик ва соҳаи сердаромаду афзалиятнок ба ҳисоб рафта, истеҳсоли пилла барои бо ашёи хом таъмин намудани корхонаҳои саноатии мамлакат, бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE









ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои ватанӣ аҳамияти калон дорад.

Кирмакпарварӣ хусусияти мавсимӣ дошта, тибқи анъанаи мардуми тоҷик қариб тамоми аъзои оила ба он машғул мешаванд.

Асоси пилларо нахи он ташкил медиҳад. Нахи абрешим, ки аз пилла гирифта мешавад, аз дигар нахҳои табиӣ фарқияти калон дорад. Фарқияти он дар мустаҳкам будани нах, намнокиро ба худ нагирифтан, қувваи барқро нагузаронидани он зоҳир мегардад. Аз нахи абрешим зиёда аз 330 номгӯйи маҳсулот истеҳсол мешавад.

Истеҳсоли пилла заҳмати гарон, таваҷҷӯҳи доимӣ, хароҷот ва қувваи кории зиёд тақозо менамояд. Кирмакро, ки дарозиаш аз 3 мм зиёд нест, дар хоҷагиҳои пиллакор дар инкубаторҳо – дар ҳарорат ва намнокии махсус давоми 8 – 10 рӯз аз тухм мебароранд. Кирмак басо нозук буда, аз рӯзи нахустин парваришро талаб менамояд.

Кирмарпарварӣ яке аз соҳаҳои бепартов дониста мешавад, зеро барги туте, ки ба кирмак медиҳем, шохаҳои он дар хонадон минбаъд чун сӯзишворӣ истифода мешаванд. Инчунин он чизе, ки кирм истеъмол намудаву коркард карда, аз худ хориҷ мекунад, дар таркиби худ зиёда аз 9 фоиз нитроген до-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рад ва он дар соҳаи растанипарварӣ ҳамчун нурии минералӣ истифода мешавад. Вақте ки пилла коркард карда мешавад, баъди истифодаи пилла зочаи он боқӣ мемонад, ки он чун хӯроки серғизо дар соҳаи чӯҷапарварӣ ва моҳипарварӣ истифода мешавад.

Либосҳои бофтаи абрешимӣ ва ҳарир дар мизоҷ, гарм ва латиф аст. Агар либоси шоҳиро бипӯшанд, баданро мулоим, нарм ва фарбеҳ мегардонад, ба пӯшандааш сурур мебахшад, вале пӯсти баданро нафис мекунад.

Ба се гурӯҳ тақсим шуда, матнҳоро байни гурӯҳҳо бо қисмҳо интихоб кунед. Хонед ва саволҳо тартиб диҳед. Мазмунашро баён намоед.

Бо сохту таркиб, имло ва шарҳи калимаҳо шинос шавед ва ба хотир нигоҳ доред.

**Содирот**

Молҳое, ки мувофиқи муқаррароти гумрук ба хориҷи мамлакат содир карда мешаванд.

**Воридот**

Молҳое, ки ба мамлакат аз хориҷа барои муомилоти озод молҳо, технологияҳо, сармоя ва хизмат бо мақсади ба фурӯш баровардани онҳо дар бозори дохилӣ ворид карда мешаванд.

**Воридотнамоянда**

Шахс ё ташкилоти савдое, ки бо ворид намудани молҳо аз хориҷа (воридот) машғул мебошанд.

Чӣ гуна тут буданашонро номбар кунед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### ЗАРФҲОИ МАКОН

Зарфи макон ҷой ва макони воқеъ шудани амалу ҳолатро мефаҳмонад.

Зарфҳои макон аз ҳисоби дигар ҳиссаҳои нутқ – исм (пеш, ақиб, қафо, дарун, берун, боло, поён), сифат (дуртар, наздиктар), таркибҳои ҷонишинӣ (ин ҷо, он ҷо, ин сӯ, он сӯ, он тараф), аз такрори исм (ҷо-ҷо, дарун-дарун) ва зарфҳо ташкил ёфтаанд.

Зарфҳои макон одатан дар паҳлӯйи феъл омада, ба он тобеъ мешаванд:

1. Соҳиби хона Асоро болотар шинонд.
2. Дар роҳ аробаҳо ин сӯ-он сӯ мегаштанд.

Ҷумлаҳоро хонед, ба ифодаҳои бо ранги баланд чопшуда саволҳо гузоред ва чӣ тобиши маъноӣ доштани онҳоро шарҳ диҳед.

1. Як-ду рӯз **дар ин ҷо** хоб карда сиҳат шуда рафт. 2. Дарахтони арча **ҳар ҷо-ҳар ҷо** соя афканда буданд. 3. Шодӣ **поёнтар** аз ҳама нишаста буд. 4. **Боло** рафтану **поён** хамиданҳо аз кӯталҳо дилгирашон мекард.

Бо корбасти зарфҳои макони зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Пеш, ақиб, қафо, дарун, берун, боло, поён, дуртар, наздиктар, ин ҷо, он ҷо, ин сӯ, он сӯ, он тараф, ҷо-ҷо, дарун-дарун.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо интихоб сарлавҳа ва корбасти зарфҳо матн тартиб диҳед.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 35. ҚОИДАҲОИ АХЛОҚӢ ВА ОДОБИ МУОШИРАТ

Муошират бо телефон имрӯз яке аз шаклҳои хеле интишорёфтаи робитаи инсонҳост. Вале боодобона, пурсамар ва оқилона сӯҳбат карданро тавассути телефон на ҳама медонанд. Ба ҳамин сабаб бояд ҳангоми гуфтугӯ бо телефон қоидаҳои ахлоқӣ ва одоби муошират қатъиян риоя карда шаванд.

Қоидаҳои муошират бо телефон хеле зиёданд, вале танҳо донистани муҳимтарини онҳо низ метавонад сатҳи маданият ва одобу ахлоқи ҳамидаи ҳар як шахсро боз ҳам баландтар созад.

Дар поён чанд намунае аз одоби муошират, ки аз таҷрибаи истифодаи телефон дар байни табақаҳои мухталифи аҳолӣ гирифта шудааст, оварда мешавад:

Риоя кардани одоби сӯҳбати муқаррарӣ ҳангоми истифодаи телефон (риояи лаҳни эҳтиром, боодобӣ, бо оҳанги ором ва мувофиқ ва ғайра).

Худдорӣ аз истифодаи телефон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, бо овози баланд сӯҳбат кардан, гӯш кардани мусиқӣ ё садоҳои нофорам.

Роҳ надодан ба сухандарозӣ ҳангоми муколама ва ҳатман ба назар гирифтани сарфаи вақти ҳамсӯҳбат.

Истифода накардан аз телефон дар ҳузури калонсолон ё дар зарурат иҷозат хостан аз онҳо барои занг задан ва ё ҷавоб додан бо телефон.

Ҳар чӣ зудтар бардоштани гӯшак баъди садо додани занги телефон.

Занг назадан ба дигарон рӯзона – то оғози рӯзи корӣ ва шабона – баъди соати 21.00.

Дағалона ҷавоб надодан ба шахсе, ки иштибоҳан занг зада аст ё узр хостан ҳангоми иштибоҳан занг задани худ.

Салом додан ва мухтасаран муаррифӣ кардани худ пеш аз оғози муколамаи телефонӣ.

Сухан нагуфтан бо даҳони пур, бо даст пӯшидани гӯшаки телефон ҳангоми сӯҳбат бо дигарон, сулфа ё атсаи ногаҳонӣ ва узр хостан дар ин ҳолатҳо.

Истифодаи телефони дигарон танҳо баъд аз иҷозат хостан, ба дигарон беиҷозат надодани рақами телефони ҳамсоя ё ошноҳо.

Ҳатман хайрбодӣ кардан дар анҷоми сӯҳбати телефонӣ ва ғайра. Ба ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки истифодаи таҷҳизоти техникии муосир ба инсон сабукиҳои зиёде меорад. Аммо дар баробари ин техника ва технология аз ҷиҳатҳои манфӣ ҳам холӣ набуда, донистани онҳо ба шахс имконият медиҳад, ки зарарҳои онро ба саломатии худ пешгирӣ намояд. Истифодаи босамар ва



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

оқилонаи таҷҳизоти техникӣ, риояи одоби муошират тавассути он бошад, боиси рушди беҳтарин хислатҳои ахлоқии инсони муосир гашта, бо чунин ахлоқи ҳамида дар назди мардум соҳибэҳтиром гаштани ҳар як шахсро таъмин месозад.

Матнро хонед ва дар бораи одоби муошират бо телефон мулоҳизаҳои хешро баён намоед.

Ҷумлаҳои дар таркиб зарфдоштаро ба дафтар рӯбардор кунед. Зарфҳояшро муайян намуда, ба зераш хат кашед.

Таъбирҳои зеринро хонед ва шарҳ диҳед. Зарфро муайян намоед.

1. Каҷ нишину рост гап зан.
2. Кам-кам хӯру ҳамеша хӯр.

Бо сохту таркиб, имло ва шарҳи калимаҳо шинос шавед ва ба хотир нигоҳ доред.

**ЛИЗИНГ**

Иҷораи мӯҳлаташ миёна ва дарозмуддат (аксар вақт мошинҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт), ки дар ин мавриди қисм-қисм маблағашро рӯйпӯш менамояд ва баъди анҷоми мӯҳлат иҷорагир метавонад қисми боқимондаи онро супорида, онро ҳамчун моликияти худ соҳибӣ намояд. Дар ҳолати дигар берӯйпӯш намудан маблағҳо баргардонад, ё ин ки бимонад. Дар ҳар се маврид ҳам бо назардошти шартҳои пешакии қайд кардашуда амал намояд.

**МАРКЕТИНГ**

Калимаи вомии англисӣ. Дар забони тоҷикӣ чунин маъноҳоро ифода мекунад:

1. Тарзи идора ва ташкили истеҳсолот аст, ки ба вуҷуд овардани навъҳои нави маҳсулот ва фурӯши онҳо, омӯхтани талабот ба молҳо ва хизматрасониҳои ба ин вобаста мақсади асосии он мебошад.
2. Фанни иқтисодиёт, ки масъалаҳои марбут ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулотро меомӯзад, бозорёбӣ.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

## ЗАРФҲОИ САБАБ

Зарфи сабаб сабаби ба амал омадан ё наомадани амалро ифода мекунад ва ба саволҳои **чаро? барои чӣ? аз чӣ сабаб?** ҷавоб мешавад: ночор, ноилоҷ, саҳван, маҷбуран, беихтиёр, тасодуфан, хоҳ-нохоҳ, хоҳу нохоҳ, хоҳам-нохоҳам, беҳуда.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мисол: 1. Нависанда Меҳрдод туфайли рӯзномае, ки кадоме тасодуфан афтонда буд, аз ҳамаи ин огоҳ гашт. 2. Оҳуи захмие аз дунболагирии сайёди ҷавон ноилоҷ монда, худро ба вартае афканд.

Бо корбасти зарфҳои сабаби зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Ночор, ноилоҷ, саҳван, маҷбуран, беихтиёр, тасодуфан, хоҳ-нохоҳ, хоҳу нохоҳ, хоҳам-нохоҳам, беҳуда.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо интихоби сарлавҳа ва корбасти зарфҳои замон матн тартиб диҳед.



## МАВЗӮИ 36. ДАВОМИ МАВЗӮЪ

Одоби муошират – ин санъати баланди рафтор ва суханравонӣ мебошад, ки ҳангоми риоя кардани он кас ба муваффақиятҳои дилхоҳ метавонад комёб гардад. Муомила ин ҳаммаънои калимаи «муошират» мебошад ва риояи он на танҳо сухан гуфтан ва шунидани дигарон мебошад, ин ҳамчунин маҷмӯи рафтор ва ҳаракатҳоро дар худ таҷассум мегардонад.

Одоби муошират ин риштаест, ки барои алоқаи хуб ва зич байни мардум. Чӣ қадаре ки одоби муошират баланд бошад ҳамон қадар хуб аст ва шахсони муомилаи бади муоширатдоштаро «беадаб» меноманд ва баракси онҳоро «боадаб» мегӯянд.

Масалан, табассум намудан, гуфтори дилписанд, ҷавоби фаврӣ додан, сухани кофӣ гуфтан, дастгирии ҷисмонӣ, тӯҳфа кардан ва ғайраҳо ин амалҳои муошира кардан мебошад, ки ҳангоми бо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

сифати баланд иҷро кардани он кас ба вазифаву мартабаҳои баланд ва ҳамчунин муҳаббату эҳтиром (обрӯй) зиёд соҳиб мешавад.

Одамон ҳар гуна хоҳиш, ақл, боигарӣ, тасаввурот, забон, ҷинс, миллат, нажот, афт ва ғайраро соҳибанд, ки вобаста ба ин омилҳо бо ҳар яки онҳо муомилаву муошираи хоса кардан нисбатан дурустар аст.

Матнро хонед ва дар бораи қоидаҳои ахлоқӣ ва одоби муошират мулоҳизаҳои хешро баён намоед.

### Қоидаҳои муоширати беҳтарин

Саломи самимӣ
Аҳволпурсии самимӣ
Хоксорона рафтор намудан
Бо табассум сухан гуфтан
Афт турш накардан
Суханро шаффофу пурра гуфтан
Дуруғ нагуфтан
Такаббурӣ накардан
Суханони дигаронро гӯш карда тавонистан
Таҳқир накардан
Меҳрубонона амал кардан
Эҳтиром кардан

Бо корбасти ибораҳо ва интихоби зарфҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД**

## ЗАРФҲОИ МАҚСАД

Зарфи мақсад мақсади воқеъ шудан ва ё нашудани амалро фаҳмонида, ба саволҳои барои **чӣ? ба чӣ мақсад?** ҷавоб мешавад: қасдан, барқасд, таъкидан, лутфан, ифтихоран.

Дар забони тоҷикӣ зарфҳои мақсад бештар ба воситаи таркибҳо ифода меёбанд: дидаюдониста, донистаю надониста, бемавриду бамаврид, барои хондан.

Мисол: 1. Дидаю дониста хотираҳои ҳаяҷоноварро нақл мекунам. 2. Шариф бамавриду бемаврид як гапро мегуфт.

Ҷумлаҳоро хонда, ба калимаҳои бо ранги баланд чопшуда саволҳои мувофиқ гузоред ва ба кадом навъи зарф мансуб буданашонро гӯед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. **Ночор** сари аспро аз он тараф гардонда, ба сари дигар кӯча нигоҳ карда давондам. 2. Деҳқонон ҳам **хоҳ-нохоҳ** қабул карданд. 3. Ин корро Асо **қасдан** кард. 4. Чашмони Шарифзода ба рӯйи Толиб **кунҷковона** дӯхта шуданд. 5. Салима **бедарак** ба ҳавлии онҳо наомадааст. 6. Ба вай **бесабаб** оташгул ном надода будаанд.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо корбасти зарфҳои мақсади зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Қасдан, барқасд, таъкидан, лутфан, ифтихоран.

## МАВЗӮИ 37. ОБУҲАВОСАНҶӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН

Шумо борҳо ба воситаи телевизион ва радио шунидаед, ки имрӯз ё пагоҳ ҳаво гарм ё хунук мешавад, барф ё борон меборад. Чигунагии обу ҳаворо обуҳавосанҷон муайян мекунанд. Обуҳавосанҷӣ илмест, ки тағйирёбии обу ҳаворо муайян карда, дар бораи он маълумот медиҳад. Ҳолати обу ҳавои маҳалли муайянро, ки дар давоми якчанд сол такрор меёбад иқлими маҳал меноманд.

Одамон дар замонҳои қадим аз рӯйи мушоҳидаи баъзе ҳодисаҳои табиӣ ва рафтори ҳайвонҳо обу ҳаворо пешгӯйӣ мекарданд. Албатта, бо ин тарз обу ҳаворо на ҳамеша аниқ муайян кардан мумкин аст. Аз ин рӯ киштиҳо ғарқ мешуданд, одамон дар роҳ зери барфу борон монда, ҳалок мегаштанд. Барои пешгирии ин ҳодисаҳои табиат бо гузашти айём одамон асбобҳои махсус ихтироъ кардаанд, ки онҳо вазъи боду ҳаворо аниқ пешгӯйӣ мекунанд. Ҳамин тариқ, истгоҳҳои обуҳавосанҷӣ пайдо шуданд.

Ҳоло дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон истгоҳҳои обуҳавосанҷӣ сохта шудаанд. Кормандони он бо ёрии асбобҳои махсус ҳолати обу ҳаворо назорат мекунанд. Ҳароратсанҷ, боднамо, боришотсанҷ, барометр ва дигар асбобҳои обуҳавосанҷӣ барои пешгӯйии обу ҳаво ёрӣ мерасонанд.

Мутахассисони истгоҳҳои обуҳавосанҷӣ рӯзе якчанд маротиба нишондиҳандаҳои асбобҳоро менависанд. Маълумоти ҷамъовардаро ба маркази обуҳавосанҷӣ мефиристанд. Дар марказ мувофиқи ин маълумот харитаи обу ҳаворо тартиб медиҳанд. Аз рӯйи харита самти бод (шамол), ҳаракати ҳаво, миқдори боришот ва дигар ҳодисаҳоро муайян мекунанд. Обуҳавосанҷон бо ҳамин роҳ ҳолати обу ҳаворо пешгӯйӣ намуда, ба воситаи телевизиону радио ва рӯзномаҳо ба мардум хабар медиҳанд



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE











Аситарин асбобҳои обуҳавосанҷӣ, ки одамон (мутахассисон) аз рӯйи онҳо маълумот ба даст меоранд, дар расмҳо оварда шудаанд.

Илми обуҳавосанҷӣ рӯз аз рӯз пеш рафта истодааст. Олимон дастгоҳҳои махсусе кашф кардаанд, ки бо ёрии онҳо аз баландӣ обу ҳавои кураи Заминро меомӯзанд. Ин дастгоҳҳо дар атрофи кураи Замин давр мезананд. Дар онҳо таҷҳизоти автоматӣ (худкор) насб шудаанд, ки ҳодисаҳои атмосфериро сабт карда, ба Замин мефиристанд.

Матнро хонед ва дар бораи таҷҳизотҳои обуҳавосанҷ маълумот диҳед.

Зарфҳои таркиби матнро муайян намоед.

Ба саволҳо ҷавоб диҳед ва супоришро иҷро кунед.

1. Обу ҳаворо дар куҷо санҷидан мумкин аст?
2. Дар бораи обу ҳаво маълумот доштан ба одамон чӣ аҳамият дорад?
3. Ба берун нигаред ва ҳолати обу ҳавои маҳалли зисти худро шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

# СОХТИ ЗАРФҲО

Зарфҳо аз ҷиҳати сохт содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ мешаванд:

1. Зарфҳое, ки танҳо аз як реша иборатанд, содда мебошанд: дина, оҳиста, баъд, зуд, тез, саҳл, акнун, ҳамеша, ҳанӯз, бисёр, ниҳоят, андак, сахт...

2. Зарфҳое, ки реша ва пасванду пешванд доранд, сохта мебошанд: базӯр, торафт, дарҳол, ноилоҷ, барвақт, зӯран, булбулвор, аспакӣ, нотарсона, базудӣ...

3. Зарфҳоеро, ки аз ду реша ва пешванду пасванд сохта шудаанд, мураккаб меноманд: якзайл, чорзону, дучанд, рӯболо, мошинсавор, гармогарм, шабошаб, сарбаландона, дилпурона, секаса, якбора, ду-ду, се-се, оҳиста-оҳиста...

4. Зарфҳои таркибӣ аз калимаҳои гуногун бо ёрии **пешвандҳои ба-, то-, аз-, пайвандаки у** ва такрори калимаҳои якхела сохта мешаванд: ба осонӣ, то ҳол, каму беш, бе гапу кор, сол аз сол, сол то сол, як ба як...

# РОҲҲОИ СОХТА ШУДАНИ ЗАРФҲО

Дар сохтани зарф пешванд ва пасвандҳои зерин иштирок мекунанд:

бе- (беибо, беамон, бемалол, беихтиёр, беҳад, беандоза, бениҳоят, беист...)
но- (нохост, ногуфт, ноҳақ, ноилоҷ, ночор...)
ба- (базӯр, баҳузур, бароҳат, батафсил, бағоят...)
бар- (барвақт, бармаҳал...)
бо- (босуръат, бошитоб, боизтироб, боэҳтиёт...)
дар- (даррав, дарҳол, дартоз...)
то- торафт...
она- (мардона, хашмгинона, рӯзона, бошарафона, шоирона, саъдиёна, калонворона...)
-ан (зӯран, маҷбуран, тамоман, қисман, саҳван, фавран, баъзан, бадоҳатан, қасдан...)
-нокӣ (рӯйнокӣ, пуштнокӣ...)
-акӣ (даҳанакӣ, аспакӣ...)
-о (ошкоро, иттифоқо, гоҳо, басо...)
-вор (бародарвор, Рӯдакивор...)
-ӣ (яктоӣ, ҷиддӣ...)
-е (хеле, андаке)



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо роҳи мураккабшавии калима (ҳамроҳ гаштани ду реша) ва таркибҳо низ зарфҳо сохта мешаванд: саросар, лаболаб, якзайл, оҳиста-оҳиста, як-як, давон-давон, якпаҳлӯ, зӯр ба зӯракӣ, рӯз то рӯз, худ аз худ, рӯ ба рӯ.

Ба гурӯҳҳо тақсим шуда, бо зарфҳои сохташон гуногун ҷумлаҳо тартиб диҳед.

| | |
|---|---|
| **содда** | кам, зиёд, бисёр, зуд, пеш, дер, боз, акнун, ҳозир, қафо, ақиб |
| **сохта** | шабона, ғунчасон, занбӯрваш, магасвор, қадре, бемалол, ногоҳ |
| **мураккаб** | мураккаби пайваст: тӯда-тӯда, сахт-сахт, қоҳ-қоҳ, ягон-ягон мураккаби тобеъ: якзайл, дучанд, яксар, дарёсифат,тӯфоннамо |
| **таркибӣ** | як андоза, бекаму кост, пасту боло, худ ба худ, як ба як, рӯз то рӯз |

Аз рӯйи нақша роҳҳои сохта шудани зарфҳои сохтаро шарҳ диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| қасдан<br>фаврӣ<br>паснокӣ<br>пешакӣ<br>саъдиёна<br>марворидсон<br>яктой<br>ҳозиракак | бешитоб<br>бағоят<br>бошаст<br>ногоҳ<br>барвақттар<br>дартоз<br>торафт<br>бепарвоёна | баногоҳ<br>банохост<br>саросемаворона<br>рӯдворона<br>хомӯшона<br>андаке |

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Зарфҳоро аз ҷиҳати сохт номбар кунед ва инчунин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Бошиддат, беихтиёр, дартоз, ногаҳон, нохост, саҳван, мардонавор, аспакӣ, шодона, андактар, зудтар, оҳистатар, барвақттар, дертар, болотар, поёнтар.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 38. ТАҶҲИЗОТИ ТЕХНИКИИ МУОШИРАТ

Истифодаи таҷҳизоти гуногуни техникӣ дар ҷаҳони муосир яке аз воситаҳои асосӣ дар муошırати ҳаррӯзаи одамон гаштаает. Бешубҳа, техника ва технология имрӯз дар тамоми соҳаҳои зиндагӣ ёвари беназири инсонанд ва истифода аз онҳо омили асосии рушди ҷомеа ва тамаддуни башарӣ аст. Аммо таҷҳизоти техникӣ дар баробари манфиат баъзе ҷиҳатҳои манфӣ низ доранд, ки дар ҷараёни истифода ва муошират тавассути онҳо ҳатман бояд ба назар гирифта шаванд. Ба таҷҳизоти техникии муошират, пеш аз ҳама телефон, оинаи нилгун (телевизор), таҷҳизоти гӯшкунӣ ё тамошои маводи аудио ва видео (радио, магнитофон, видеомагнитофон, плеери аудио, видео, ДВД, айфон, айпод, айпед ва амсоли он), компютер ва ғайра дохил мешаванд.

Инсони муосир тавассути таҷҳизоти мазкур бо дигарон дар робитаю муошират мешавад ё бо худи ин таҷҳизот як навъе муошират менамояд. Бо ҳамин сабаб риояи одоб дар истифодаи техника ҳам имрӯз яке аз рукнҳои асосии ахлоқи ҳамидаи инсон ҳисоб мешавад. Телефони мобилӣ аз ҷумлаи таҷҳизоти техникии муосир дар раванди муошират серистифодатарин мебошад. Ҳар як шахс бо истифода аз телефони хонагӣ (собит) ё ҳамроҳ (сайёр ё мобилӣ, ҳамчунин айфон – телефон бо плеер, камераи суратгирӣ, интернет, ки ба он барномаҳои мухталифро насб кардан имкон дорад) бо падару модар, хешу табор, дӯстону наздикон, одамони шиносу ношинос ва ғайра дар робита мешавад ва ё тавассути шабакаи интернетӣ ба манбаъҳои мухталифи иттилоот дастрасӣ пайдо мекунад. Ба ҳамин сабаб муҳим аст, ки дар қатори донистани қоидаҳои бехатарии истифодаи телефон, ҳар як шахс бо одоби муошират тавассути ин таҷҳизот низ шиносоӣ дошта бошад.

Ҳамзамон донистан зарур аст, ки истифодаи телефони мобилӣ аз сабаби кор кардан бо мавҷҳои электромагнитӣ барои саломатии инсон хеле зараровар аст ва қоидаҳои санитарии истифодаи он бояд ҳатман риоя карда шаванд. Аз тарафи дигар, ҳам телефони хонагӣ ва ҳам мобилӣ хароҷоти пулии зиёде доранд, ки дар навбати худ зарурати сарфакориро дар истифодаи онҳо аз ҳар як шахс тақозо доранд.

Матнро хонед ва таҷҳизотҳои воситаи алоқа ва муоширатро номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Вобаста ба мазмуни матн саволҳо тартиб диҳед.

Зарфҳои таркиби ҷумлаҳоро ёбед ва аз рӯйи сохт бо гурӯҳбандӣ нависед.

1. Нохост дар пеши назарам қомати баланду кокулҳои майдабофтаи ҳамсинфам Мукаррама намудор шуд. 2. Дина бегоҳ маро таъҷилӣ ба идораи нигаҳдории тартиботи ҷамъият бурданд. 3. Оҳиста-оҳиста овозаи Ҳайдарқули моҳипаз ба ҳама ҷо паҳн шуд. 4. Пирамард белро сарнагун ба рег хаста монду қафонокӣ панҷ-шаш қадам рафт. 5. Кӣ буданатро дарҳол маълум кун. 6. Бегоҳонӣ ба ҳуҷраи Маҳмудараб рафтам. 6. Мирзо ҳар пагоҳонӣ ҳамроҳи бой ба тиҷоратхонаи ӯ мерафт.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Чун забоншиноси ҷавон калимаҳои душворфаҳми таркиби матнро шарҳ диҳед. Пас аз он бо корбасти зарфҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Бародарвор, Рӯдакивор, бадоҳатан, фавран, батафсил, бағоят.

## МАВЗӮИ 39. ИМЛОИ ЗАРФ

**Якҷоя навишта мешаванд:**

– зарфҳое, ки бо пешвандҳои ба-, бо-, бар-, бе-, дар-, но- ва то- сохта шудаанд: баногоҳ, бакуллӣ, бодиққат, бомуваффақият, ботафсил, барвақт, барқасд, бемаврид, дарҳол, ногоҳ, торафт ва ғайра;

– зарфҳои мураккаб: дузону, дучанд, якзайл, якпаҳлӯ, дирӯз, чорзону, кинояомез, пасфардо, порсол, парерӯз, умрбод ва ғайра;

– зарфҳое, ки аз шумораву исм бо пасвандҳои -а, -ӣ (-гӣ) сохта шудаанд: дудаста, дутоӣ, садметрӣ, седонагӣ, панҷдонагӣ, садграммӣ, чоркилоӣ ва ғайра;

– зарфҳои мураккабе, ки ба воситаи миёнванди -о- сохта шудаанд: дуродур, сарозер, лаболаб, пасопеш, пешопеш ва ғайра.

**Ҷудо навишта мешаванд:**

– зарфҳое, ки аз такрори калима ва пешоянд сохта шудаанд: дам ба дам, рӯз то рӯз, ваҷаб ба ваҷаб, сол ба сол, хона ба хона, рӯ ба рӯ, дар ба дар, пай дар пай ва ғайра;

– зарфҳое, ки бо ибораи изофӣ ифода шудаанд: дасти холӣ (омадан), сари остин (салом кардан), сари по (нишастан), пойи луч (давидан) ва ғайра.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Бо нимтире навишта мешаванд:**

– зарфҳое, ки аз такрори калима сохта шудаанд: аҳён-аҳён, доман-доман, даста-даста, зуд-зуд, оҳиста-оҳиста, сето-сето, ҷо-ҷо, халта-халта ва ғайра;

– зарфҳое, ки ҷузъи шуморавии онҳо бо рақам ифода ёфтааст: 450-килоӣ, 300-граммӣ, 10-тоннӣ// тоннагӣ, 90-сарӣ ва ғайра;

– дар байни зарфҳое, ки аз калимаҳои тақлиди овозӣ бо пасванди -он сохта мешаванд: қаҳ-қаҳзанон, пичир-пичиркунон, гумбур-гумбуркунон,чаҳ-чаҳзанон ва ғайра

Бо қоидаҳои имлоии зарф шинос шавед ва пас аз он оид ба ҳар як қоидаи имлоӣ маълумот диҳед.

## ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ САРФИИ ЗАРФ

| Нақшаи таҳлил: |
|---|
| 1. Кадом калима зарф аст ва он ба кадом савол ҷавоб мешавад.<br>2. Аломатҳои сарфӣ: миқдору андоза (дараҷа), тарзи амал, замон, макон, сабаб, мақсад.<br>3. Аз ҷиҳати сохт: содда, сохта, мураккаб, таркибӣ.<br>4. Вазифаи наҳвӣ: Ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадааст? |
| **Мисол.** Сухан меронад ва сарбаста ниҳон медошт маъниро. |
| **Намунаи таҳлил:** |
| **Сарбаста** – зарф буда, тарзи иҷрои амалро мефаҳмонад, дараҷа дорад (сарбастатар), он дар ҷумла вобаста ба феъл ба амал омадааст. Вазифааш дар ҷумла ҳоли тарзи амал **(сарбаста – чӣ тарз?)** мебошад. |

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Зарфҳои таркиби ҷумлаҳоро таҳлили сарфӣ кунед.

| | Мисол: | Таҳлили шифоҳӣ | Таҳлили хаттӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Насим дӯсташро пешвоз мегирад, бародарвор ба оғӯш мекашад ва хандон-хандон ҳолпурсӣ мекунад. | | |
| 2 | Ба назарам, ӯ рӯз то рӯз мӯҳташамтар ва азимпайкар метобид. | | |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3 | Шеър бояд монанди он майсаҳои навруста озодона иншо гардад. | | |
| 4 | Фикрашро бошитоб ва саросемавор баён намуд. | | |

## МАВЗӮИ 40. ТАКРОРӢ

Ба саволҳо ҷавоб диҳед ва супоришро иҷро кунед

### ГУРӮҲИ 1.

1. Зарф чист ва ба кадом саволҳо чавоб мешавад?
2. Хусусиятҳои асосии зарф кадомҳоянд?
3. Зарф дорои кадом хусусиятҳои наҳвист?
4. Зарф асосан ба чӣ вобаста шуда меояд?
5. Пешванд ва пасвандҳои зарфсозро номбар кунед?
6. Зарф аз кадом ҷиҳат ба сифат монанд аст?

### ГУРӮҲИ 2.

1. Навъҳои зарфро номбар кунед.
2. Зарф ва хелҳои онро номбар кунед.
3. Зарфи тарзи амал чиро ифода мекунад ва ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
4. Зарфи замон чист ва чиро ифода мекунад?
5. Зарфи сабаб чист?

### ГУРӮҲИ 3.

1. Зарфи мақсад чист?
2. Фарқи зарфи сабаб ва мақсадро бо мисол фаҳмонед.
3. Зарфи миқдору дараҷа чиро ифода мекунад?
4. Зарфҳо аз ҷиҳати сохт чанд навъ мешаванд?
5. Тарзи сохтани зарфҳои сохтаро шарҳ диҳед.
6. Зарфҳои мураккаб бо кадом роҳҳо сохта мешаванд?
7. Зарф дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меояд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ТЕСТ

### ГУРӮҲИ 1.

1. Ҳиссаи мустақилмаънои нутқи ифодакунандаи тарзи иҷрои амал, аломати аломат, замон, макон, сабабу мақсад, миқдору андозаи амал, чӣ ном дорад?

а) зарф б) шумора
в) феъл г) сифат ғ) исм

2. Зарф дар ҷумла асосан ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меояд?

а) хабар б) ҳол
в) муайянкунанда г) мубтадо ғ) пуркунанда

3. Кадом дараҷаи зарф, аломати амал ё худ аломати аломатро бе муқоиса ифода мекунад?

а) дараҷаи оддӣ б) дараҷаи қиёсӣ
в) дараҷаи олӣ г) дараҷаи ғайриоддӣ
ғ) ин гуна хусусият надорад

4. Кадом дараҷаи сифат дар зарфҳои макон ва тарз мушоҳида карда намешавад?

а) дараҷаи қиёсӣ б) дараҷаи олӣ
в) дараҷаи оддӣ г) дараҷаи ғайриқиёсӣ
ғ) ҳеч як дараҷаи зарф

5. Зарфҳо мувофиқи маъно ва вазифаи грамматикӣ ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд?

а) ба як гурӯҳ б) ба ду гурӯҳ
в) ба се гурӯҳ г) ба чор гурӯҳ ғ) ба даш гурӯҳ

6. Ҳиссаи мустақилмаънои нутқ, ки ҳолат, тарз, вақту ҳангом, маҳаллу макон, сабабу мақсади кору ҳаракатро шарҳу эзоҳ медиҳад.

а) феъли ҳол б) феъл
в) сифати феълӣ г) зарф ғ) масдар

### ГУРӮҲИ 2.

1. Кадоме аз зарфҳо дараҷаи оддӣ ва қиёсӣ доранд?

а) зарфҳои макон, тарз, дараҷа
б) зарфҳои монандӣ, миқдор
в) зарфҳои сабаб, мақсад
г) зарф ва навъҳои он дараҷа надорад
ғ) зарфи тарзи амал ва сабаб



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Зарфи **оҳиста хонд** мавҷудияти чӣ гуна амалро ифода мекунад?

а) замони амалро
б) аломати аломатро
в) аломати амалро
г) сабаби амалро
ғ) аломати мақсадро

3. Кадом навъи зарф тарзи иҷрои амалро ҳамеша бо роҳи муқоиса ба аломат ва хусусияти предмети мушаххас баён мекунад?

а) зарфи миқдор
б) зарфи тарз
в) зарфи дараҷа
г) зарфи монандӣ
ғ) зарфи сабаб

4. Зарф аз ҷиҳати сохт чӣ гуна мешавад?

а) содда, сохта, мураккаб, таркибӣ
б) содда
в) мураккаб
г) таркибӣ
ғ) омехта

5. Кадом аз онҳо зарфҳои сохта аст?

а) ҳозир
б) хушҳолона
в) имрӯз
г) беш
ғ) пагоҳ

6. Зарфҳои мураккаб аз ҷиҳати муносибати баёни ҳамдигарии ҷузъҳо бо чӣ гуна гурӯҳҳо тақсим мешаванд?

а) пайваст ва тобеъ
б) содда ва мураккаб
в) сохта ва таркибӣ
г) пайваст
ғ) тобеъ

## ГУРӮҲИ 3.

1. Кадоме аз онҳо зарфҳои макон аст?

а) ногар, саҳван
б) ҷо-ҷо, қафо
в) дирез, порсол
г) кам-кам, якчанд

2. Чӣ гуна зарфҳоро зарфҳои сохта меноманд?

а) зарфҳое, ки реша ва пасванду пешванд доранд
б) зарфҳое, ки танҳо аз як реша иборатанд
в) зарфҳое, ки аз ду реша ва пасванд сохта шудаанд
г) зарфҳое, ки аз калимаҳои гуногун ташкил ёфтаанд
ғ) зарфҳое, ки аз ду ва зиёд таркибҳои бо ҳам алоқаманд

3. Сохти зарфҳои қасдан, пешакӣ, шервор, пуштнокӣ, хомӯшона, дарҳол, барвақт, ноилоҷ, торафт, бепарвоёна, банохост, баногоҳро муайян кунед.

а) содда
б) сохта
в) мураккаб
г) таркибӣ
ғ) омехта



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

4. Кадом навъи зарф сабаби ба амал омадан ё наомадани амалро ифода мекунад ва ба саволҳои **чаро? барои чӣ? аз чӣ сабаб?** ҷавоб мешавад?

а) зарфи сабаб — б) зарфи замон
в) зарфи макон — г) зарфи тарзи амал
ғ) зарфи дараҷа

5. Сохти зарфҳои қасдан, пешакӣ, шервор, пуштнокӣ, хомешона, дарҳол, барвақт, ноилоҷ, торафт, бепарвоёна, банохост, баногоҳро муайян кунед.

а) таркибӣ — б) содда
в) мураккаб — г) сохта — ғ) омехта

## НАТИҶАГИРӢ АЗ МАВЗӮИ ЗАРФ

### ГУРӮҲИ 1.

1. Зарф ҳиссаи мустақилмаънои нутқ буда, ҳолат, тарз, вақту ҳангом, маҳаллу макон, сабабу мақсади кору ҳаракатро шарҳу эзоҳ медиҳад.
2. Таърихи бештарини зарфҳо нисбатан нав буда, бо мурури замон баъдтар, тадриҷан аз ҳисоби ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ ташаккулёфта ба вуҷуд омадаанд.
3. Зарф ҳиссаи мустақилмаънои нутқ буда, тағйир намеёбад, яъне категорияи ҷамъ надорад.

### ГУРӮҲИ 2.

1. Гурӯҳи калони зарфҳо дараҷаи қиёсӣ доранд.
2. Фарқи дараҷаи қиёсии зарф аз дараҷаи қиёсии сифат он аст, ки вай ба феъл вобаста буда, онро шарҳу эзоҳ медиҳад.
3. Зарфҳо мувофиқи маъно ва вазифаи грамматикии худ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: зарфҳои хоссаю ҳолат ва зарфҳои ифодакунандаи муҳиту шароити амал.

### ГУРӮҲИ 3.

1. Зарфҳои содда фақат аз як реша иборат буда, як мафҳумро ифода мекунанд
2. Зарфҳои сохта аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба воситаи вандҳо сохта мешаванд.
3. Зарфи макон макону маҳали амалро шарҳу эзоҳ медиҳад.
4. Зарфҳои замон вақту ҳангоми воқеъ шудани амалро шарҳ медиҳад.
5. Зарфҳои тарзи амал, замон макон ва миқдор низ дараҷаи қиёсӣ доранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо интихоби сарлавҳа ва корбасти зарфҳо матн тартиб диҳед.



Сутунчаҳои холиро бомаврид гузоштани калимаҳои мувофиқ пур кунед ва пас аз он бо шарҳу тафсир ба «Дафтарчаи луғат» рӯбардор кунед.

| | | |
|---|---|---|
| 1. | | 1. Маҷмӯи машғулият ва машқҳои ҷисмонӣ барои тарбияи бадан; бозиҳои варзишӣ, ки кас бо мақсади мустаҳкам кардани саломатӣ ва инкишофи бадан машғул мешавад; гимнастика; атлетика; варзиш кардан бо тарбияи бадан машғул шудан; машқҳои гимнастикӣ кардан.<br>2. Машғулият; машқ, тамрин: риёзиёт варзиши фикр аст. |
| 2. | | Он ки бо бозию машқҳои варзишӣ машғул аст. |
| 3. | | Ҷойи варзиш, толор ва биноҳои дигар барои машқҳои варзишӣ, майдони варзиш; ҷое, ки дар он мусобиқаҳои варзишӣ барпо мешавад. |
| 4. | | Маҳал ва ҷойи варзиш; ҷойи машқ. |
| 5. | | Дармон ва табобати баъзе dardҳо (масалан, дарди бандҳои бадан ба воситаи варзиш). |

**Калимаҳо барои истифода:** варзиш, варзишгар, варзишгоҳ, варзишхона, варзишдармонӣ.

Зарбулмасал ва мақолҳоро хонед, пас аз он шарҳ диҳед.

1. Зебоӣ қудрат аст ва табассум шамшери он.
2. Сарватмандӣ бидуни саломатӣ ҳеҷ аст.
3. Одамиро аз дилу забон мешиносанд.
4. Дили пок доштан беҳ аз ҳамёни пур.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ VI. ИЛМ ВА ТЕХНОЛОГИЯ

## МАВЗӮИ 41. АСРИ XXI — АСРИ ИНФОРМАТИКА ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ




Асри XXI – асри информатика ва технологияҳои иттилоотӣ ба шумор меравад. Дар ин аср тамоми самтҳои фаъолияти инсон аз дастовардҳои техникаи компютерӣ ва технологияи навтарини коркарди иттилоот баҳравар мегардад. Саҳми иттилоот дар қабули қарорҳои идоракунии истеҳсолот, ҷамъият, тафаккур ва ҳалли масъалаҳои рӯзмарра ба дараҷае меафзояд, ки он ба қатори ду омили ҳаётан муҳими дигар – модда ва энергия шомил мегардад. Омилҳои сегона, яъне модда – энергия – иттилоот ба зумраи он ғизоҳое табдил меёбанд, ки инсони қарни нав мазмуну мундариҷаи ҳаёт ва фаъолияти ақлию ҷисмонии худро дар такя ба онҳо ба низом медарорад.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Пешояндҳои корбастшударо номбар кунед.

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Ташаббуси муҳими сеюм чӣ ном дорад?
2. Компютер (роёна) чӣ гуна таҷҳизоти техникӣ ба шумор меравад?
3. Телефони мобилӣ чӣ гуна вазифаҳоро адо менамояд?
4. Як аср аз чанд сол иборат аст?
5. Шумо дар кадом аср зиндагонӣ карда истодаед?

### МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

Ба ҳиссаҳои ёвари нутқ пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача ва нидо дохил мешаванд.

Онҳо маънои луғавӣ надоранд, ба саволҳо ҷавоб намешаванд, аъзоҳои ҷумла шуда намеоянд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ҲИССАҲОИ ЁВАРИ НУТҚ

1 ПЕШОЯНДУ ПАСОЯНД

2 ПАЙВАНДАК

3 ҲИССАЧА

4 НИДО

### ПЕШОЯНД

Як қисми аз ҳиссаҳои ёвари нутқ, ки барои ифодаи муносибатҳои гуногуни грамматикии калимаҳои мустақилмаъно хизмат мекунад.

аз, ба, бар, бо, дар, то, бе, барои, то ба, ҷуз ба (ба ҷуз), оид ба ва ғайра пешояндаҳои забони тоҷикӣ ба шумор мераванд.

Ҳар як пешоянд вазифаи ба худ хос дорад. Пешояндҳо дар ҷумла ва ибора муносибатҳои масоҳагӣ, замонӣ, объектӣ, сабаб, мақсад, восита, тарзи амал, монандӣ ва ғайраро ифода менамоянд.

Пешояндҳои забони тоҷикӣ аз рӯйи сохт ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Пешояндҳои содда:

а) аслӣ: аз, ба, дар, бо, барои, бе, то, ҷуз...

б) номӣ: пеши, назди, рӯйи, болои, паси, ғайри...

2. Пешояндҳои номии таркибӣ:

а) изофӣ: дар болои, аз баҳри, ба сони, ба тариқи, ба хусуси...

б) беизофа: пеш аз, баъд аз, ғайр аз, ба ҷуз, оид ба, нисбат ба, ба ғайр, то ба...

Пешояндҳои содда ба ҷузъҳо ҷудо нашуда, бо исму калимаҳои исмшуда омада, тобишҳои гуногуни маъноиро ифода мекунад.

Пешояндҳои таркибӣ аз пешояндҳои аслӣ ва исму зарфҳое таркиб меёбанд, ки маънои луғавиашонро қариб гум карда, фақат барои тафсили пешоянд хизмат мекунанд. Мисол: Дар пеши ин хона суфаи баланде ҳам буд.

Пешояндҳои таркибӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Пешояндҳои таркибии изофӣ, ки аз пешоянди аслӣ, исм ва изофат таркиб ёфтаанд: ба тарафи, ба сӯйи, дар рӯйи, дар даруни, дар болои, аз болои, аз ҷиҳати, аз барои, ба муносибати, ба назди...

2. Пешояндҳои таркибии беизофа, ки аз ду пешоянд иборатанд: доир ба, оид ба, нисбат ба, ғайр аз, ба ҷуз, пеш аз, баъд аз, то ба...

Ба ду гурӯҳ тақсим шуда, бо корбасти пешояндҳои соддаи аслӣ ва номӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Барои гурӯҳи 1.**

| | | |
|---|---|---|
| АЗ | БО | ДАР |
| БА | БЕ | БАРОИ |

**Барои гурӯҳи 2.**

| | | |
|---|---|---|
| ПЕШИ | РӮЙИ | ПАСИ |
| НАЗДИ | БОЛОИ | ҒАЙРИ |

**Иттилоот** – ин маълумот дар бораи ягон ҳодиса, предмет, шахс, рӯйдод ва умуман муҳити атроф аст, ки сатҳи номуайянии дониши инсонро дар ҳамон самти омӯзиш кам менамояд.

«Иттилоот» мафҳуми хеле васеъ буда, охири асри гузашта устуворона ба таркиби луғавии забони муосири тоҷикӣ, ҳамчун синоними калимаи байналмилалии «информатсия» ворид гашта-аст. Мафҳуми «информатсия» аз калимаи лотинии «informatio» сарчашма гирифта, маънои маънидодкунӣ, фаҳмондадиҳӣ, баёнкунӣ, хабардоркунӣ ва ғайраро дорад.

Калимаи «иттилоот» бошад, баромади арабӣ дорад. Калимаҳои дигари арабиасоси «хабар», «ахбор», «маълумот» ва ғайра баъзе паҳлӯҳои ин мафҳумро маънидод менамоянд.

Инсон ҳар гуна иттилоотро аввал худаш дарк мекунад ва баъд онро ба дигарон мерасонад. Иттилоотро ҳамчун инъикоси ҷаҳони моддӣ дар шакли аломатҳо тасвир ва сигналҳо ифода кардан мумкин аст.

**Технологияи иттилоотӣ** – яке аз соҳаҳои тафаккури илмӣ, ки ба воситаи системаи таҳлилии ҳодисаҳои муҳити атроф равандҳои иттилоотии бо суръати баланд вусъатёбандаро меомӯзад ва усулу воситаҳои худкорӣ, ғункунӣ, қабулкунӣ, нигаҳдорӣ, табдил, ирсол, сабт ва истифодаи иттилоотро тавассути техникаи компютерӣ мавриди омӯзиш ва коркард қарор медиҳад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Матнро хонед, мафҳумҳои шарҳдодашударо ёдрас намоед. Пас аз он пешояндҳои таркиби матнро номбар кунед.

Ба ду гурӯҳ тақсим шуда, бо корбасти пешояндҳои номии таркибии изофӣ, беизофӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Барои гурӯҳи 1.**

ДАР БОЛОИ | АЗ БАҲРИ | БА СОНИ

ПЕШ АЗ | ДАР ХУСУСИ | БА МИСЛИ

**Барои гурӯҳи 2.**

ПЕШ АЗ | ОИД БА | ҒАЙР АЗ

БА ҶУЗ | НИСБАТ БА | ҒАЙРИ

## ТЕСТ

1. **Аз, бар, ба, бо, дар, то, бе, ҷуз** аз рӯйи сохти сарфӣ кадом гурӯҳи пешояндҳоро ташкил медиҳанд?
   а) пешояндҳои аслии соддаро
   б) пешоянди аслии таркибро
   в) пешояндҳои номии изофии соддаро
   г) пешояндҳои номии изофии таркибро

2. Кадом аз онҳо пешояндҳои аслии таркибӣ?
   а) то ба, ҷуз аз, ба ҷуз   б) пеши, назди, болои
   в) аз пеши, дар назди   г) доир ба, роҷеъ ба

3. **Пеши, назди, рӯйи, болои, ғайри** чӣ гуна пешояндҳоанд?
   а) номии изофии таркиб   б) номии изофии содда
   в) номии изофии такрор   г) номии изофии ғайри изофӣ

4. Пешоянде, ки дар назм мувофиқи талаби вазн садоноки аввали худро гум карда, дар шакли **-зи, з-** кор фармуда мешавад?
   а) азбаски   б) баски
   в) вагарна   г) аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

5. Пешоянди порчаи шеъриро муайян кунед.
З-одам шуданиву гоҳ одам нашавӣ,
З-одам шудиву гоҳ ба одам нарасӣ.
а) у б) з- в) гоҳ г) гаҳ

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо истифода аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаҳои зеринро шарҳ диҳед.

Ахбор, хабар, мужда, иттилоот.

## МАВЗӮИ 42. ШАБАКИ КОМПЮТЕРӢ



Шабакаи компютерӣ – воситаи пуриқтидори мубодилаи информатсияи байни компютерҳо мебошад. Дар амалия вобаста аз ҳаҷми информатсияи барои ҳалли масъалаҳо зарурӣ аз шабакаҳои компютерии локалӣ, регионалӣ, глобалӣ ва ғайра истифода мебаранд.

Шабакаҳои локалӣ одатан барои ташкил намудани алоқаи байни компютерҳои як бино ё корхона хидмат менамоянд.

Шабакаи регионалӣ компютерҳои якчанд корхонаи ягон маҳалро бо ҳамдигар алоқа барқарор менамояд.

Шабакаҳои глобалӣ алоқаи компютерҳои байни шаҳрҳо ва давлатҳои гуногунро барқарор менамоянд.

Шумо метавонед компютери худро ба хати телефон пайваст намуда, бо компютери дигаре, ки вай ҳам ба хати телефон пайваст аст, алоқа барқарор намоед. Барои амалӣ гаштани ин мақсад зарур аст, ки системаҳои компютерӣ дорои модем бошанд.

Модем информатсияи компютериро ба сигналҳои телефонӣ ва баръакс, сигналҳои телефониро ба информатсияи компютерӣ табдил медиҳад ва ба воситаи хати телефон онҳоро паҳн менамояд.

Модемҳо ба модемҳои дохилӣ ва берунӣ тақсим мешаванд.

Модемҳое, ки дар дохили блоки системавии компютер ҷойгиранд, модемҳои дохилӣ ва модемҳое, ки ба воситаи кабел бо компютер пайвастанд, модемҳои берунӣ ном доранд. Ҳамин тариқ, ҳар гуна компютере, ки дорои модем ва таъминоти про-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

граммавии ба он мувофиқ мебошад, метавонад информатсияро ба компютерҳои дигар равона созад ва аз онҳо информатсияро қабул намояд.

Матнро хонед ва матлаби назардоштро хотириниш намоед. Пас аз он аз рӯйи расм шабакаҳои алоқа ва паёмакро номбар кунед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### ИМЛОИ ПЕШОЯНД

**Ҷудо навишта мешаванд:**

– пешояндҳои аслии ба, бо, бар, аз, зи, бе, барои, дар, андар, ҷуз, то бо калимаҳои мустақилмаъно: аз сафар баргаштан, аз ӯ пурсидан, ба бозор рафтан, бар (ба) бом баромадан, бо бародар нишастан, аз чор се ҳисса, дар бар гирифтан, андар хаёлоти ҷавонӣ, андар дил, аз ёд кардан, барои рафиқ, зи баҳор шукр гӯям, зи дурии замонаҳо, ҷуз модар, то саҳар ва ғайра;

– пешояндҳои таркибии номии ғайриизофӣ: пеш аз, пас аз, доир ба, роҷеъ ба, нисбат ба, оид ба, назар ба ва ғайра.

**Бо нимтире навишта мешаванд:**

– пешояндҳои изофии номии такрор: гирд-гирди, зер-зери, таг-таги, таҳ-таҳи, лаб-лаби, рӯ-рӯйи, пас-паси, сар-сари, қад-қадди, пеш-пеши ва ғайра;

– пешояндҳои ба ва аз (зи) бо ҷонишинҳои ин, он ва ӯ танҳо дар назм чунин шакли навишт доранд: бад-ин, бад-он, бад-ӯ; з-ин, з-он, з-ӯ ва ғайра.

Бо қоидаҳои имлоии пешояндҳо шинос шавед ва бо корбасти онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Модем (modem) – таҷҳизотест, ки ба воситаи шабакаи телефонӣ иттилоотро аз як компютер ба компютери дигар интиқол медиҳад.

Факс–модем – таҷҳизотест, ки якбора имкониятҳои ҳам модем ва ҳам дастгоҳҳои факсиро дар худ дорад ва барои бо дигар таҷҳизоти ҳамҷинси худ ё дастгоҳҳои муқаррарии телефаксӣ барпо намудани мубодилаи тасвирҳои факсималӣ хизмат мерасонад.

Фотокамераи рақамӣ аз дастгоҳи аккосии муқаррарӣ бо он фарқ мекунад, ки тасвир на дар фотонавор (усули кимиёвӣ), балки дар микросхемаи хотираи он (усули рақамӣ) ба қайд гирифта мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо сохту таркиб ва тобиши маънои калимаю ибораҳо шинос шавед. Пас аз он пешояндҳои таркиби матнро номбар кунед.

Бо корбасти пешояндҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Баъд аз, нисбат аз, пас аз, пеш аз, оид ба, доир ба, ҷуз ба.

Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери пешояндҳои такрор хат кашида, ба имлои онҳо диққат диҳед.

1. Пас, мо роҳи худро таг-таги қалъа давом додем. 2. Юнусбой, Нуралӣ, Ҳошимкорвон бо як гурӯҳ коргарон қад-қади ҷӯйбор равонанд. 3. Дар он ҷо як сойи хушк буд, мо дарун-даруни сой равон шудем. 4. Лаб-лаби санглох қадре болотар рафта, оби тозатаре ёфта хӯрдем.

## ТЕСТ

1. Кадоме аз онҳо пешояндҳои номии ғайриизофӣ?
а) лаб-лаби б) ба пеши в) пеш аз г) назди

2. Андар муродиф ва қаринаи кадом пешоянд аст?
а) ар б) бар в) гар г) дар

3. Пешояндҳои якҷояи номии такрор шуда оянда ва ба ҷузъи дуюми онҳо бандаки изофӣ ҳамроҳшаванда, чӣ ном дорад?
а) номии изофии такрор б) номии ғайри изофӣ
в) номии изофии таркибӣ г) номии изофии содда

4. Дар порчаи шеърӣ **пешоянди аз** бо чӣ мақсад корбаст шудааст?

Арзандатар аз ишқ ба олам гуҳаре нест,
Покиза бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст ин.

а) муқоисаи предмет
б) нишондоди макони предмет
в) нишондодҳои сабаби амал
г) аёни тобиши соҳибият

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Калимаҳои вомии ҳамчун истилоҳ шабаки компютерӣ ва алоқа корбастшударо шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 43. КИТОБ — САР ЧАШМАИ ДОНИШ

Калиди дари илму маърифат асосии хираду заковат, фарҳангу мадният ва илму адаби пойдору устувор китоб мебошад. Китоб ганҷинаи тафаккурҳост, махзани умеду орзу, раҳнамо ба олами донишҳост, он дури гаронбаҳоест, кӣ маъниҳои баланди ҳаётию иҷтимоиро ангезиш медиҳад. Ҳар чӣ қадар, мо онро азизу мӯътабар шуморем, он моро ба зинаҳои баланди илм, маърифат, инсофу одамият мекашад.

Дар таърихи тамаддуни инсоният китоб аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Китоб воситаест, ки ба василаи он одамон донишҳоро аз худ мекунанд. Як китоби хуб беҳтар аз як хазинаи бузург, мегӯянд дар урфият.




Китоб дар ҳаёт чун омӯзгори ҳақиқии инсон буда, армуғони бузургеро мемонад ва падидаест, ки тавассути мутолиаи он инсон аз бадахлоқӣ, мӯҳтоҷӣ, ғаму дард озод мегардад.

Аз замонҳои қадим аҷдодони мо нисбат ба китоб ихлосу эътимоди махсус доштанд, дар бораи он суханҳои басо ҳикматомез аз худ ба ёдгор гузоштаанд. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ китобро ягона мояи ганҷ донистааст:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Мардумони бохирад андар замон
Роҳи донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг – андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Абдураҳмони Ҷомӣ китобро «аниси кунҷи танҳоӣ» ва «фурӯғи субҳи доноӣ» номида, ба ҳар вараќи он як табаќ дурру гуҳар гузоштааст:

Аниси кунҷӣ танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.
Дарунаш ҳамчун ғунча аз варақ пур,
Ба қиммат ҳар варақ з-он як табақ дурр.

Матнро хонед ва дар бораи аҳамияти мутолиаи китоб ҳарф занед.

Порчаҳои шеъриро бо хулосаҳои мантиқӣ баён намоед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

## ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ САРФИИ ПЕШОЯНД

| Нақшаи таҳлил: |
|---|
| 1. Кадом калима пешоянд аст.<br>2. Аломатҳои сарфӣ: тағйирёбанда.<br>3. Аз ҷиҳати сохт: содда (аслӣ, номӣ), таркибӣ (изофӣ, беизофа). |
| **Мисол.** Шутуре дар саҳро чаро мекард ва аз хору хошоки он саҳро ғизо мехӯрад. |
| **Намунаи таҳлил:** |
| **Дар** пешоянд буда, муносабати байни исму феълро ифода мекунад ва тобиши маконӣ дорад; пешоянди содда, тағйир намеёбад, аъзои ҷумла намешавад (ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ). |

Матнро хонед ва пешояндҳоро муайян намуда, таҳлили сарфӣ кунед.

Аз донишманде пурсиданд:
– Хислати беҳтарини инсон дар чист?
Гуфт:
– «Пиндори нек, рафтори нек, гуфтори нек».

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Хушсӯҳбату хушзабону рӯхуш,
Дил дар сари нуктаҳои ӯ хуш.
Хомӯш бувад ҳамеша, лекин
Ин хулқи хушаш зи гуфтугӯ хуш



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Пешояндҳои номии изофии содда: пеши, назди, рӯйи, болои, паси, ғайри**

**Пешояндҳои номии изофии таркибӣ: ба пеши, аз пеши, дар назди, аз рӯйи, дар бораи, аз ғайри**

**Пешояндҳои номии изофии такрор: лаб-лаби, пеш-пеши, рӯ-рӯйи, қад-қади**

**Пешояндҳои номии ғайриизофӣ: пеш аз, баъд аз, пас аз, ғайр аз**

Аз силсилаи пешояндҳо вобаста ба навъҳо яктоӣ пешояндҳоро интихоб намуда, ҷумлаҳо тартиб диҳед ва пас аз он таҳлили сарфӣ кунед.

## ТЕСТ

1. Пешоянди ифодакунандаи ибтидову интиҳои масофа ва замони амал кадом аст?
а) ба б) бо в) бе г) то

2. **Пешоянди бар** дар порчаи шеърӣ бо чӣ мақсад корбаст гардидааст?

Зимистон тухми гул бар хок мерезанд,
Баҳорон мавҷи гул аз хок мерезанд.

а) бо мақсади баён намудани ба болои предмет равона шудани амал
б) бо мақсади баён намудани сарчашмаи амал
в) бо мақсади баён намудани макони амалу ҳолат
г) бо мақсади баён намудани воситаи иҷрои амал

3. Пешояндҳои гуногуне, ки дар ибораҳои ҳаммаъно муносибатҳои якхелаи грамматикиро ифодакунанда, чӣ ном доранд?
а) мутақобилаи пешояндӣ б) муродифоти пешояндӣ
в) номутаносибии пешояндӣ г) ноустувории пешояндӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

4. Пешояндҳои ҳамвазифаву муродифро муайян кунед.

а) баъд аз, пас аз  б) ба ҷуз, ҷуз аз, то ба

в) берун аз, назар ба  г) ба//дар, ба//бо, ба//барои

**КОРИ ЛОИҲАВӢ**. Пешояндҳои таркиби суханҳои пурҳикматро муайян намуда, таҳлили сарфӣ кунед.

1. Аз нодон доман даркаш!
2. Дар сухан касро хиҷил масоз!
3. Аз сухане, ки ханда ояд ҳазар кун!
4. То напурсанд, магӯй, то нахонанд, марав!
5. То тавонӣ нони кас махӯр ва нон аз хеҷ кас дареғ мадор!

## МАВЗӮИ 44. НАСИҲАТИ МОДАР

Замони пеш ҷавоне хост касбу ҳунар омӯзад. Модар 100 динор ба ӯ дода, насиҳат кард:

– Писарам, ҳеҷ вақт дурӯғ нагӯ, зеро наҷот дар ростист.

Ҷавон роҳи сафарро пеш гирифт. Аз саҳрое мегузашт, ки бо роҳзанҳо рӯ ба рӯ шуд. Онҳо пеши роҳи ҷавонро гирифта пурсиданд:

– Бо худ пул дорӣ?

– Бале, 100 динор дорам, – ҷавоб дод ҷавон.

Дуздон ҳайрон шуданд. Чунки одамон ҳангоми бо роҳзан рӯ ба рӯ шудан, молу сарвати худро пинҳон мекарданд.

– Ту магар девона ҳастӣ, ё моро масхара мекунӣ? – хандида гуфт яке аз роҳзанҳо.

– Девона нестам, масхара ҳам намекунам.

Роҳзанҳо ҷавонро назди сардор бурданд.

– Чаро 100 диноратро пинҳон накардӣ? – пурсид сардор.

– Модарам ба ман гуфтааст, ки доим рост ҳарф занам. Бинобар ин, росташро гуфтам, – ҷавоб медиҳад ҷавон.

Ин вақт сардори роҳзанҳо гиря карда, аз ҷо хесту ду дасташро болои китфони ҷавон гузошта гуфт:

– Метарсӣ, ки дурӯғ гӯйӣ, модарат норозҳат мешавад? Ман бошам як умр модарамро норозҳат намуда, аз он фикр ҳам накардаам. Писарам, ту ба ман дарси муҳиме додӣ!

Матнро хонед ва мазмунашро аз рӯйи нақшаи зерин баён намоед. Пас аз он калимаҳои дар таркиб пасоянд доштаро ба дафтар рӯбардор кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Нақша:**
1. Насиҳати модар ба ҷавон пеш аз сафар.
2. Вохӯрӣ бо роҳзанҳо.
3. Ҳайрати duздон аз ҷавоби писар.
4. Дарси додаи ҷавон ба сардори роҳзанҳо.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### ПАСОЯНД

Як қисми ҳиссаҳои ёвари нутқ, ки барои робитаи ҳиссаҳои мустақили нутқ хизмат мекунанд.

Дар забони тоҷикӣ ду **пасоянди аслӣ -ро** ва **барин** вуҷуд доранд, ки ҳар ду маънои мустақили луғавӣ надоранд. Пасоянди -ро шахсу ашё ва ҳодисаи муайян ва ягонаро нишон медиҳад. Агар сухан дар бораи мафҳумҳои номуайяне равад, исми ифодакунандаи пуркунанда бе пасоянди -ро меояд. Масалан: Китобро хондам. Ин ҷумла аз ду калима – исм ва феъл (амал) иборат аст. Ашё ба таъсири амал дучор гардидааст. Ҷумлаи мазкурро бе пасоянди -ро низ гуфтан мумкин аст: Китоб хондам.

Дар ин мисол дар бораи амал (хондам) ва дар бораи ашёи ба таъсири амал дучоршуда (китоб) сухан меравад. Гӯянда ба мо мефаҳмонад, ки вай умуман бо кадом ашё кордор шудааст.

Агар гӯянда китоби муайянро дар назар дошта бошад, дар ин ҳол номи ашё бо пасоянди -ро оварда мешавад: Китобро хондам. Ман дарсамро тайёр кардам. Бародарамро хонондам.

Пасоянди барин барои ифодаи тобиши маънои монандӣ ва тахмин хизмат мекунад: Бо белча чормағз барин гулқанд канда гирифта, ба тарафи қозӣ дароз кард.

Пасоянди қатӣ (катӣ) бештар дар гуфтугӯ истеъмол мешавад ва ҳамчун пешоянди бо барои ифодаи тобиши ҳамроҳӣ ва воситаи иҷро хидмат мекунад: Ман бародарам қатӣ омадам. Ҳезумро табар қатӣ кафондам.

Матнҳоро хонед, пешоянд ва пасояндҳояшро муайян намуда, дар хусуси имлояшон ҳарф занед.

**I**

Садриддин Айнӣ зуд-зуд бо тахаллусҳои мухталифи «Сифлӣ», «Мӯҳтоҷӣ», «Ҷунунӣ» шеърҳо менависад ва баъдтар, аз соли 1986 сар карда, яъне дар синни 18 солагӣ тахаллуси «Айнӣ»-ро қабул мекунад. Тахаллуси «Айнӣ» барои Садриддини ҷавон хеле маъқул шуд, чунки ин калима дорои 48 маъно буда, «чашм», «манбаъ», «моҳият», «аломат» ва монанди инҳо аз ҷумлаи он маъноҳоянд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## II

Садриддин Айнӣ дар соли 1909 барои мактабҳои усули нав китоби хониши «Таҳзиб-ус-сибён»-ро тартиб дод. Дар он табиати зебою дилнишин, тарбияи завқи бадеӣ, масъалаҳои маориф, маърифатнокии мардум ва озодию баробарҳуқуқии занон ва монанди ин тасвиру тавсиф ёфта буд.

Табиист, ки чунин тарзу усули таълим ва тарбияи кӯдакон ба саркардагони аморат ва ҳомиёни ҷоҳили дин маъқул набуд. Бинобар ин онҳо тарафдорони усули нави таълиму тарбияро таъқиб намуданд. Садриддин Айнӣ маҷбур буд, ки бо ҳамфикрони худ бо номи «Тарбияи атфол» ҷамъияти махфӣ ташкил намуда, бо усули нав таълимдиҳиро давом диҳад.

### ТЕСТ

1. Пасояндҳои забони тоҷикӣ аз бобати баромад ба чӣ гуна гурӯҳҳо тақсим мешаванд?
   а) ғайриаслӣ    б) аслӣ ва номӣ
   в) феълӣ    г) гуфтугӯйӣ ва китобӣ

2. Пасояндҳои аслиро муайян кунед.
   а) қабл    б) катӣ    в) -ро, барин    г) пас

3. Кадом навъи пешоянд бештар аз исмҳои қад, лаб, рӯй, сар, пеш, таг, дарун, гирд ташкил ёфта, ба калимаи пешомада бо бандаки изофӣ пайваст мешаванд?
   а) пешояндҳои изофии такрор
   б) пешояндҳои аслии содда
   в) пешояндҳои аслии таркибӣ
   г) пешоянҳои номии изофии содда

4. Хонед ва муайян кунед: Калима, морфемаест, ки ҳамчун пешоянд хусусияти ёридиҳандагӣ дошта, аммо чун одат пас аз калима меистад ва муносибати наҳвии онро бо калимаҳои дигар нишон медиҳад.
   а) пасванд    б) пешванд    в) пасоянд    г) пешоянд

5. Кадоме аз онҳо пасоянд?
   а) дар-    б) ба    в) -ро    г) оҳ

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Суханҳои пурҳикмат шарҳ диҳед.

1. Дӯстӣ бори зиндагиро сабуктар мекунад.
2. Ҳамдардҳо ҳамдигарро нағз мефаҳманд.
3. Бори вазнинро якҷоя бардоштан сабук менамояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 45. НЕКӢ ИНСОНРО БА БУЗУРГӢ МЕРАСОНАД

Дар замоне марде се писар дошт. Писарҳо ҳар се соҳиби ақли солим будаанд. Падар ҷасорати писарҳоро санҷиданӣ мешавад. Вай ба писарҳо мегӯяд:

– Писарҳо, ҳар се ба сафар бароед, ба одамҳо фақат некӣ кунед, аз сафар баргашта оед, аз ман мукофот мегиред?!

Писарҳо баробар ба сафар мебароянд. Аз байн як моҳ мегузарад. Бародарҳо аз сафар бармегарданд.

Падар аз фарзанди калонӣ мепурсад:

– Бигӯ, ту ба мардум чӣ мӯъҷиза нишон додӣ?

Писар мегӯяд:

– Ба деҳае даромадам, ҳавлие оташ гирифтааст. Ёрӣ расондам, оташ пасанда шуд.

Падар чизе намегӯяд. Вай аз писари дуюм мепурсад:

– Ту чӣ каромат нишон додӣ?

Писар мегӯяд:

– Роҳ рафта истода будам, ногоҳ дидам, ки кӯдаке ба об ғарқ шуда истодааст, зуд рафта ҳамон кӯдакро аз ғарқшавӣ халос кардам.

Падар чизе намегӯяд. Вай ба фарзанди хурдӣ менигарад.

– Дар бешазор давр мезадам. Ногоҳ як модагурге пайдо шуда ба ман дарафтод. Бо гург афтударафт кардам, ниҳоят болои гург савор шудам, хостам ӯро нобуд кунам, ин дам дидам, ки гургбачаи ширмак ғалтону хезон сӯйи модагург омада истодаанд. Фаҳмидам, ки онҳо гурусна монда сӯйи очаи худ омада истодаанд. Аз рӯйи раҳму шафқат модагургро ба ихтиёраш гузоштам, вай тозон рафта ба бачаҳояш ғизо дод.

Падар ба писарҳои калонӣ рӯ овард:

– Писаронам, шумоён некӣ не, фақат вазифаи худро ба ҷо овардаед, аммо додари шумо дар ҳақиқат кори нек кардааст. Вай дарранда – душмани инсон некӣ карда ба фарзандҳояш раҳмдилӣ кардааст. Дар ин бора зарбулмасале ҳаст – «Падаратро кушта бошад ҳам, некиро ҳаргиз аз даст мадеҳ!». Боз мегӯянд: «Душманро бо шакар куш!», «Некӣ куну ба дарё парто!».

*Аз «Кӣ будаму кӣ шудам»-и Х.Саидзода*

Матнро хонед, дар сутуни аввал пешояндҳоро ва дар сутуни дуюм калимаҳои пасоянд қабулкардаро нависед.

Зарбулмасалҳои таркиби матнро шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### ИМЛОИ ПАСОЯНД

**Пасоянди -ро** бо калима якҷо навишта мешавад: Ватанро бояд муҳофизат кард. Харбузаро буред. Мо меҳмононро пешвоз гирифтем ва ғайра.

Пасояндҳои номӣ ва калимаҳои пасояндии **барин, боз, пеш, қабл, замон, ҳамон, ҳамоно аз калимаҳо** ҷудо навишта мешаванд: гул барин нозук, ду сол боз, як ҳафта пеш, панҷ сол қабл, омадан замон, шунидан ҳамон (ҳамоно) ва ғайра.

**Пасоянди -ро** пас аз нохунак, қавс, ихтисора ва рақам бо нимтире ҷудо карда мешавад: Ман «Шоҳнома»-ро хондам. Сараъзо (мубтадову хабар)-ро бунёди ҷумла медонанд. Адади 4-ро ба 2 тақсим кунед ва ғайра.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Аз рӯйи расм бо интихоб ва корбасти пешоянду пасояндҳо матн тартиб диҳед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 46. ТАКРОРӢ

**ГУРӮҲИ 1.**

1. Чиро пешоянд мегӯянд?
2. Пешояндҳои аслиро номбар кунед.
3. Пешоянди изофии аслӣ кадом аст?
4. Пешоянд аз пешванд чӣ фарқ дорад?

**ГУРӮҲИ 2.**

1. Пасоянди аслӣ кадом аст?

2. Барои ифодаи макони амал кадом пешояндҳо интихоб карда мешавад?

4. Барои ифодаи сӯйи амал кадом пешояндро истифода мебарем?

**ГУРӮҲИ 3.**

1. Муродифоти пешояндҳои ба//дар, ба//бо, ба//барои -ро дар асоси мисолҳо исбот кунед.

2. Дар бораи пасояндҳои аслӣ ва ғайриаслӣ маълумот диҳед.

3. Чаро пасояндҳои номӣ ва зарфӣ мегӯянд?

4. Дар бораи пасояндҳои феълӣ маълумот диҳед.

## НАТИҶАГИРӢ АЗ МАВЗӮЪҲОИ ПЕШОЯНДУ ПАСОЯНД

**ГУРӮҲИ 1.**

1. Пешоянд ва пасояндҳо калимаҳои ёридиҳанда мебошанд, онҳо бо исм, ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои исмшудаи нутқ омада, муносибати наҳвии онҳоро бо дигар калимаҳо нишон медиҳанд.

2. Пешоянду пасояндҳо дар ҷумла ва ибора муносибатҳои масоҳагӣ, замонӣ, объектӣ, сабаб, мақсад, восита, тарзи амал, монандӣ ва ғайраро ифода менамоянд.

3. Пешоянду пасояндҳо барои робитаи аъзоҳои ҷумла, инчунин барои аниқ намудани вазифаҳои наҳвии феъл ва ҳиссаҳои номии нутқ хизмат мекунанд.

4. Пешоянду пасояндҳо нафақат муносибатҳои байни феълу ҳиссаҳои номии нутқ, балки байни исмҳоро ҳам нишон медиҳанд.

5. Пешоянду пасояндҳо, ки маъноҳои гуногуни грамматикиро ифода менамоянд, аз мафҳумҳои лексикӣ тамоман маҳрум нестанд.

**ГУРӮҲИ 2.**

1. Пешояндҳо аз кадом ҷиҳат ба гурӯҳҳои пешояндҳои аслии содда, аслии таркибӣ, номии изофии содда, номии изофии



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

таркибӣ, номии изофии такрор, номии ғайриизофӣ тақсим мешаванд.

2. **Пасоянди -ро** аз пасоянди забони форсии тоҷикии қадим радий (дар забони тоҷикии миёна -ра) ба вуҷуд омадааст, ки он маънои сабаб ва мақсадро ифода менамояд.

3. **Пешоянди аз** дар назм мувофиқи талаби вазн садоноки аввали худро гум мекунад ва дар ду шакл **-зи, з-** кор фармуда мешавад.

4. Дар назм пешоянди ба пеш аз ҷонишинҳои бо садонок сар мешудагӣ омада бошад, гоҳо дар шакли қадимтарини худ (бад) кор фармуда мешавад.

5. **Пешояндҳои аз, ба, дар** хеле сермаъно мебошанд. **Пешоянди андар** ва **пешоянди низ** нисбатан кам ба кор бурда шуда, бештар дар назм вомехӯранд.

### ГУРӮҲИ 3.

1. **Пешояндҳои бе** ва то аз ҷиҳати маъно ва вазифаашон нисбатан маҳдуд мебошанд.

2. Пешояндҳои аслии таркибӣ **то ба, ба ҷузъ аз аз ду ҷузъ** иборат буда, яке аз онҳо соҳиби маънои асосӣ мебошанд, дигараш маънои иловагие дорад, ки тобиши таъкидӣ ба худ мегирад.

3. Агар исм якчанд муайянкунанда ва ё калимаҳои эзоҳкунанда дошта бошад, **пасоянди -ро** одатан дар охири ибора меояд ва ба ҳамаи ҷузъи ибора алоқадор аст.

4. Вазифаи асосии **пасоянди -ро** дар забони адабии тоҷик пеш аз ҳама ифодаи объекти бевоситаи амал мебошад.

5. **Пасоянди -ро** дар ифодаи объекти бевоситаи амал низ меояд, ки дар ин вазифа кор фармуда шудани он нисбатан маҳдуд аст.

6. **Пасоянди -ро** дар ифодаи объекти бевосита бо **пешояндҳои ба, аз, дар, дар бораи, барои** хусусияти синонимӣ пайдо мекунад.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ**. Матнро хонед ва пешояндҳои таркиби онро таҳлили сарфӣ кунед.

Бузургмеҳр забон ба сухан кушоду гуфт: – Аз устоди худ мепурсидам ва ӯ ҷавоб мегуфт.

Гуфтам: – Аз мардумон кӣ оқилтар аст?

Гуфт: – Он ки кам гӯяду беш шунавад ва бисёр донад.

Гуфтам: – Агар илм омӯзам, чӣ ёбам?

Гуфт: – Агар хурд бошӣ, бузургу номдор гардӣ, агар муфлис бошӣ, тавонгар гардӣ ва гар маъруф бошӣ, маъруфтар гардӣ.

*Абӯалӣ ибни Сино*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ VII. ТАЪРИХИ ПУРАСРОР

## МАВЗӮИ 47. РИВОЯТ ДАР БОРАИ АНГУШТАРИНИ СУЛАЙМОН



Ривоятҳо мегӯянд, ки Сулаймон алайҳиссалом ангуштарине дошт, ки дар рӯйи он ҷумлаи зерин «Ҳама чиз дар ин дунё гузаранда аст» навишта шуда буд. Дар лаҳзаҳои ғамангези ҳаёташ Сулаймон алайҳиссалом бо хондани ин навиштаҷоти оқилонаи ангуштарин тасаллӣ меёфт.

Рӯзе ӯ ба чунин бадбахтӣ дучор шуд, ки суханони ангуштарин дарди ӯро даво карда натавонистанд. Сулаймон алайҳиссалом бо қаҳр ангуштаринро кушода партофт ва ногаҳон пай бурд, ки дар дохилаш ҳам навиштаҷот низ мавҷуд будааст. Вай бархоста ангуштаринро аз замин гирифт ва навиштаҷотро хонд. Дар дохили ангуштарин чунин навиштаҷот буд: «Ин ҳам мегузарад!». Сулаймон алайҳиссалом бо алам лабханд зад ва ангуштаринро ба ангушти худ гузошт ва то охири умр аз дасташ нагирифт.

Матнро хонед ва мазмунашро дар асоси нақшаи зерин баён намоед.

**Нақша:**

1. Ангуштарини Сулаймон алайҳиссалом ва навиштаҷоти он.
2. Тасаллӣ ёфтани Сулаймон алайҳиссалом аз он.
3. Рӯзе, ки аз ангуштарин тасаллӣ наёфт.
4. Ҷаҳли Сулаймон алайҳиссалом ва амали ӯ.
5. Навиштаҷот дар дохили ангуштарин.

Пайвандакҳои таркиби матнро ба дафтар рӯбардор кунед.

### МЕДОНАМ, ДОНИСТАН МЕХОҲАМ

Сулаймон ҳам паёмбари деву парӣ ва ҳам подшоҳи одамиёну париён, паррандагону хазандагон ва кулли махлуқот буда, забони



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



мурғон ва ҷамеи ҷонваронро медонистааст ва ҳамаи онҳо мутеъ ва фармонбардори ӯ будаанд. Ҳамин гуна хислатҳои неки ӯ дар афсона ва ривоятҳои мардумӣ ниҳоят бисёр инъикос ёфтааст.

Чандин нақлу ривоят, аз қабили «Сулаймон ва мӯр», «Сулаймон ва малах», «Сулаймон ва Ҳотам», «Ангуштарини Сулаймон», «Сулаймон ва деву парӣ», «Сулаймон ва ҳудҳуд», «Суламон ва симурғ», «Ганҷи Сулаймон» ва ғайра ҳам дар адабиёти хаттӣ ва ҳам дар эҷодиёти лафзии мардуми тоҷик бо вариантҳои гуногун дучор меоянд, ки аз хислатҳои нек ва мӯъҷизаофарии Сулаймон ҳикоя мекунанд. Қудрати Сулаймон дар байни мардум аз нигини ӯ дониста мешавад. Ба туфайли ҳамин нигин ҳатто бод мутеаш буда, дар қаламрави шоҳии ӯ ҳар чӣ мегузашт, ба гӯши Сулаймон мерасонд ва тахти ӯро ба ҳар ҷо, ки мехост, мебурд.

Бисёр ҷузъиёту лаҳазоти ҷолиби рӯзгору рафтори Сулаймон, корномаву муҳаббату раиятпарварии ӯ дар фолклори тоҷик зарбулмасалу мақол, тамсилу латифа ва ҳикояҳои пандомези бисёреро ба вуҷуд овардааст.

Рубоии зерин аз шоҳ ва соҳиби тахту ҷалол будани ӯ гувоҳӣ медиҳад:

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Эй кош гадо будӣ, ба Канъон хуштар.

Матнро хонед, порчаи шеъриро бо хулосаҳои мантиқӣ шарҳ диҳед.

**МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД**

**ПАЙВАНДАК**

Пайвандакҳо ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ буда, аъзоҳои чида, ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб, инчунин ҷумлаҳоро дар матн алоқаманд менамоянд.

Пайвандакҳо тағйир намеёбанд ва аъзои ҷумла шуда наметавонанд. Онҳо чун пешояндҳо муносибатҳои гуногуни маъной (наҳвӣ)-ро ифода мекунанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҷумлаҳоро нависед ва вазифаҳои калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

1. Абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад,
   Шоҳ агар одил набошад, мулк вайрон мешавад.
2. Салоҳи мамлакату мулк хусравон дононад.
3. Сабр талх аст, валекин бари ширин дорад.
4. Доно ба ҳар диёр мукарраму азиз аст.
5. Сад дари баставу як дари кушода.
6. Барканда беҳ он чашм, ки бадбин бошад.

**ТЕСТ**

1. Калимаҳои ёридиҳанда, ки барои алоқаманд кардани аъзоҳои ҷумла, қисмҳои ҷумлаи мураккаб ва ҷумлаҳои соддаи мустақил кор фармуда мешаванд, чӣ ном дорад?
а) пайвандак  б) нидо  в) ҳиссача  г) пешоянд

2. Мувофиқи вазифаи сарфӣ пайвандакҳои забони тоҷикӣ ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд?
а) ба чор гурӯҳ  б) ба ду гурӯҳ
в) ба се гурӯҳ  г) ба ҳеч гуна гурӯҳ

3. Ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ, ки барои алоқаи байни калимаҳо, қисмҳои ҷумлаҳои мураккаб ва ҷумлаҳои алоҳида хизматкунанда, чӣ ном дорад?
а) пасоянд  б) ҳиссача  в) пайвандак  г) вергул

4. Пайвандакҳо аз чиҳати сохт – аз нуқтаи назари сарфӣ чӣ гуна мешавад?
а) содда, мураккаб, таркибӣ  б) содда, мураккаб
в) сохта, таркибӣ  г) содда, сохта, мураккаб, таркибӣ

5. Пайвандакҳо аз ҷиҳати вазифа – аз нуқтаи назари наҳвӣ чӣ гуна мешавад?
а) пайиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ  б) содда, мураккаб,
в) пайвасткунанда, тобеъкунанда  г) аслӣ

## МАВЗӮИ 48. ДӮСТИЮ РАФОҚАТИ ХАЛҚҲОИ ТОҶИКУ ӮЗБЕК

Дӯстию рафоқати халқҳои тоҷику ӯзбек решаҳои амиқи таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро соҳиб аст. Ин бародарию ҳамкорӣ аз давраҳои қадим ибтидо гирифта, тӯли асрҳо дар гудози рӯзгори пурошӯб ва зиндагии пасту баланд обутоб ёфтааст, дар муборизаҳои шадиди якҷоя ба муқобили душманони истилогари аҷнабӣ мустаҳкам шу-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

даву сайқал ёфта, аз сахттарин санҷишҳо гузаштааст. Тақдири таърихии ин ду халқ муштарак буда, риштаҳои ногусастании ҳаётӣ онро бо ҳам сахт пайваст намудааст. Ин халқҳо ба маънои томи сухан ҳамсояи наздик буда, дар эътиқод, рӯҳияту ҷаҳонбиниашон ягонагию ҳамбастагӣ назаррас аст.

Фарзандони равшанфикри ҳар ду халқ бо чашмандози амиқ ҳанӯз дар замонҳои собиқ ба суннатҳои волои адабӣ асос гузоштаанд, ки он дар рӯзгори мо низ идома дорад. Ба ин маънӣ, халқҳоямон забони якдигарро меомӯхтанд, адабиёти ҳамдигарро тарғиб менамуданд. Аз ҳамин ҷост, ки шоирон онҳоро ду сатри як байт, ду шохоби як дарё, ду саҳифаи як китоб, ду мағзи як бодом ва монанди инҳо номидаанд. Дар воқеъ, ӯзбекон ва тоҷикон як халқе мебошанд, ки таърих, тарзи зисту зиндагонӣ, анъана ва урфу одати монанд доранд. Ягонагии онҳо дар натиҷаи умумияти ҳамин урфу одатҳои халқӣ ва анъанаҳои миллӣ ба вуҷуд омадааст. Мисраъҳои зерини Хусрави Деҳлавӣ гӯё маҳз дар ҳаққи ӯзбекону тоҷикон гуфта шудаанд:

Ту ман шудӣ, ман ту шудам,
Ман тан шудам, ту ҷон шудӣ.
То кас нагӯяд баъд аз ин
Ман дигарам, ту дигарӣ.

Ҳама хуб медонем, ки халқҳои ӯзбеку тоҷик таърихи муштарак доранд, ки аз аҷдоди бузургамон ибтидо мегирад. Ақлу заковати ана ҳамин ду бузургвор, решаҳои таърихӣ бо меҳнати онҳо сабзида, чун омили беқиёс дар пайвастагиҳои тақдири ду халқ хизмат кардаанд.

Айнан тафаккур ва нубуғи ҷовидонсабзи бобокалонҳоямон, мероси бузурги маънавӣ ва фалсафии онҳо, ки мояи ифтихори мост, даъват менамоянд, ки авлоди имрӯз ҳамкору ҳамҷиҳат бошанд, ҳаётамонро бо мазмуну мундариҷаи ниҳоят аниқ сарпур гардонанд, зарур ояд, ғанӣ созанд.

Ин мерос сӯйи ҳаматарафа мустаҳкам бастани риштаҳои дӯстиву бародарӣ ва якҷоя барпо намудани ҳаёти фаровону озод сафарбар менамоянд.

Мо бо зиёиён ва аҳли эҷод тамоми шароитҳоеро бояд фароҳам биёварем, то ки онҳо пайи ғановати арзишҳои маънавии ӯзбекону тоҷикон якҷоя меҳнат карда тавонанд. Агар эҷоди нотакрори Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ, Садриддин Айнӣ ва Абдулло Қодирӣ, Мирзо Турсунзода ва Ғафур Ғулом барин мутафаккирони бузургро, ки тимсоли дӯстиву бародарианд, пеши назар оварем, дарк хоҳем кард, ки ҳамбастагиҳо дар рушди маънавияти халқҳоямон аҳамияти бузург доранд.

*Аз «Пайвандҳои дӯстӣ ва адабӣ»-и Абдусалом Самадов*

Матнро хонед, матлаби назардоштро хотирнишин намоед. Пайвандакҳои сархати охиринро номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ОЁ ШУМО МЕДОНЕД?

Муҷассамаи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ, ки соли 2018 аз тарафи Президентони кишварҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев дар шаҳри Душанбе боз шуд.



Абдураҳмони Ҷомӣ яке аз бузургтарин шоирони адабиёти классикии мо буда, адабиёти пурғановати форсӣ-тоҷикро дар даврони худ дар тамоми соҳаҳо бо асарҳои ҷовидонааш ҷамъбаст намудааст. Ӯ дар байни мардум ҳамчун устоди Алишер Навоӣ шӯҳрат пайдо кардааст.

Алишер Навоӣ шоири зуллисонайн ба шумор меравад. Ӯ бо тахаллусҳои «Навоӣ», «Фонӣ» шеъру ғазалҳо эҷод кардааст. «Девони Фонӣ» аз 12 ҳазор мисраъ иборат буда, дар он ашъори форсӣ-тоҷикии шоир ҷамъоварӣ шудаанд. Шоир дар шеърҳои ба забони форсӣ-тоҷикӣ офарида тахалусси «Фонӣ»-ро интихоб кардааст.

Шоир ба забони форсӣ-тоҷикӣ як силсила қасидаҳо офаридааст, ки бо унвонҳои «Ситтаи зарурия» ва «Фусули арбаа» маъ-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

луманд. Қасидаи «Тӯҳфат-ул-афкор», ки ба силсилаи «Ситтаи зарурия» дохил аст, соли 1476 ҷавобан ба «Луҷҷат-ул-асрор»-и Ҷомӣ ва «Дарёи аброр»-и Хисрави Деҳлавӣ навишта шудааст. Қасидаҳои «Фусули арбаа» чаҳор фасли табиатро инъикос мекунанд.

Матнро хонед ва байни гурӯҳҳо мусобиқаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

## НАВЪҲОИ ПАЙВАНДАКҲО

Пайвандакҳо аз рӯйи вазифа ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: пайвасткунанда ва тобеъкунанда.

1. Пайвандакҳои пайвасткунанда ва, -у (-ю,-ву), аммо, вале, лекин, балки, ҳарчанд, ё, ё ин ки, ё ...ё) аъзоҳои чида, ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҷумлаҳои алоҳидаро бо ҳам мепайванданд. Мисол: Майсаҳои ҷаву гандуми тирамоҳ кишташуда замини сиёҳро пӯшонида, сабзу хуррам карда буданд.

2. Пайвандакҳои тобеъкунанда (ки, чунки, зеро, зеро ки, агар, вақте ки, барои он ки, бо нияти он ки...) ҷумлаҳои соддаи дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъбударо ба ҳам алоқаманд месозанд, ки яке асосӣ, дигаре тобеъ аст. Мисол: Ин хабар маро бисёр парешон кард, чунки ман ба вай зиёд омӯхта шуда будам.

Аз силсилаи пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда панҷтоашро интихоб намуда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

ва, -у (-ю,-ву), аммо, вале, лекин, балки, ҳарчанд, ё, ё ин ки, ё ...ё, ки, чунки, зеро, зеро ки, агар, вақте ки, барои он ки, бо нияти он ки.

## ТЕСТ

1. Кадоме аз пайвандакҳо дар ҷумлаи мураккаби тобеъ фаровон кор фармуда мешаванд?

а) аммо  б) ва  в) ки  г) ё...

2. Кадоме аз онҳо пайвандак аст?

а) кӣ  б) киё  в) кӣ?  г) кист?

3. Пайвандакҳое, ки дар иҷрои вазифаи наҳвӣ барои ифодаи муносибати баробарҳуқуқи аъзоҳои чида ё қисмҳои ҷумлаҳои мураккаб хизмат мекунад, чӣ ном дорад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

а) пайвандакҳои пайвасткунанда
б) пайвандакҳои тобеъкунанда
в) пайвандакҳои мураккаб
г) пайвандакҳои таркибӣ

4. Кадом навъи пайвандак аст, ки он дар ҷумлаи мураккаби тобеъ яке аз воситаҳои муҳимтарини алоқаи байни ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла ба шумор меравад?
а) тобеъ б) хилофӣ в) пайваст г) пайиҳам

5. Кадоме аз онҳо пайвандакҳои пайиҳам?
а) ва, -у, - ю, -ву б) ё, ё ки
в) аммо, лекин, вале г) гоҳ... гоҳ, хоҳ... хоҳ

## МАВЗӮИ 49. ДУ ХАЛҚИ АЗ АЗАЛ ЁРУ БАРОДАР ТОҶИКУ ӮЗБЕК!

Ду халқи аз азал ёру бародар тоҷику ӯзбек!
Ду қавми босаодат, покгавҳар тоҷику ӯзбек!

Зи Ҷомию Навоӣ реша дорад дӯстии мо,
Ду ҳамтақдиру ҳамдил, шеърпарвар тоҷику ӯзбек!

Камоли ҳангу фарҳангаш, навои чангу оҳангаш,
Расида то уфуқи чархи ахзар тоҷику ӯзбек!

Бинозад аз мақоми «Шашмақом»-у иди «Наврӯз»-аш,
Ду хуштолеу хушбин, саъдахтар тоҷику ӯзбек!

Ба туркӣ «Хуш келибсиз», бо дарӣ «Хуш омадед» гӯяд,
Бувад меҳмоннавозу меҳргустар тоҷику ӯзбек!

Гаҳе аз хеш ҳам наздик, гаҳе ӯзбеку гаҳ тоҷик,
Ду шохи як дарахти сабзи бовар тоҷику ӯзбек!

Забонаш ангубину холӣ аз ғассу... самин бошад,
Сухан гӯяд ба тарзи ширу шаккар тоҷику ӯзбек!

Чу Шавкат Мирзиё, Эмомалӣ Раҳмон зи лутфи Ҳақ,
Ки дорад инчунин фарзонасарвар тоҷику ӯзбек!

Сифоту шарҳи авсофаш бурун аз ҳадди гуфтор аст,
Намегунҷад ба сад девону дафтар тоҷику ӯзбек!

*Илҳом Эшонзодаи Насафӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шеърро хонед ва мазмунашро баён намоед. Пайвандаки пайвасти бештар корбастшударо номбар кунед. Шеърро то дар дарси оянда аз ёд намоед.



Ҳусайн Бойқаро соли 1464 дар Ҳирот ба маснади подшоҳӣ менишинад ва Алишер Навоиро барои адои хизмат ба дарбор даъват мекунад. Алишер Навоӣ бо Абдураҳмони Ҷомӣ дар ин ҷо шинос шуда, минбаъд бо ҳамдигар дӯстони қарин мешаванд. Дар соли 1472 Алишер Навоӣ то ба дараҷаи вазирӣ расида, бо ҷаҳду талошҳои худ вазъи сиёсию иҷтимоии мардумро беҳтар намуд, ки дар натиҷа ҳаёти маданию адабӣ пеш меравад.

Матнро хонед ва бо назардошти мазмун, инчунин расми пешниҳодшуда фикру мулоҳизаҳои хешро баён намоед.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар зиндагӣ дӯстону рафиқони бисёр дошт ва бо онҳо мунтазам маҳфилҳои адабӣ мегузаронид ва дар байни онҳо яке аз беҳтарин шогирдонаш Алишер Навоӣ буд. Онҳо як умр дӯстони ҷонӣ ва ҳамкору ҳамроз буданд.

Алишер Навоӣ аз устодаш Абдураҳмони Ҷомӣ 27 сол хурд буд, ки ин фарқият барои дӯстиву рафоқат ва ҳамкориҳояшон халале эҷод накардааст. Онҳо дар шаҳри Ҳирот мактаби адабие ташкил карданд, ки дар он намояндагони ду халқ бо таълим фаро гирифта шуданд. Маҳз бо маслиҳати Ҷомӣ асарҳои калонро Навоӣ бо забони ӯзбекӣ иншо намуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Алишери Навоӣ асарҳои нав иншокардаашро аз назари устодаш Ҷомӣ  мегузаронд ва бо маслиҳатҳои ӯ онҳоро пурра мекард. Асарҳои Ҷомиро, ки дар шакли сиёҳнавис буданд, Навоӣ мутолиа карда, гоҳо фикру андешаҳояшро ба устодаш  баён менамуд. Дар баробари ин, ки онҳо ба якдигар дӯстони наздику бовафо буданд, Навоӣ  яке аз аввалинҳо буд, ки асарҳои устодашро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст. Тарҷумаи асарҳои «Нафаҳат-ул-унс» ва «Шавоҳид-ун-нубувват» мисоли равшани гуфтаҳои боло аст, ки ба дасти ӯ иҷро гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки то давраи Алишери Навоӣ эҷод кардани асарҳои ҳаҷман калонро бо забони туркӣ-ӯзбекӣ то андозае но-






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дуруст ҳисоб мекарданд. Алишер Навоӣ ин ақидаро рад намуда, барои исботи фикри хеш дар пайравии «Хамса»-и Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ ва дар умум панҷ достон бо забони модариаш эҷод намуд, ки аз инҳо иборатанд: «Ҳайрат-ул-аброр», «Фарҳод ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Саъбаи сайёра», «Садди Искандарӣ».

Дӯстии байни Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ то охири умр қатъ нагардид. Баъди вафоти устодаш Алишер Навоӣ то як сол азодорӣ мекунад ва барои Ҷомӣ марсияи пурсӯзу гудоз эҷод мекунад. Дӯстию ҳамкории ин ду фарзанди барӯманди тоҷику ӯзбек барои мустаҳкам гардидани муносибатҳои ин ду халқ саҳми босазо гузоштааст. Ин дӯстию ҳамкорӣ имрӯз ҳам инкишоф ёфта, мустаҳкам мегардад.

Бо матн ва маълумотҳо шинос шавед ва пас аз он вобаста ба маълумоти фарогири сархатҳо саволҳо тартиб тартиб диҳед. Пайвандакҳои корбастшударо номбар кунед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙВАСТКУНАНДА ВА НАВЪҲОИ ОН

Пайвандакҳои пайвасткунанда аз рӯйи маъно ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ.

Пайвандакҳои пайвасткунандаи ва, - у (- ю, - ву), ҳам … ҳам, чи … чи, аммо, вале, лекин, балки, ё, ё ки, ё ин ки мебошанд.

Онҳо аъзоҳои чидаи ҷумла ва ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккабро бо ҳам мепайванданд.

Мақолҳоро хонда, ҳикмати онҳоро баён кунед ва вазифаи пайвандакҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

1. Аз қошу қавоқат барфу борон мерезад.
2. Ҳофиз манаму бародарам мехонад.
3. Барои дӯстон ҷонро фидо кун, валекин дӯст аз душман ҷудо кун.
4. Бо дӯст ба айш бинишин, аммо дохили муомилот машав.
5. Ё сахт чу санг бош, ё мулоим чу мум.

## ТЕСТ

1. Пайвандакҳое, ки барои таъмин кардани алоқаи наҳви ҷумлаҳои пайрав ва сарҷумла кор фармуда мешаванд, чӣ ном дорад?

а) тобеъ б) пайиҳам в) пайваст г) хилофӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Пайвандаки серистеъмолтарини пайиҳам кадом аст?
а) -ю б) -у в) ва г) -ву

3. Дар кадом банд пайвандакҳои пайвасти пайиҳам дарҷ гардидааст?
а) ва, -у, - ю, -ву б) агар (гар), лекин (лек)
в) аммо, лекин, вале г) ҳарчанд, ё

4. Пайвандакҳои пайвасткунанда аз кадом ҷиҳат ба гурӯҳи пайвандакҳои пайиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ тақсим мешаванд?
а) аз рӯйи ифодаи муносибат б) аз ҷиҳати сохт
в) аз нуқтаи назари сарфӣ ва наҳвӣ г) аз ҷиҳати вазифа

5. Кадоме аз пайвандакҳои пайвасткунанда аъзоҳои чида ва ҷумлаҳои чидааъзоро дар алоқаи пайваст нишон медиҳад?
а) пайвандакҳои пайиҳам б) пайвандакҳои хилофӣ
в) пайвандакҳои ҷудоӣ г) пайвандакҳои тобеъ

## МАВЗӮИ 50. ДУДИ ҲАЗОРИСПАНД

Як вақтҳо дар тамоми шаҳри Бухоро касалии вабо паҳн мешавад. Муромурӣ бисёр авҷ мегирад. Одамон ҳама ҳайрон, чӣ кор карданашонро намедонанд. Баъзеҳо Бухороро тарк карда, бо молу ҳолашон ба шаҳрҳои дигар кӯчида мераванд, баъзеҳо ба тақдирашон тан дода, «ҳарчӣ шавем, шавем» гуфта, дар хонаҳошон мемонанд. Подшоҳи Бухоро барои пеши ин касалиро гирифтан ҳамаи уламою донишмандони мамлакатро ҷамъ карда, ба онҳо супориш медиҳад, ки илоҷи аз ин бало халос кардани мардумро ёбанд. Аммо ҳеҷ кас дар ин бобат ҳеҷ кор карда наметавонад. Иттифоқо ба подшоҳ хабар медиҳанд, ки кадом як кунҷи шаҳр Абӯалӣ гуфтагӣ як табиби ҷавон ҳасту агар тавонад, илоҷи ин хел касалиро фақат ҳамон кас ёфта метавонад. Одам монда Абӯалиро ба пеши подшоҳ гирифта меоянд. Подшоҳ Абӯалиро дида аввал назараш намегирад, баъд дилу бедилон мегӯяд:

– Агар дар ҳақиқат табиб бошед, ягон чораи ҳамин касалиро бинед.

Абӯалӣ «хуб» мегӯяд ва хоҳиш мекунад, ки барои ӯ ҳазорисманди бисёре ҷамъ карда биёранд. Бо фармони подшоҳ хоҳиши Абӯалӣ зуд иҷро мегардад. Абӯалӣ ҳазориспандро дар мобайни шаҳр ғун карда, онро дуд мекунонад. Дуд тамоми шаҳрро фаро мегирад. Ҳама ҷо сип-сиёҳ дуд, ҳама ҷо бӯйи ҳазориспанд, аз бисёрии дуд чашм кушода як қадам пеш монда намешавад. Баъд аз ин ҳодиса ба одамони касал оҳиста-оҳиста ҷон медарояду касалӣ аз шаҳр барҳам мехӯрад. Подшоҳ ба доногии Абӯалӣ қоил шуда, ба ӯ пулу



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чизи бисёр медиҳад ва офарин мегӯяд. Аз ин кори Абӯалӣ одамон мефаҳманд, ки ҳазориспанд ба касалии вабо даво будааст.

*Аз «Нақлу ривоятҳо дар бораи Абӯалӣ ибни Сино»*

Ривоятро хонед ва мазмунан нақл кунед. Пайвандакҳои корбастшударо номбар кунед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

**ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙВАСТКУНАНДА**

- пайиҳам
- хилофӣ
- ҷудоӣ

### 1 ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙИҲАМ

Ба пайвандакҳои пайиҳам ва, -у (-ю, -ву) дохил мешаванд.

Пайвандакҳои мазкур, чунон ки дар боло ишора шуд, барои ба ҳам пайвастани аъзоҳои чида ва ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст хидмат мекунанд. Ин пайвандакҳо ҳангоми ҷумлаҳои мустақилро ба ҳам пайвастан амали дар як вақт ва ё пайиҳам содиршавандаро нишон медиҳанд. Мисол: 1. Ӯ як байт хонд ва ман ба ӯ ҷавоб додам. 2. Барф бориду ҳаво хунук шуд.

### 2 ПАЙВАНДАКҲОИ ХИЛОФӢ

Пайвандакҳои хилофӣ асосан аммо, вале, лекин ва ҳол он ки буда, хабари ҷумла ва ё ҷумлаҳои мустақилро бо ҳам мепайванданд, ки амал ва ҳолати онҳо бо ҳам мухолифанд. Мисол: 1. Ман туро ҷустуҷӯ кардам, аммо наёфтам. 2. Овоз хеле паст, вале гӯё шунида мешуд.

Дар баъзе мавридҳо пайвандаки -у метавонад ба вазифаи пайвандакҳои хилофӣ истеъмол шавад, мулоҳиза кунед, Мисол: Ҳофиз манаму бародарам мехонад – Ҳофиз манам, вале бародарам мехонад.

### 3 ПАЙВАНДАКҲОИ ҶУДОӢ

Пайвандакҳои ҷудоӣ асосан ё, ё ин ки, ё... ё буда, аъзоҳои ҷумла ва ҷумлаҳои мустақилро ба ҳам мепайванданд, ки аз амалҳои ба онҳо мансуб бояд яке афзалтар ё имконпазир дониста шавад. Мисол: 1. Дар мактаб имрӯз ё фардо маҷлис мешудааст. 2. Ман ба назди шумо равам, ё ин ки шумо ба назди ман биёед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз рӯйи нақша ҷумлаҳо тартиб диҳед ва сабаби гузоштани аломатҳои китобатро шарҳ диҳед.

1. ______________________ ва ______________________.
2. ______________________, вале ______________________.
3. ______________________, ё ______________________.
4. ______________________, аммо ______________________.
5. ______________________ - ю ______________________.
6. ______________________ - у ______________________.

Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандакҳои аммо, вале, ё, ё ин ки гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед ва нависед.

1. Ҳаво торафт гармтар мешуд... .
2. Насими форам мевазад ... .
3. Кӣ медонад, ки имрӯз ҳаво гарм мешавад ...
4. Ягон воқеа рӯй дод ... .

Зарбулмасалу мақолҳоро нависед ва вазифаи пайвандакҳоро шарҳ диҳед.

1. Ё гули саҳро бошӣ, ё санги дарё.
2. Ё гарди мактабхона, ё чанги меҳмонхона.
3. Ё мактаб хону илм ёд гир, ё меҳмонхона шину гап ёд гир.
4. Ё шаҳри азим, ё кӯҳи баланд.

**ТЕСТ**

1. Пайвандаки пайиҳами серистеъмол ва сервазифатаринро муайян кунед.
а) -ву б) -ю в) ва г) балки

2. Пайвандакҳои пайвасткунанда мувофиқи маъноящон ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд?
б) ба чор гурӯҳ б) ба як гурӯҳ
в) ба ду гурӯҳ г) ба се гурӯҳ

3. Дар нутқи гуфтугӯйи доираи истеъмоли кадом пайвандак нисбат ба ва зиёдтар аст?
а) -ву б) -ю в) -у г) ва

4. Навъи пайвандаки пайвасткунанда, ки он хабари ҷумла ва ё ҷумлаҳои мустақилро бо ҳам пайваста, амал ва ҳолати мухолифро ифода мекунад?
а) тобеъ б) ҷудоӣ в) пайиҳам г) хилофӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

5. Навъи пайвандаки пайвасткунанда, ки имконпазир будани танҳо яке аз далелҳои дар ифодаи калима ё ҷумлаҳо зикршударо мефаҳмонад?

а) хилофӣ б) муқобил в) ҷудоӣ г) пайиҳам

## МАВЗӮИ 51. МЕВАЕ ШИРИНТАР АЗ ФАРЗАНД НАБВАД ДАР ҶАҲОН

Буд-набуд дар замонҳои қадим Луқмони Ҳаким ном як шахси донишманде буд. Як рӯз подшоҳи мамлакат Луқмони Ҳакимро чеғ зада гуфт:

– Мегӯянд, ки ту бисёр одами доною ҳунарманд ҳастӣ, як чизи нав соз, ки ҳеҷ вақт онро касе насохта бошад.

Луқмони Ҳаким бисёр фикр карда тухми кирмакро ёфт, парвариш кард, пилла шуд. Аз пилла шоҳӣ бофта, як сару либос дӯхта, ба подшоҳ пешкаш кард.

Подшоҳ либоси ҳарирро гирифта, гуфт;

– Ин чизи ту ҳақиқатан нағз, ин хел либос боби ман барин подшоҳи олам аст. Акнун ту раву ин сирро ба ҳеҷ кас нагуфта, ба ман ҳамин хел либос тайёр карда овардан гир, агар ягон одами дигар аз сирри кори ту хабардор шуда, ҳамин хел сару тан карда пӯшад, саратро аз танат ҷудо мекунам!

Аз либоси ба подшоҳ дӯхтаи Луқмони Ҳаким камтар шоҳӣ монда буд, занаш гирифт ва ба духтарчааш курта дӯхта дод. Инро як душмани Луқмони Ҳаким диду ба подшоҳ хабар расонд.

Подшоҳ тафтиш карда дид, ки дар ҳақиқат рост аст. Баъд Луқмони Ҳакимро ба пешаш чеғ зада гуфт:

– Ман ба ту чӣ амр карда будам? Ту маро писанд накардӣ, ба духтарчаат курта карда додӣ, ҳамаро аз ин сир хабардор кардӣ. Барои ин кор туро намекушам, туро ҳамроҳи духтарчаат ба зиндон андохта, ба дари зиндон қир мерезам, ки дар дарунаш азоб кашида пусида равӣ.

Луқмони Ҳаким гуфт:

– Агар маро ба зиндон андохтанӣ бошед, фармоед дуто кати пӯлодӣ созанд, катҳоро ба зиндон дароварда, дар назди ҳар кадомаш якхалтагӣ бодом монанд.

Подшоҳ «хайр, ду кат садқаи сар» гуфта хоҳиши Луқмони Ҳакимро иҷро карда, ӯро ҳамроҳи духтарчааш зиндон кард ва даҳони зиндонро қир рехта партофт.

Ин овозаро Афлотун шунид. Вай шогирди Луқмони Ҳаким буд. Тарсида худ ба худ «мабодо подшоҳ маро шогирди Луқмони Ҳаким гуфта, зиндон накунад» гӯён дар байни як кӯҳ пинҳон шуда, атрофашро тилисм карда партофт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Чанд сол гузашт. Ин подшоҳ мурд. Подшоҳи дигар шуд.

Подшоҳи нав як рӯз гӯшт хӯрда истода буд, ки як устухонпора ба гулӯяш дармонд. Бисёр табибу ҷарроҳ оварданд, илоҷашро карда натавониста, ҳамаашон:

– Фақат Афлотун ба ин дарди подшоҳ даво карда метавонад, – гуфта монда мерафтанд.

Подшоҳ гуфт:

– Афлотун куҷо бошад?

Одамонаш воқеаи Луқмони Ҳакимро нақл карда, гуфтанд:

– Афлотун шогирди Луқмони Ҳаким буд, баъди ин воқеа ӯ тарсида ба кимкуҷо рафта пинҳон шудааст.

– Афлотунро аз ҳар куҷо, ки бошад, ёфта биёред! – гуфта фармон дод подшоҳ.

Афлотунро кофта ёфта оварданд. Ӯ гулӯи подшоҳро диду худ ба худ «ҳамин сабаб қатӣ зиндони устодамро мекушоям, канӣ зинда бошад?». Ба подшоҳ гуфт:

– Ба дарди шумо фақат устоди ман Луқмони Ҳаким даво карда метавонад.

Подшоҳ ин гапро шунида, фармон дод, ки дари зиндони Луқмони Ҳакимро кушоянд. Кушода диданд, ки духтарчааш хокистар шудаасту худаш ба мурдан наздик. Афлотун вайро ба хонааш бурда, чанд рӯз табобат карда, сиҳат намуд.

Баъд одамони подшоҳ омада ӯро гирифта ба назди подшоҳ бурданд.

Луқмони Ҳаким подшоҳро дида пурсид:

– Фарзанд доред.

Подшоҳ гуфт:

– Як писар дорам.

– Писаратонро сар бурида, хунашро хӯред, сиҳат мешавед, набошад, не.

Подшоҳ фикр кард: яккаю ягона писар дорам, магар метавонам ӯро кушам? Биё беҳтараш худам мурам.

Се-чор рӯз гузашт, дарди подшоҳ сахттар шуд. Баъд гуфт:

– Хайр, писарамро биёред, сарашро буред!

Писарашро оварданд, ба фармони Луқмони Ҳаким дар пеши чашми подшоҳ дасту пояшро баста дар мобайн парда кашида, ба қафои парда гузаронданд:

– Акнун гӯсфандро биёретон! – гуфт Луқмони Ҳаким ба гӯши одамони подшоҳ. Як гӯсфандро қуллуқ карда оварда ба гӯлӯяш корд монда буданд, ки гӯсфанд «фах» зада овоз баровард.

Ҳамин вақт подшоҳ:

– «Воҳ писарам» – гуфта фарёд зада буд, ки устухон аз гӯлӯяш парида рафт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

– Пардаро кушоед, то ман мурдаи писарамро бинам! – гуфт подшоҳ.

Пардаро бардоштанд, ки писараш сиҳату саломат ва як гӯсфанд куштагӣ.

Луқмони Ҳаким ҳодисаи шударо ба ӯ гуфта дод.

Подшоҳ ба Луқмони Ҳаким таҳсин хонда гуфт:

– Лаънат ба касе, ки ҳамин тавр одами донишмандро зиндон кардааст.

Ривоятро хонед ва мазмунан нақл кунед. Пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунандаро дар алоҳидагӣ нависед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### ПАЙВАНДАКҲОИ ТОБЕЪКУНАНДА

Пайвандакҳои тобеъкунанда дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ омада, як ҷумларо ба ҷумлаи дигар алоқаманд месозанд. Ин пайвандакҳо мувофиқи маъною вазифаашон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

1. **Пайвандакҳои замон.** Ҷулаҳои пайрави замонро ба сарҷумла тобеъ мекунанд: ки, чун, аз бозе ки, баъд аз он ки, баробари ин ки, вақте ки, дар вақте ки, ҳар вақте ки, гоҳе ки, ҳар гоҳе ки, даме ки, замоне ки, пас аз. он ки, пеш аз он ки, пештар аз он ки, ҳангоме ки, ҳамин ки, ҳар бор ки, ҳар боре ки ва ғайра. Мисол: Ҳамин ки трактори заминрон ба сӯйи он зоғу зағанҳо наздик меомад, онҳо якбора хӯсида, ба осмон паҳну парешон парвоз мекарданд.

2. **Пайвандакҳои макон.** Ҷумлаҳои пайрави маконро ба сарҷумла тобеъ мекунанд: ҳар ҷо ки, ба ҳар ҷо ки, кучо ки, дар кучо ки, ҷое ки, он ҷо ки. Мисол: Ба ҳар ҷо ки равад, бо як нигоҳи сеҳрангезаш, тамоми ақлу ҳуши ошиқон дуздида меояд.

3. **Пайвандакҳои сабаб.** Ҷумлаҳои пайрави сабабро ба сарҷумла тобеъ мекунанд: ки, зеро, зеро ки, азбас ки (баски), чунки, модом ки, модоме ки. Мисол: Модом ки ту аз ҳамин қадар мунозираҳо маънии ин калимаҳоро нафаҳмидӣ, дигар ба ту шарҳ ва эзоҳ додани мо бефоида аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

4

**Пайвандакҳои мақсад.** Ҷумлаҳои пайрави мақсадро ба сарҷумла тобеъ мекунанд: ки, то ки, то ин ки, барои ин ки, барои он ки: Командир барои ин ки ба мудофиа халал нарасонад, ба қозихона баромадан нахост.

5

**Пайвандакҳои шартӣ.** Ҷумлаҳои пайрави шартиро ба сарҷумла тобеъ мекунанд: агар (ар, гар), ба шарте ки. Мисол: Агар модарам якбора бе қилу қол рӯяшро кушода гаштан мегирифт, олам гулистон буд ва хотири ҳамаи мо ҷамъ мегардид.

6

**Пайвандакҳои хилофӣ.** Ҷумлаҳои пайрави хилофиро ба сарҷумла тобеъ мекунанд: агарчи, гарчи, агарчанде ки, ҳарчанд ки, бо вуҷуди он ки, ба ҷойи он ки. Мисол: Шарофат-хола, ҳарчанд ки аз танҳоии шабҳои дарози зимистон ба танг меомад, аз сандалӣ дил канда наметавонист.

7

**Пайвандакҳои қиёсӣ.** Ҷумлаҳои пайрави қиёсиро ба сарҷумла тобеъ мекунанд: ки, монанди он ки, мисли он ки, мисли ин ки, гӯё, гӯё ки, гӯё ин ки, ба тарзе ки, чунон ки, чи тавре ки. Мисол: Эргаш, чунон ки дар деворҳои чоҳ кананд, бо нӯги дос ба ҷойи зинапоя чуқурчаҳо канд.

8

**Пайвандакҳои миқдору андоза.** Ҷумлаҳои пайрави миқдору андоза, миқдору дараҷаро ба сарҷумла тобеъ мекунанд: ҳар қадар ки, ҳар чи қадар ки, ба қадре ки, чи қадар ки. Мисол: Ҳар чи қадар ки ман мехоридам, талаби хориш ҳамон қадар зиёдтар мешуд.

## ТЕСТ

1. Кадоме аз онҳо пайвандакҳои хилофист?
а) аммо, лекин, вале, балки, вагарна
б) ва, -у , -ю, - ву
в) ё, ё ки, ё ин ки
г) вақте ки, ҳар гоҳе ки, модоме ки

2. Пайвандакҳои хилофии серистеъмолу ҳаммаъноро муайян кунед.
а) бошад, набошад
б) ва, лекин, балки
в) вагарна, лекин
г) аммо, лекин, вале

3. Кадоме аз пайвандакҳои хилофӣ дар нутқи гуфтугӯйӣ ва китобӣ ба дараҷаи баробар кор фармуда мешавад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

а) вале, балки б) аммо, лекин
в) бошад, набошад г) валекин, вагарна

3. Пеш аз пайвандакҳои хилофӣ ва ҷудоӣ чӣ гуна аломат гузошта мешавад?
а) нуқта б) нуқта вергул в) вергул г) ду нуқта

4. Пайвандакҳои лекин (локин), вале, валекин дар назм аз рӯйи қонунияти шеър дар кадом шакл корбаст мешаванд?
а) лекин, локин б) лек, валек
в) вале, валекин г) лекин, валекин

5. Дар порчаи шеърӣ кадом пайвандак дар шакли лек корбаст гардидааст?

Бо ҳусну нигоҳу хандаат зебоӣ,
Ҳақ аст, агар бигӯяд яктоӣ.
Ин низ хуб асту лек аз он ҳам хуштар,
Он аст, ки дилбарию ҳам доноӣ.

а) балки б) вале
в) вагарна г) лекин

## МАВЗӮИ 52. ЗЕБОГИИ ИНСОН ДАР БОТИНИ ӮСТ

Зебогии инсон танҳо дар сурат нест. Одам бояд одоби хуб дошта бошад. Одоби хуби ӯ инсонро зебо мегардонад. Ҳусн зебогии одам аз рӯйи одобаш маълум мегардад. Агар одам зоҳиран зебо бошаду дағалмуомилагӣ карда, бо ҳеҷ кас муросо карда натавонад, ӯ зебо нест.

Зебогӣ ду хел мешавад: зоҳирӣ ва ботинӣ. Зебогии зоҳирӣ гуфта, намуди берунии инсонро мегӯянд. Ҳусни зоҳири инсонро ҳусни худодод мегӯянд. Ба ғайр аз зебогии зоҳирӣ одам бояд ботинан зебо бошад. Намуди ботинии инсон, намуди дохилӣ, ки пинҳон аст ва ба он дохил мешавад: рафтори нек, гуфтори нек, шарму ҳаё, дониши хуб.

Донишомӯзон рафтору гуфтори нек дошта бошанд, дар мактаб бо баҳои хубу аъло хонанд ба фикрам аз ҳама инсонҳои хубанд.

Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ дар тамаддуни Шарқ Кохи бузурги панду ахлоқро ба мо ёдгор монда, дар бораи зебогии зоҳирию ботинии инсон гуфтааст:

Тани одамӣ шариф, аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост, нишони одамият.
Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,
Чӣ миёни нақши девору миёни одамият.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар ҳақиқат, одам бояд на аз рӯйи сару либоси зебо, балки аз рӯйи ақлу хирад, илму дониш зебо бошад.

Матнро хонед ва мазмунан нақл кунед. Порчаи шеъриро шарҳ диҳед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### СОХТ ВА ТАРКИБИ ПАЙВАНДАКҲО

Пайвандакҳо аз ҷиҳати сохту таркиб содда, мураккаб ва таркибӣ мешаванд: а) пайвандакҳои содда ба ҳиссаҳо ҷудо намешаванд: ва -у (-ю, -ву), то, чун, агар (гар, ар), гӯё, аммо, лекин, вале, ки; б) пайвандакҳои мураккаб аз ду ҷузъ ташкил мешаванд: аз + баски (азбаски), чун + ки (чунки), агар + чанд (агарчанд), агар + чи (агарчи), гар + чи (гарчи); в) пайвандакҳои таркибӣ аз ду ва ё зиёда калимаҳо таркиб меёбанд: то ки, зеро ки, вақте ки, чунон ки, то даме ки, ҳар қадар ки, барои он ки.

Дар садаи XX ҳусни таваҷҷӯҳи мутарҷимони ӯзбек ба назми мумтози тоҷик бештар ба мушоҳида мерасад. Агар намунаҳои ашъори суханварони классикро тарҷимонҳо Хуршед, Муинзода, Васфӣ, Чустӣ, Эркин Воҳидов, Ҷамол Камол, Сулаймон Раҳмон, Хуршед Даврон, Самандар Воҳидов, Эргаш Очилов дар вазни арӯз тарҷима намуда бошанд, пас Ғафур Ғулом, Шоислом Шомуҳамедов, Тӯхтасин Ҷалолов, Улфат, Назармат, Абдулло Орипов, Нусрат Карим, Ошиқ Эркин, Садриддин Салими Бухорӣ ва дигарон дар вазни ҳиҷо ба ӯзбекӣ тарҷима кардаанд.

Доир ба тарҷимаи асарҳои адибони ӯзбек ба забони тоҷикӣ ду лаҳзаро махсус таъкид намудан ҷоиз аст. Якум, асарҳои адибони ӯзбек бевосита аз аслият ба тоҷикӣ гардонида мешавад. Дуюм, бо тарҷимаи асарҳои адибони ӯзбек баробари мутарҷимони касбӣ адибони соҳибистеъдод ҳам машғул ҳастанд. Гузашта аз ин аксари адибони ҷавону баркамол осори бадеии адабиёти имрӯзаи тоҷикро ба ӯзбекӣ дар кишвари худ тарҷима кардаанд. Ин ҷо ёдрас намудани китоби пурмӯҳтавои «Тоғли диёр қўшиқлари» ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин китоб қиссаю ҳикояҳои адибони тоҷик Абдумалик Баҳорӣ, Шодон Ҳаниф, Ӯрун Кӯҳзод, Меҳмон Бахтӣ, Сорбон, Маҳкам Пӯлод, Кароматилло Мирзоев, Саттор Турсун, Адаш Истад, Абдулҳамиди Самад, Юсуфҷон Аҳмадзода, Ато Ҳамдам, Муҳаммадзамон Солеҳ, Ҷонибек Акобиров, Баҳманёр, Абдурофеъ Рабиев ва дигарон дар тарҷимаи О.Ҷуманов ва Ҷ.Тошматов манзури хонандагони ӯзбекзабон гардонида шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Умуман тарғиби адабиётҳоямон дар кишвари якдигар мунтазам давом мекунад. Дар рӯзномаю маҷаллаҳои тоҷик беҳтарин офаридаҳои нависандагони ӯзбек тарҷима ва дастраси хонандагон мегардад. Ба ин маънӣ, имрӯз низ аз хурдтарин бозёфтҳои бадеию эстетикӣ то асарҳои мӯҳташами адабиёти ӯзбек аз назари тарҷимону адибони тоҷик дур намемонад. Дар ин амали неки дутарафа саҳми рӯзномаҳои ҷумҳурии «Овози тоҷик» ва «Ҷумҳурият» ҳам назаррас мебошад.

*Аз «Пайвандҳои дӯстӣ ва адабӣ»-и Абдусалом Самадов*

Матнро хонед ва мазмунан нақл кунед.

**ТЕСТ**

1. Пайвандаке, ки имконпазир будани танҳо яке далелҳои дар ифодаи калима ё ҷумлаҳо зикр шударо мефаҳмонад, чӣ ном дорад?

а) пайиҳам б) хилофӣ
в) ҷудоӣ г) тобеъ

2. Кадоме аз пайвандакҳои ҷудоӣ дар шакли холис ва такрор меоянд?

а) ё, ё ки, ё ин ки б) гоҳ... гоҳ, хоҳ...хоҳ
в) ё худ, дам...дам г) на ин ки, на фақат

3. Дар порчаи шеърӣ варна ҳамчун шакли ихтисори кадом пайвандак кор фармуда шудааст?

Чашми ҷонон бо ишорат боз медорад маро,
Варна бо як ҳамла мушти осмонро во кунам

а) гарна б) вагарна в) гар г) агар

4. Пайвандакҳои тобеъкунандаи забони тоҷикӣ чӣ гуна вазифаро иҷро мекунанд?

а) ҷумлаҳои пайрави гуногунро ба сарҷумла тобеъ менамоянд
б) аъзоҳои чидаи ҷумларо ба якдигар мепайванданд
в) муносибатҳои хилофиро doроанд
г) ҳеч гуна вазифаро адо намекунанд

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Аз рӯйи расм матн тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## МАВЗӮИ 53. ИМЛОИ ПАЙВАНДАК

**Якҷоя навишта мешаванд:**

– пайвандакҳои мураккаб: балки, чунки, агарчи (гарчи), азбаски (баски), вагарна, ҳарчанд, гарчанд ва ғайра;

– пайвандаки -у, (-ву, -ю) бо калимаи аввали иборaю таркибҳо: ёру рафиқ, хонаву дар, кӯчаву бозор, донову нодон, орзуву омол, пастию баландӣ, сарею савдое, сиёсию иҷтимоӣ ва ғайра.

**Ҷудо навишта мешаванд:**

– пайвандаки пайвасткунандаи ва: устодон ва шогирдон, Забони модариро ҳама бояд хуб донанд ва гиромӣ доранд ва ғайра;

– пайвандаки тобеъкунандаи ки: Ӯ қавл дода буд, ки фардо меояд. Давлате, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, биҳишти рӯйи замин аст ва ғайра;

– ҷузъҳои пайвандакҳои таркибӣ: то ки, вақте ки, зеро ки, бо вуҷуди ин (он) ки, сарфи назар аз ин (он) ки, бо назардошти он ки, аз сабаби ин (он) ки, ҳарчанде ки, гарчанде ки, ба қадре ки, ба тавре ки, бе ин (он) ки ва ғайра.

Пайвандакҳои ва, ки дар назм ба шакли ихтисор бо нимтире навишта мешаванд: в-аз (ва аз), в-ӯ (ва ӯ), к-аз (ки аз), к-он (ки он), в-имрӯз (ва имрӯз), к-омад (ки омад), в-арна (вагарна) ва ғайра.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ САРФИИ ПАЙВАНДАК

| **Нақшаи таҳлил:** |
|---|
| 1. Кадом калима пайвандак аст.<br>2. Хели пайвандакҳо: пайвасткунанда, тобеъкунанда.<br>3. Аз ҷиҳати сохт: содда, таркибӣ (номӣ). |
| **Мисол.** Ятим роҳ мерафт, **аммо** намедонист, **ки** ба куҷо меравад. |
| **Намунаи таҳлил:** |
| **Аммо** пайвандак буда, қисмҳои мураккабро алоқаманд мегардонад, пайвандаки пайвасткунада, тағйир намеёбад, аъзои ҷумла намешавад (ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ), аз ҷиҳати сохт содда. |

## ТЕСТ

1. Пайвандакҳои тобеъкунанда одатан дар кадом қисми ҷумлаи мураккаб ҷой мегиранд?
а) аъзоҳои ҷумла б) сарҷумла
в) ҷумлаи пайрав г) мавқеи истеъмолашон номуайян

2. Пайвандакҳои тобеъкунанда аз кадом ҷиҳат ба гурӯҳи пайвандаки муайянӣ-эзоҳӣ, замонӣ, макониӣ, тарзи амал, миқдору дараҷа, монандӣ, сабабӣ, мақсадӣ, шартӣ, хилофӣ, объектӣ, ҳамроҳӣ тақсим мешаванд?
а) аз ҷиҳати маъно ва вазифаи наҳвӣ б) аз ҷиҳати таркиб
в) аз ҷиҳати ташкилёбӣ г) аз ҷиҳати сохт

3. Серистеъмолтарин пайвандаки тобеъкунанда кадом аст?
а) гарчи б) чун в) зеро г) ки

4. Пайвандаке, ки барои алоқаманд намудани ҷумлаи пайрави замон ба сарҷумла ҳамчун воситаи грамматикӣ хизмат мекунад?
а) пайвандакҳои замонӣ б) пайвандакҳои маконӣ
в) пайвандакҳои монандӣ г) пайвандакҳои шартӣ

5. Вақте ки, ҳар вақт ки, то вақте ки, аз бозе ки, ҳар гоҳе ки, модоме ки, то модоме ки, пас аз он ки чӣ гуна пайвандакҳоянд?
а) пайвандакҳои замонӣ б) пайвандакҳои миқдору дараҷа
в) пайвандакҳои мақсадӣ г) пайвандакҳои тарзи амал



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 54. ТАКРОРӢ

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

**ГУРӮҲИ 1.**

1. Пайвандакҳо ба кадом гурӯҳи ҳиссаҳои нутқ дохил мешаванд?
2. Аломати грамматикии пайвандакҳо дар чӣ зоҳир мешавад?
3. Моҳияти луғавии пайвандакҳо чиро нишон медиҳад?
4. Пайвандакҳо аз рӯйи вазифа ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?

**ГУРӮҲИ 2.**

1. Пайвандакҳои пайвастро номбар кунед.
2. Пайвандакҳои пайиҳамро номбар кунед ва гӯед, ки онҳо чӣ гуна тобишҳоро ифода мекунанд?
3. Пайвандакҳои хилофӣ, ҷудоиро номбар кунед.
4. Тарзи навишти пайвандаки -у (-ю, -ву) чӣ гуна аст?
5. Пайвандакҳои тобекунанда чӣ гуна вазифаро иҷро мекунанд?

**ГУРӮҲИ 3.**

1. Аз рӯйи тобишҳои маъноӣ пайвандаки тобекунанда ба чанд навъ ҷудо мешаванд?
2. Кадом пайвандакҳо шакли ихтисор доранд?
3. Ҷойи пайвандакҳо дар ҷумла чӣ гуна аст?
4. Тарзи навишти пайвандакҳои таркибӣ чӣ гуна аст?
5. Кадом пайвандакҳо дар ҷумлаҳои содда, мураккаби пайваст ва кадоме аз онҳо танҳо дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ истифода мешаванд?
6. Пеш аз кадом пайвандак вергул гузошта намешавад?

**ТЕСТ**

**ГУРӮҲИ 1.**

1. Пайвандаке, ки ҷумлаи пайрави маконро ба сарҷумла тобеъ намуда, ҷой ва сӯйи амалу ҳолатро ифода мекунад, чӣ ном дорад?

а) пайвандаки сababӣ б) пайвандаки тарзи амал
в) пайвандаки замонӣ г) пайвандаки маконӣ

2. Ҷое ки, ба ҷое ки, дар ҷое ки, аз ҷое ки, то ҷое ки, дар куҷо ки, ҳар ҷо ки чӣ гуна пайвандакҳоянд?

а) пайвандаки маконӣ б) пайвандакҳои хилофӣ
в) пайвандакҳои шартӣ г) пайвандакҳои мақсадӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Ба тарзе ки, ба тавре ки, дар ҳолате ки, ба ҳолате ки, бе он ки чӣ гуна пайвандакҳоянд?
а) пайвандакҳои хилофӣ б) пайвандакҳои тарзи амал
в) пайвандакҳои миқдору андоза г) пайвандакҳои мақсадӣ

4. Кадоме аз пайвандакҳои тарзи амал ҳолату вазъияти ба вуҷуд омадани амали сарҷумларо нишон медиҳад?
а) дар ҳолате ки, ба ҳолате ки б) ба тарзе ки, ба тавре ки
в) дар ҷое ки, дар куҷо ки г) бо вуҷуди он ки, ҳол он ки

5. Дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрави миқдору дараҷаро ба сарҷумла мепайвандад ва то кадом дараҷа ва чӣ андоза иҷро шудани амали сарҷумларо ифода менамояд?
а) пайвандакҳои миқдору дараҷа б) пайвандакҳои шартӣ
в) пайвандакҳои тарзи амал г) пайвандакҳои сабабӣ

**ГУРӮҲИ 2.**

1. Ба дараҷае ки, то ба дараҷае ки, ба ҳадде ки, ба ҳадди он ки, ба қадре ки, ҳар қадаре ки, ҳар қадар ки чӣ гуна пайвандакҳоянд?
а) пайвандакҳои тарзи амал б) пайвандаки замонӣ
в) пайвандакҳои миқдору дараҷа г) пайвандакҳои макони

2. Пайвандаки тобеъкунандаи ифодакунандаи алоқаи монандии амалу ҳолати сарҷумла ва ҷумлаи пайрав чӣ ном дорад?
а) пайвандакҳои маконӣ б) пайвандакҳои хилофӣ
в) пайвандакҳои шартӣ г) пайвандакҳои монандӣ

3. Кадоме аз пайвандакҳои сабабӣ дар назм мувофиқи риояи қонунияти шеър дар шакли зибаски, баски, зибас корбаст мешаванд?
а) азбазки б) чунин в) зеро г) ба сабаби он ки

4. Гар, ар, агар чӣ гуна пайвандакҳоянд?
а) пайвандакҳои хилофӣ б) пайвандакҳои шартӣ
в) пайвандакҳои ҳамроҳӣ г) пайвандакҳои сабабӣ

5. Дар кадом банд пайвандаки мақсадӣ дарҷ гардидааст?
а) ба дараҷае ки, ба қадре ки б) то вақте ки, ҳар бор ки
в) то ҷое ки, ҳар ҷое ки г) то ки, бар он ки

6. Дар ташаккули пайвандакҳои таркибӣ кадоме аз пайвандакҳои тобеъкунанда серистеъмолтар аст?
а) чун б) зеро в) ки г) агар

**ГУРӮҲИ 3.**

1. Хонед ва муайян кунед: ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ буда, аъзоҳои чидаи ҷумла ва ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро бо ҳам алоқаманд менамояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

а) пасоянд б) пешоянд
в) пайвандак г) ҳиссача

2. Пайвандакҳо аз рӯйи пайдоиш ба чӣ гуна гурӯҳҳо тақсим мешаванд?
а) аслӣ ва номӣ б) содда, мураккаб ва таркибӣ
в) тобеъкунанда ва пайваст г) пайиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ

3. Пайвандаке, ки дар як шакл, бе ҳеч дигаргунӣ кор фармуда мешаванд, аз ҷиҳати сохт чӣ гунаанд?
а) сохта б) содда в) мураккаб г) таркибӣ

4. Пайвандакҳои аз ду ҳисса (ҷузъ) и вазифаҳои муайяни грамматикӣ доштаи ба вуҷуд омада, аз ҷиҳати сохт чӣ гунаанд?
а) содда б) таркибӣ в) сохта г) мураккаб

5. Пайвандакҳои сохташон мураккаб дар кадом банд навишта шудааст?
а) чунки, азбаски, агарчи, вагарна
б) ва, -у, -ю, - ву
в) вақте ки, аз он ки
г) гарчанде ки, агар чанде ки

6. Пайвандакҳои аз якчанд ҷузъи ҷудонашавандаи таркиб ёфта, аз ҷиҳати сохт чӣ гунаанд?
а) таркибӣ б) мураккаб в) содда г) аслӣ

## НАТИҶАГИРӢ АЗ МАВЗӮИ ПАЙВАНДАК

### ГУРӮҲИ 1.

1. Пайвандакҳо ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ буда, аъзоҳои ҷумлаи содда, инчунин ҷумлаҳоро бо якдигар мепайванданд.
2. Пайвандакҳои соддаи якҳиҷогӣ зада надоранд.

### ГУРӮҲИ 2.

1. Дар пайвандакҳои соддаи дуҳиҷогӣ зада, одатан, ба ҳиҷои аввал меояд.
2. Пайвандакҳо нисбат ба ҳиссаҳои мустақили нутқ дертар пайдо шуда, бештар аз калимаҳои мустақилмаъно ба вуҷуд омадаанд.

### ГУРӮҲИ 3.

1. Пайвандакҳои пайвастани калимаҳои мустақилмаъно ва ё пайвасту тобеъ намудани ҷумлаҳо хизмат мекунанд.
2. Пайвандакҳои тобеъкунанда одатан бо ҷумлаҳои пайрав меоянд. Гоҳо яке аз ҷузъҳои пайвандаки таркибӣ бо сарҷумла ва ҷузҳъи дигари он бо ҷумлаи пайрав омада метавонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ VIII. САНЪАТ ВА МАДАНИЯТ

## МАВЗӮИ 55. ШАШМАҚОМ – МАҶМӮИ САВТУ ТАРОНАҲОИ СИЛСИЛАВИИ МУСИҚӢ

**«Шашмақом»** маҷмӯи шаш мақоми асосии мусиқии классикии тоҷик, ки ҳар як мақом дар дохили худ шӯъбаҳо ва ҷузъҳои зиёде дорад. Он аз мақомҳои **Рост, Наво, Бузург, Дугоҳ, Сегоҳ** ва **Ироқ** иборат буда, ҳар як мақом дар навбати худ аз се бахш иборат аст:

1. **Мушкилот** – силсилаи аслии бахши соз.
2. **Наср** – силсилаи аслии бахши овоз.
3. **Савт** – силсилаи фаръии бахши овоз.



**Мушкилот** – номи силсилаи аслии бахши сози **«Шашмақом»** буда, аз панҷ шохаи асосӣ **Тасниф, Тарҷеъ, Гардун, Мухаммас** ва **Сақил** иборат аст. Маҳз дар доираи оҳангӣ ва зарбии Мушкилоти ҳар мақом симои хоси вай шаклбандӣ мегардад. Ҳамаи ин қисмҳо ба ғайр аз **Гардун** шакли рондоро доранд, яъне пас аз ҳар мавзӯи нав (хона) оҳанги асосӣ такрор меёбад, ки онро бозгӯйӣ меноманд. Масалан: аа; ab; ac; ad ва амсоли инҳо.

**Хона** – оҳанге, ки ҳангоми иҷрои асар тадриҷан нав шуда, пурра мегардад. Навоҳои нав-нав пайдошавандаи тағйирпазир сархона ном дошта, дар адвори мусиқӣ бо тарзи хонаи 1, хонаи 2, хонаи 3 ишора мешаванд.

**Бозгӯйӣ** – оҳангест, ки дар байни ҳама хонаҳо, дар як шакли муайян, бо як тарзу услуби ба худ хос, бидуни тағйиру дигаргунӣ иҷро карда мешавад. Дар сурудҳои халқӣ онро «нақарот» меноманд.

Гуфтаҳои боло бори дигар дар бунёди суруду оҳанг ва эҷодиёти мардумӣ устувор будани пояи бунёди Шашмақомро ба субут мерасонад.

**Тасниф** – шохаи якуми бахши соз аст, ки шохаҳои дигари силсила **Тарҷеъ, Гардун, Мухаммас** ва **Сақил** дар асоси оҳанги он бунёд гардидаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Тарҷеъ** – маънои такрорро дошта, шохаи дуюми силсилаи аслии бахши соз мебошад, ки дар асоси намуди даврҳои гуногун эҷод шудааст. Шохаи **Тарҷеъ** дар мақоми **Рост** вуҷуд надорад.

Шохаҳои Тасниф ва Тарҷеъ шакле доранд, ки Пешрав (оҳангҳои кӯтоҳе, ки дар зинаҳои гуногуни парда такрор шуда, бо усули фаровард бозгӯйӣ намуда меоянд) ном дорад.

**Гардун** – шохаи сеюми бахши соз, ки дар асоси пардаи навъи аслии мақом пайдо шудааст ва аз сархонаҳои гуногуннаво иборат аст, ки паи ҳам меоянд.

**Мухаммас** – усули мақомӣ дар силсилаҳои аслии бахши соз аст, ки аз панҷ навъи усулҳои мақомӣ (масалан Фарфар, Тасниф ва ғайра) иборат аст.

**Сақил** – панҷум шохаи асосӣ ва яке аз навъҳои усул дар силсилаи бахши соз, ки даҳ шохаро доро мебошад.

Дар Шашмақом зарб мавқеи муҳим дошта, тавассути доира иҷро мешавад ва онро усул меноманд. Усулҳои Тасниф ва Тарҷеъ аз ҷиҳати сохт соддаанд. Усули Гардун нисбатан мураккабтар аст. Усули Мухаммас ва Сақил бошад, мураккабу вазнин аст.

Ҳангоми иҷрои Мушкилот, навозандаву шунаванда тадриҷан вориди олами зарбу лаҳнҳои мақоми иҷрошаванда гашта, барои иҷрои бахшҳои овозӣ заминаи мувофиқ ба вуҷуд меояд. Дар доираи оҳангиву зарбии Мушкилот симои хоси мақоми иҷрошаванда шаклбандӣ гардида, шунаванда тавассути он ба асоси мақоми мазкур шиносоӣ пайдо мекунад.

Сипас силсилаи аслии бахши овоз – Наср оғоз мегардад.

**Наср** – аз Сарахбор, Талқин, Наср ва Уфар иборат аст, ки дар аксари мақомҳо шакли ягона доранд. Силсилаи Насри ҳар як мақом аз Сарахбор оғоз ёфта, бо Уфар ҷамъбаст мегардад. Матнаш ғазалу рубоӣ аст.



Дар Наср низ, монанди Мушкилот оҳангҳо вориди ҳамдигар гардида, зина ба зина такмил меёбанд ва дар охир боз ба мазмуну мундариҷаи аввалӣ бармегарданд, ки ин шакли доира, яъне бозгашт ба нуқтаи асосиро мемонад. Маҳз ба ҳамин хотир дар гузашта илми мусиқиро «адвор», яъне «ҷамъи даврҳо» меномиданд, зеро ин



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



мафҳум адвори иқоъӣ (даврҳои зарбӣ), адвори лаҳнӣ (даврҳои оҳангӣ) ва адвори шаклбандӣ (даврҳои силсила)-ро пурра ифода менамояд. Ба тарзи дигар гӯем, адвор дар низоми мусиқӣ – зарб, парда, нағамот, яъне сохтору таълифоти мақомӣ зуҳур мекунад.

Силсилаи аслии бахши овози мақомҳо аз Сарахбор бо таронаҳояш, Талқин бо таронаҳояш, Наср бо таронаҳояш ва Уфар иборат аст. Дар сохтори мақомҳо ин силсила воҳиди ягонаро ташкил медиҳад ва бобҳои он аз ҷиҳати оҳанг (лаҳн, мақом) ва зарбу усул ба ҳамдигар пайванданд.

**Сарахбор** – саршавии қисми овозӣ ва шохаи аввалини силсила буда, бо каломи мавзун, яъне шеър, ғазал иҷро мегардад ва дар бунёди сартосарии мақом мавқеъ ва мавзӯи асосиро дорост. Сарахбори ҳар мақом номи ҳамон мақомро мегирад. Авзони усули Сарахбор асосан бо мизонбанди 2/4 (ду чоряк) сохта мешавад.

**Савт** – силсилаи фаръии бахши овоз дар Шашмақом буда, гуногунлаҳну рангомез аст ва савтхонӣ, амалхонӣ, шохаҳои Рок ба он мансубанд. Дар зери лаҳн ва оҳангу сурудҳои ин силсила мо ба оламӣ дигари рангину мушкбези руъёии Шашмақом ворид мешавем, ки аз панҷ қисм иборат аст: Савт, Талқинча, Фурӯғ (Кашкарча), Соқинома ва Уфар.

Савт дар байни дигар шохаҳои ин силсила саҳми муҳим ва марказиро дорост. Маънои луғавии савт-садои мусиқӣ, оҳанги мусиқӣ мебошад. Инчунин дар низоми Шашмақом усули мақомиро низ Савт меноманд, ки дар мизонбанди 5/4 (панҷ чорякӣ) сохта шудааст.

Дар ҳар мақом чандин силсилаи Савт мавриди иҷро қарор мегиранд, ки бо номи ин мақом вобаста буда, дар доираи қавонини лаҳниву оҳангии он амал мекунанд.

Савт силсилаи панҷгонаи сурудҳо мебошад, ки дар доираи як навъи пардаи муайян иҷро карда шуда, танҳо қисмҳои он аз ҷиҳати зарбу усул фарқ мекунанд. Савт ҳамчун жанри махсуси мусиқии классикии Шарқ маъмул буда, дар шакли аврупоии «сюита» дар олам машҳур аст.

Савтҳо аз услуби ягонаи композитсионӣ ва панҷ қисм – Савт, Талқинча, Фурӯғ, Соқинома ва Уфар иборатанд. Усул мавқеи муҳим дорад.

Матни шохаҳои силсилаи Савт аз ғазалу мухаммас иборатанд.

**Талқинча** – сохтори мусиқист, ки дар равияи Талқин иҷро гардида, усулаш низ, чун усули Талқин мураккаб аст ва аз ду усу-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



ли мустақил, яъне 3/4+3/8 (се чорякӣ + се ҳаштякӣ) иборат аст. Дар силсилаи фаръии бахши овози Шашмақом 12 Талқинча мавҷуд аст.

**Фурӯғ** – маънои луғавиаш «дурахш», «партав», «тобиш», «ҷило» буда, лаҳн ва усули иҷроии он гӯё ба ҳавзаи ҳунарии Қошғар мансуб будааст. Шохаи сеюми силсилаҳои фаръӣ дар бахши овоз ва навъи усули мақомӣ дар Шашмақом, ки мизонбандаш 4/4 мебошад.

Шарти асосии услубии шохаи Мустазод истифодаи шакли шеърии Мустазод мебошад, ки танҳо дар шохаи аввали силсила суруда мешавад, матни шохаҳои дигари силсила – Талқинчаи Мустазод, Фурӯғи Мустазод ва ғайра ғазалҳои маъмулианд. Аз ин сабаб шӯъбаи мазкур номи Мустазодро гирифтааст, шохаҳои дигар бошанд ба рангомезиҳои тозаи оҳанги Мустазоди нахустин алоқамандӣ доранд.

Ҳамин гуна услуби сохторӣ айнан дар шохаи Фурӯғ низ дида мешавад. Раванди иҷроиши шохаҳои Мустазод ва Фурӯғ низ ба монанди Савт сурат гирифтаанд, яъне дар ин шохаҳо низ дигаргунии лаҳниву авзонӣ маҳз дар зери таъсири шаклу вазни шеъри нав ба вуҷуд омадаанд. Усули шохаҳои Фурӯғ ба усули шохаҳои Савт монанд аст.

Шӯъбаҳои Шашмақом аз ҷиҳати оҳангӣ ба ҳам сахт иртибот доранд, ки онро намуд меноманд. Масалан дар Сарахбори Сегоҳ баъди авҷ ногоҳ оҳанги Наво пайдо мешавад, ки онро намуди Наво мегӯянд. Намуди Наво, Намуди Муҳайяри Чоргоҳ, Намуди Ушшоқ, Намуди Ораз, Намуди Сегоҳ мақомҳоро дар шакли иқтибос ба ҳам мепайванданд. Намудҳо баъди иҷрои дунасра ва авҷ меоянд. Онҳо дар мавриди зарурӣ пайдо шуда, ягонагии таркиби мақомҳоро ба вуҷуд меоранд.

*Аз «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик»*

Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед ва пас аз он саволҳо тартиб диҳед.

Шинос шавед ва ба лавҳи хотир нигоҳ доред.

**1** **ШАШМАҚОМДОН**
Мутахассиси сурудан ва навохтани оҳангҳои мусиқии классикии тоҷик. Шашмақом.

**2** **ШАШМАҚОМХОН**
Сарояндаи оҳангҳои Шашмақом, сарояндаи оҳангҳои классик.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз рӯйи расм ному насаби мутрибонро нависед. Яке аз сурудҳои хониш кардаашонро гӯш кунед.





Калимаҳои зеринро бо шарҳ ба «Дафтарчаи луғат» рӯбардор кунед.

**МУҒАННӢ** сароянда ва навозанда, мутриб ва ҳофиз.
**МУТРИБ** навозандаи асбоби мусиқӣ ва сароянда, созандаву хонанда, навозанда.
**ҲОФИЗ** сароянда, сурудхон.
**МУТРИБӢ** навозандагӣ, сарояндагӣ.
**ҲОФИЗӢ** сурудхонӣ, мутриб.

**МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД**

## ҲИССАЧА

Ҳиссачаҳо ҳиссаи номустақили нутқ буда, ба калимаҳо ва ё ба мазмуни умумии ҷумла тобишҳои гуногуни маъноӣ мебахшанд. Ҳиссачаҳо аз пешоянду пайвандакҳо, ки вазифаи грамматикиро анҷом медиҳанд, фарқ мекунанд. Ҳиссачаҳо имконияти ахборро баланд бардошта, нутқро аниқу ифоданок ва муассир мегардонанд. Бо ёрии ҳиссачаҳо ҳодисае аниқу равшан гашта, тобишҳои шубҳаю тааҷҷуб ва тасдиқу инкор ифода меёбанд. Онҳо тағйир наёфта, маънои луғавӣ надоранд ва аъзои ҷумла ҳам намешаванд.

| **НАВЪҲОИ ҲИССАЧА**<br>Ҳиссачаҳо аз рӯйи маъно ва вазифа ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: | |
|---|---|
| **Саволӣ** | -мӣ, -чӣ, -а, магар, наход, наход ки, на ин ки, оё |
| **Таъкидӣ** | ҳатто, ҳам, хоҳ ... хоҳ, гоҳ ... гоҳ, на ... на |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| | |
|---|---|
| **Тасдиқӣ** | ҳа (ҳо), бале, оре, хуб, дуруст, рост, ҳамин тавр, ҳамту, албатта, майлаш, хайр |
| **Инкорӣ** | не, на, ҳаргиз |
| **Қувватдиҳанда** | -дия, -да, -е, -ку (-куя), охир |
| **Маҳдудӣ** | фақат, танҳо |
| **Ишоратӣ** | ана, мана, ҳо (ҳу, ҳӯ) |

Бо корбасти ҳиссачаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Магар, оё, наход, кӣ, -чӣ?, ҳо, бале, оре, хӯш, хайр, не, мана, -ку, дия.

Матнро хонед, ҷумлаҳои ҳиссачадорро аниқ созед ва нависед. Аз рӯйи тобиши маъно ҳиссачаҳоро ба хелҳо ҷудо кунед.

– Ба хаёлам, санъаткор буд.
– Санъаткор? Не-е, худаш гуфт-ку, ҳисобчӣ.
– Наход? – Ҳар ки бошад, хушбахт будааст.
– Эҳ, ман агар вай барин навохта метавонистам.
– Ба мӯйсафед чӣ гуфт, шунидӣ?
– Не... Дар ҳақиқат, думбурашинос будааст.
– Беҳуда нагуфтаанд: «Қадри зар заргар бидонад, қадри гавҳар, гавҳарӣ».
– Рости гап, агар овозашонро намешунидам, он думбураҳо ба ман асло маъқул намешуданд.

*Саттор Турсун*

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо кӯмаки бародар ва хоҳарони калонсол аз рӯйи расм ному насаби мутрибони шашмақомхонро нависед.

## МАВЗӮИ 56. «СОҚИНОМА» – ЯК НАМУДИ ШЕЪРУ СУРУД ВА РАҚС

«Соқинома» шохаи чаҳоруми силсилаҳои фаръии бахши овоз (Савт) аст. Ин жанри мусиқиро аз сабаби бо жанри шеърии «Соқинома» иҷро шудан ва услуби ба худ хос доштанаш «Соқинома» номидаанд. Соқиномаҳо дар силсилаи фаръии бахши овози Шашмақом, дар қисми 4-уми савтхонӣ ҷойгиранд: Соқиномаи Амали Рост, Соқиномаи Савти Сабо, Савти Насруллоҳӣ, Соқиномаи Савти Сарвиноз ва ғайра.

Матни «Соқиномаҳо» асосан порчаи маснавиҳои шоирон буда, ба шакли аа, бб, вв ... эҷод гардидаанд. «Соқинома»-ҳо дар чор



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мақоми «Шашмақом», «Бузург», «Рост», «Наво» ва «Дугоҳ» чун силсила ҷой гирифта, бо андозаи зарбу усули 4/4 иҷро мешаванд. «Соқиномаҳо» ҳар яке ҷиҳати хоси лаҳни оҳангнокӣ дошта, «Соқиномаи савти Ушшоқ» дар созӣ (тоналност) диездор ва се «Савти Калон» бо сози бемолдор иҷро мегарданд. «Соқинома»-ҳо дар мақомҳои панҷуму шашуми «Шашмақом –«Сегоҳ» ва «Ироқ» амал надоранд. Баъзан барои «Соқинома» аз ғазалҳои пурра низ истифода менамоянд.

«Соқинома» жанри адабиву мусиқӣ буда, баҳру усули маъмул дар шеър ва мусиқии ҳирфавии тоҷик аст. Дар адабиёт як навъи шеърист дар шакли маснавӣ ва авзони шеъриаш дар баҳри мутақориби мусаммани маҳзуф аст. Мазмуни иддаи зиёди соқиномаҳои классикони адабиёти мо, аз ҷумла Низоми Ганҷавӣ, Носири Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигаронро эҳсоси хурсандӣ, шодкомиҳои зиндагӣ, васфи манзараҳои дилфиреби табиат ташкил медиҳанд. Услуби хоси иншои «Соқинома» дар он аст, ки шоир ҳангоми тасвири базм, бо навбат ба муғаннӣ (мутриб) ва соқӣ барои гарм намудани базм муроҷиат мекунад:

Биё соқӣ он май нишон деҳ маро,
Аз он доруи беҳушон деҳ маро.

*Низоми Ганҷавӣ*

Муғаннӣ, куҷоӣ, ба гулбонги руд,
Ба ёд овар он хусравонӣ суруд...

*Ҳофизи Шерозӣ*

Биё соқиё фикри он бода кун,
Ки дилро даме аз ҳиял сода кун.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дар Шашмақом Соқиномаҳо дар силсилаи фаръии бахши овоз ҷой гирифта, баъд аз Фурӯғ меоянд. Оҳанги Талқинчаву Фурӯғ дар шакли асосӣ ва авҷу намудҳояшон боқӣ мемонанд, вале руҳияи Соқинома, зарбу андозаи оҳанг тағйир ёфта, мусиқии нави рақсӣ ба вуҷуд меояд.

Дар ташаккули «Дувоздаҳмақом» ва «Шашмақом» мавқеи намудҳои дигари мусиқӣ – Пешрав, Амал (Кор), Нақш, Байт, Ғазал калон аст.

Аз сохтор ва номи суруду оҳангҳои Шашмақом мебинем, ки анвои назми классикии тарона, соқинома, мустазод, мухаммас вориди он гардидаанд. Мустазод (арабӣ) намунаи машҳури жанри адабӣ ва боби махсус дар Шашмақом буда, ба тоҷикӣ «дарозшуда», «зиёдшуда» мебошад. Шакли шеърии Мустазод аз



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мисраҳои дарозу кӯтоҳи паиҳамоянда иборат аст, яъне ба мисраи асосӣ порчаи иловагӣ ҳамроҳ карда мешавад, ки аксар вақт бо он ҳамвазну ҳамқофия аст. Жанри мусиқии Мустазодҳо, ки бо мадкашии оҳанг иҷро мегарданд, дар Шашмақом мавқеи хоси композитсионӣ доранд. Оҳанги Мустазодҳо 4 тақтро ташкил медиҳанд, ки такрори бахши охири 8 тақти асосӣ мебошанд ва дар илми мусиқӣ инро «тарҷеи оҳанг» меноманд.

Дар шакли имрӯзаи Шашмақом танҳо ду намуд – Мустазоди Наво (Наво) ва Мустазоди Рок (Бузург) боқист.

Як қатор суруду шӯъбаҳои мустақили мақомҳо – Сарахбор, Талқин, Савт, Наср, Чапандоз, Наврӯзи сабо, Наврӯзи хоро, Синахурӯш, Бебокча тӯли садсолаҳо, дар пайвандӣ бо шаклу маънии жанри ғазал ташаккул ёфтаанд.

«Соқинома» рақси классикӣ буда, таҳти суруд оромона ва бо ҳаракатҳои дастҳо иҷро мегардад. Дар «Соқинома» ҷанбаи хониш зиёдтар буда, рақс дар он фақат замина аст. Дар рақс лаҳзаҳои дар як ҷо истодан, ҳаракатҳои зебои маҳин ва имову ишораҳои таъсирнок, тобишҳои ҳолат ва эҳсос иҷро мешаванд. Раққоса дар ин рақс куртаи сабуки шоҳӣ, тоқии зардӯзӣ ва пойҷомаи шерозаш силсиладор мепӯшад.

*Аз «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик»*

Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед. «Соқинома» яке аз намудҳои шеъру суруд ва рақс буданашро бо гуфтаҳои хеш собит намоед.

Порчаҳои шеърии чун шоҳбайти «Соқинома» корбастшударо мазмунан шарҳ диҳед.

**МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД**

## ҲИССАЧАҲОИ САВОЛӢ ВА ТАЪКИДӢ

Ҳиссачаҳои саволӣ инҳоанд: **-мӣ, -чӣ, -а, магар, наход, наход ки, на ин ки, оё.** Ҳиссачаҳои **магар** ва **оё** хусусияти китобӣ дошта, дар адабиёти пешин истифода шудаанд. Ҳиссачаҳои дигари саволӣ дар нутқи шифоҳӣ ва порчаҳои муколамавии адабиёти бадеӣ истифода шудаанд. Ин ҳиссачаҳо бар иловаи ифодаи савол тобишҳои гуногуни эҳсосӣ (ҳайрат, тааҷҷуб, норизоӣ) ва ғайраро ифода мекунанд. Масалан: **Магар** шумо ҳам то ҳол ношито накарда будед? **Оё** аз ин кор ҳеҷ кас бохабар нест?

Ҳиссачаҳои **оё, магар** асосан дар аввали ҷумла меоянд. Ҳиссачаҳои **-чӣ, -а** дар аввал, миёна ва дар охир меоянд: А, ин кист-а? **Чӣ,** хунук хӯрдӣ?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳиссачаҳои таъкидӣ инҳоанд: **ҳатто, ҳатто ҳам**. 1. Ҷанговар **ҳатто** аз танки душман наҳаросид. 2. Ба ӯ нигоҳе **ҳам** накардаам. 3. Аҳмад **ҳатто** хайрухуш накард. 4. Хандаи ҷавон боз **ҳам** баланд гардид.

Ҷумлаҳоро аввал возеҳ хонед ва баъд нависед. Гӯед, ки дар онҳо ҳиссачаҳо чӣ тобиши маъноиро ифода мекунанд?

1. Магар хислати одами нек ҳамин хел мешавад? 2. Оё аз пагоҳ сар карда ба кор даромада метавонем? 3. Ҳамин вақт ба кӯча баромада, як давр зада оем-чӣ? 4. Чӣ, магар вай худро аз касе пинҳон кардан мехоҳад?

Бо корбасти ҳиссачаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

-мӣ, -чӣ, -а, магар, наход, наход ки, на ин ки, оё, ҳатто, ҳатто ҳам.

## МАВЗӮИ 57. «РОСТ» – МАҚОМИ ДУЮМ АЗ СИЛСИЛАИ «ШАШМАҚОМ»

«Рост» мақоми дуюм аз силсилаи «Шашмақом» аст. Дар силсилаи «Дувоздаҳмақом» мақоми аввал ҳисоб мешуд. Дар чанде аз рисолаҳои қадим (масалан, дар «Рисолаи мусиқӣ»-и Дарвешалии Чангӣ мақоми «Рост» чун «Уммуладвор») тавсиф ёфтааст.

Абӯалӣ ибни Сино дар асари машҳури худ «Ҷавомеъ-ул-илм-ил-мусиқӣ» мақоми «Рост»-ро тавсиф карда, бо таносуби математики қаторӣ овозҳои онро пурра муайян сохтааст. Ибни Сино ин ҷо тарҷумаи арабии «Рост»-ро («Мустақим 2) истифода кардааст.

Истилоҳи «Рост» дар мусиқии класикии арабӣ («Расд») ва озорбойҷонӣ низ маъмул аст. Дар «Шашмақом» «Рост» чун мақоми дуюми силсила ҷой гирифтааст ва аз ҷиҳати сохту соз анъанавист. Қатори овозҳои ин мақом аз нотаи до-и октаван якум то нотаи до-и октаван дуюмро дар бар мегирад.

Мақоми «Рост» аз «мушкилот» ва ду гурӯҳи шӯъбаҳо иборат аст ва бештар бо шӯъбаи «Ушшоқ» пайванд шудааст. Аз ин сабаб дар аксар порчаҳои мақоми «Рост» номи «Ушшоқ» низ ҳамроҳ аст. Масалан, «Мухаммаси Ушшоқ», «Талқини Ушшоқ», «Насри Ушшоқ», «Уфари Ушшоқ», «Савти Ушшоқ» ва ғайра.

Дар силсилаи «Дувоздаҳмақом» – «Ушшоқ» мустақил ба шумор рафта, аз ду шӯъба ва 11 нағма иборат аст. Ба шӯъбаи мақоми «Рост» табдил ёфтани «Ушшоқ» хоси анъанаи «Шашмақом» аст, ки ҳар мақоми он мақоми дуюмро чун шӯъбаи худ таълиф карда-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

аст (масалан, дар «Бузург» – «Ироқ» дар «Наво» – «Баёт», дар «Дугоҳ» – «Чоргоҳ», дар «Сегоҳ» – «Ачам» ва ғайра.

Дарвешалӣ овардааст:

Чу бо «Ушшоқ» гардад «Рост» якдил,
Шавад «Гардония» з-ин ҳар ду ҳосил.

*Аз «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик»*

Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед. Матлаб ва сухани баёнгардидаро ёдрас намоед.

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### ҲИССАЧАҲОИ ТАСДИҚӢ ВА ИНКОРӢ

Ҳиссачаҳое, ки фикри пеш аз худ гуфташударо тасдиқ ва розигии гӯяндаро ифода мекунанд: **ҳа (ҳо), бале, оре, хуб, дуруст, рост, ҳамин тавр, ҳам ту, албатта, майлаш, хайр.**

– Имрӯз пагоҳӣ бачаҳоро хабар кунед, маҷлис мекунем.

– **Хайр, майлаш,** – гуфт муаллим аз ҷо бархоста.

– Бибӣ, аз дилатон ғазал бароварда истодаед-мӣ? – **Ҳа...**

Ҳиссачаҳои инкорӣ инҳоанд: **не, на.** Ҳиссачаҳои инкорӣ воситаи асосии ташкили ҷумлаҳои инкорӣ (манфӣ) мебошанд.

– Магар ту хоҳари ин ҷавон мешавӣ?

– **Не!** –гуфт Гулнор.

– Хоҳарзодаи ин ё бародарзодааш ҳастӣ? – **Не!**

Ҳиссачаҳои тасдиқӣ ва инкории зеринро байни гурӯҳҳо тақсим намуда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

ҳа (ҳо), бале, оре, хуб, дуруст, рост, ҳамин тавр, ҳам ту, албатта, майлаш, хайр, не, на.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Аз рӯйи расм матн тартиб диҳед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАВЗӮИ 58. РАҚСҲОИ КЛАССИКИИ МИЛЛӢ

## Муноҷот



Рақси классикӣ, мисли як қисми ҳамноми «Шашмақом» буда, аз ҷиҳати оҳанг бо он наздик аст. Ин рақс таҳти навои танбӯр ва доира ё ансамбли асбобҳои халқии мусиқӣ бешитоб, хиромон бо ҳаракатҳои дастҳои зебои маҳин иҷро мегардад. Рақси «Муноҷот» аз 3 қисм иборат буда, қисми аввал бо суръати суст, қисми дуюм тез ва қисми сеюм боз суст навохта мешавад. Рақс дар тӯю маъракаҳои оилавӣ, идҳои халқӣ, гаштакҳо, базмҳо аз тарафи занҳо ва мардҳо иҷро мегардад.

## Мавригӣ

Силсилаи рақсҳо, ки пайиҳам таҳти сурудҳои фолклорию ғазалҳои классикӣ иҷро мешаванд. Рақс дар он бо ҳаракати «тоби қарсаки даст» сар мешавад. Рақс таҳти навои доира ва суруд иҷро мегардад. Раққоса ҳаракатҳоро гоҳе дар як тараф ва гоҳе дар тарафи дигар иҷро намуда, оҳиста-оҳиста пеш, сипас қафо меравад, чарх зада менишинад ва ғайра.



## Қайроқбозӣ



Иҷрокунанда дар ҳар дасташ ду қайроқ (сангҳои сабуки ҳамвору борики дароз) дошта, онҳоро бо зарби мусиқӣ ё доира баробар садо мебарорад. Дар ин рақс се суруд: «Ҳоли оrази рухсор», «Ёр, дилбарам шумоед», «Шӯхи дилором» иҷро мешавад. Дар ин рақс иҷрокунанда ҳаракатҳои гуногуни рақси тоҷикӣ: чархзанӣ, «чархи дурӯя», «ҷилваи якрӯя», «шох» ва ғайраро истифода мебарад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## Қошуқбозӣ

Иҷрокунанда дар ҳар дасташ ду қошуқи чӯбиро, бо ангуштҳои даст пушт ба пушт гузошта, нигоҳ медорад. Қошуқҳо дар ин рақс на танҳо вазифаи шақшақаи чӯбинро иҷро менамоянд, балки садои зарбу усули муайянро ба вуҷуд меоранд. Раққос, ҳамеша қошуқ зада истода тахти зарби онҳо чарх мезанад, гоҳ хам шуда ҳаракатҳои мавзунро иҷро мекунад, гоҳ дар саҳна, гӯё, худро ороиш медиҳад.

Матнҳоро дар алоҳидагӣ пай дар пай хонед. Доир ба рақсҳои классикии миллӣ он чизе, ки медонед, гӯед.

### МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### ҲИССАЧАҲОИ ҚУВВАТДИҲАНДА ВА МАҲДУДӢ

Ҳиссачаҳое, ки ба гуфтор тобишҳои эмотсионалӣ дода, ҷиҳатҳои ҳиссии нутқро таъкид менамоянд ва ифодаро қувватнок мегардонанд: **-дия. -да, -е, -ку (-куя); охир.** Ин ҳиссачаҳо бо ёрии интонатсия ба тобишҳои маъноӣ далолат мекунанд. Ҳиссачаҳои гурӯҳи аввал дар охири калимаю ҷумла, ҳиссачаи охир ҳам дар аввалу ҳам дар охири ҷумла омада метавонад: Гапат ҳақ-**куя,** писарам. **О,** ба як ҷо шин, охир!

Ҳиссачаҳое, ки ба амалу ҳолати тасвир маънои маҳдудӣ дода, маънои калима, ибора ё ҷумларо пурқувват мекунанд: **фақат, танҳо.** Ӯ **фақат** аз машинаҳо домангир буду халос. Танҳо ба модарат гӯй.

Ба ҷойи нуқтаҳо ҳиссачаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. ... ӯ дар хона монда буд.
2. Ман намеравам, гуфтам ... !
3. Имрӯз ба саёҳат мерафтем ... .
4. ... Қосим дар ин байн наменамуд.
5. Дар вақти ҳарфчинӣ ӯ ... як ҳарфро ҳам партофта намеравад.
6. ... он манзараҳои зебо.

**Ҳиссачаҳо барои истифода:** (-ку, мана, ҳатто, -дия, фақат, танҳо).

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Аз рӯйи расм матн тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 59. МАДАНИЯТИ ЛИБОСПӮШӢ ВА РИОЯИ ТАРТИБОТИ ОН ДАР ЗИНДАГИИ РӮЗМАРРА

Дар вақти мушоҳида намудани либоси нави якдигар «муборак шавад», «насиб кунад», «ба қаду қомататон зебидааст» – мегӯянд. Он шахс бошад, «ташаккур ба диққататон» гуфта, хурсандона ҷавоб мегардонад.

Либоси миллии ҳар халқ ганҷинаи гаронбаҳои маданияти умумиҷаҳонист. Маҳз бо таъсиру ҷиҳатҳои пешқадами либосҳои миллӣ шакли нави либосҳое баромада, хусусияти умумӣ – байналмилалиро гирифтаанд. Ба монанди костюму шим, палтову боронӣ, мӯзаю туфлӣ, куртаю майка ва ғайра.

Либосҳои мазкур дар зери таъсири завқи эстетикии фабрикаҳои бофандагӣ, дӯзандагӣ ва муносибатҳои маданию иқтисодии мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон рӯз ба рӯз такмилу тағйир ёфта, вобаста ба талаботи умумиинсонӣ дар байни миллат ва халқҳои гуногун паҳн гардида истодаанд. Дар навбати худ комёбиҳои нав ба нави санъати бофандагию дӯзандагӣ ба шаклу дӯхти либосҳои миллӣ, тағйирёбию ташкилёбии он ёрии калон расонида истодааст.

Баъзе либосҳое, ки ба талаботи иқтисодӣ, корӣ, техникаи ҳозира ҷавоб дода наметавонанд, хоҳу ноҳоҳ аз байн меравaнд ё эҳтиёҷ ба дигаргунсозӣ доранд. Бар ивази онҳо либосҳои ба шароити нав мутобиқ ба вуҷуд меоянд.

Либосро дар баробари тоза нигоҳ доштан боз дарзмол намудан зарур аст. Дарзмол на фақат либосро зебову хушнамуд менамояд, балки аз микробу бактерияҳои сирояткунанда тоза мекунад.

Дар табиат ҳамеша мутобиқати ранг зебоиро афзуну дилчасп менамояд. Дар вақти бо ҳам мутобиқат намудани ранги пӯсту либос ҳусни инсон зеботар мегардад. Бояд ҳар як фард ранги ба худаш муносибу дилкашашро донад. Ҳатто ранги либос бояд ба синну сол, ба талаботи фаъолияти меҳнатӣ, ба талаботи ҷамъиятӣ, замона муносибу мувофиқ бошад ва сабаби маломату монеаи кор нагардад.

Матнро хонед, мазмунашро баён намоед. Бо назардошти мазмун саволҳо тартиб диҳед.

### МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### ҲИССАЧАҲОИ ИШОРАТӢ, МОДАЛӢ-ИРОДАВӢ

Ҳиссачаҳое, ки ба предмети номбаршуда, амалу ҳолатҳо ё ҳаракату муносибатҳо ишорат мекунанд: – Хонаат куҷо? – **ҳо ана,** – гӯён занак бо сараш як хонаи бомаш хаспӯши дар он тарафи кӯча бударо нишон дод. Ҳиссачаҳои ишоратӣ нисбатан каманд: **ана, мана, ҳо (ҳу, ҳӯ), ана**.

Ҳиссачаҳое, ки ба иҷрои амал водор намудан (**Канӣ,** гап зан), даъват, хоҳиш, илтимос (**Биёед**, ин гапҳоро ба як сӯ монем) ва раво будан, розигӣ додан ва ғайра (**Бигузор**, худаш бо чашмонаш бинад)-ро мефаҳмонанд. Ба ин вазифа ҳиссачаҳои **канӣ, биё, мон, бигзор, биё мон** кор фармуда мешаванд.

Ҳиссачаҳои **раваду, рафту, хезаду, кошки, илоҳо (илоҳӣ), мабодо, эҳтимол, бояд, шояд, аз афташ, бешубҳа, ҳатман, даркор, гӯё** ва мисли инҳо хусусиятҳои нисбатан мустақил дошта, дар матн маҳз барои тобишҳои субъективонаи фикр далолат мекунанд: **Мабодо** ба нафсашон нарасад гуфта андеша мекунам-дия. – **Раваду** ин одам ба мо некӣ карданӣ бошад?

Ҳиссачаҳои ишоратӣ ва модалӣ-иродавии зеринро байни гурӯҳҳо тақсим намуда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Ана, мана, ҳо (ҳу, ҳӯ), ана. канӣ, биё, мон, бигзор, раваду, рафту, хезаду, кошки, илоҳо (илоҳӣ), мабодо, эҳтимол, бояд, шояд, аз афташ, бешубҳа, ҳатман, даркор, гӯё.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо интихоби сарлавҳа доир ба одоби либоспӯшӣ матн тартиб диҳед.

## МАВЗӮИ 60. СОХТУ ТАРКИБ ВА ИМЛОИ ҲИССАЧА

### МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### СОХТУ ТАРКИБИ ҲИССАЧАҲО

Ҳиссачаҳо аз ҷиҳати сохту таркиб ба содда ва таркибӣ ҷудо мешаванд. Ҳиссачаҳои аслии **бале, наход, оё, магар, ҳатто, фақат, танҳо -ку, -а, ҳам, чи… чи, на…на** ва амсоли онҳо **содда** мебошанд.

Ҳиссачаҳое, ки аз ду ва ё зиёда калимаҳо ташкил ёфтаанд, **таркибӣ** мебошанд: **ҳатто ки, наход ки, аз афташ, ана ҳамин, майлаш-куя, гӯё ки, ҳо ана…**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҷумлаҳоро нависед, ба зери ҳиссачаҳо хат кашида, дар болояшон сохти онҳоро бо сабти содда ё таркибӣ зикр кунед.

1. Аз байни қуттии набот ана ин хат ёфт шуд. Ҳатто об набуд. 3. Ман ба тарафи ӯ нигоҳе ҳам накардаам. 4. Ҳа, иморатҳои наву азими имрӯза тамошобобанд. 5. На ин ки ҳамин ҳавои на он қадар сард ба пойи одам таъсир кунад. 6. Наход ки шумо аз ин ҳодиса хабар надоред.

Ба ҷойи нуқтаҳо аз ҳиссачаҳои дар қавс додашуда мувофиқашро гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1... . фаромӯш кардӣ?– тааҷҷуб кард Ҳалим.
2. – Ман ҳозир ... ҳамин касро нигоҳ дошта гапзанон мекунам.
3. Хонаводаи Хайрӣ ... замин дошт, ... боғ ва ... чорпо.
4... . дар мактаби нав бача дар ҳафт моҳ саводашро мебаровардааст-ку!
5... ., ман ҳаргиз ба Шоён нахоҳам рафт.

*Сотим Улуғзода*

**Ҳиссачаҳо барои истифода:** (не, охир, на... на, ана, магар).

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### ИМЛОИ ҲИССАЧА

Ҷузъҳои ҳиссача ва калимаҳои рехтаи навъи зер якҷоя навишта мешаванд: **кошки, бигузор (бигзор), мабодо** ва ғайра.

**Ҷудо навишта мешаванд:**

– ҳиссачаҳои **ҳа (ҳо), оре, бале, на, на .... на, чи .... чи, не, фақат, танҳо, гӯё, магар, ҳатто, ҳаргиз, асло, оё, ҳам, низ** аз калимаҳои дигар: На омадед ва на пайғом фиристодед. Ин гапро танҳо (фақат) як кас медонист. Ҳатто баъд аз ҷаласа баҳс идома дошт. Оё (магар) ин кор барои Шумо душвор нест? Меҳмон ҳам (низ) бо мо меравад. Ҳаргиз ба роҳи бад наравед. Ӯро асло надидаам ва ғайра;

– ҳиссачаҳои таркибии **биё мон, гӯё ки, шояд ки, равад ки, на фақат, на танҳо** ва ғайра.

Ҳиссачаҳои **-чӣ, -ку, -а** пас аз калима бо нимтире навишта мешаванд: равем-чӣ, баргардем-чӣ, рафтед-ку, нагуфтед-ку, наовардед-а ва ғайра.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ САРФИИ ҲИССАЧА

| **Нақшаи таҳлил:** |
| --- |
| 1. Кадом калима ҳиссача аст.<br>2. Хели ҳиссача: саволӣ, таъкидӣ, тасдиқӣ, инкорӣ, қувватдиҳанда, маҳдудӣ, ишоратӣ.<br>3. Аз ҷиҳати сохт: содда, таркибӣ. |
| **Мисол.** Дар хона **танҳо** хешовандон монданд. |
| **Намунаи таҳлил:** |
| **Танҳо** ҳиссача аст, тобиши маҳдудӣ дорад, аз ин ҷиҳат он ҳиссачаи маҳдудӣ мебошад, аъзои ҷумла намешавад (ҳиссаи ёвари нутқ), аз ҷиҳати сохт содда. |

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Ҳиссачаҳои таркиби ҷумлаҳоро таҳлили сарфӣ кунед.

Гуфтед-**мӣ**? Гуфтед-**а**? Гуфтед-**чӣ**? **Оё** гуфтед? **Магар** гуфтед? **На ин ки** гуфта бошед? **Наход** гуфта бошед?

Шараф ба ӯ **ҳатто** нигоҳ намекард. Ба вай чӣ гуфтанамро **низ** медонам.

## МАВЗӮИ 61. ТАКРОРӢ

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

### ГУРӮҲИ 1.

1. Ҳиссача чист?
2. Ҳиссача ба чӣ гуна навъҳо ҷудо мешавад?
3. Ҳиссачаҳои содда аз чӣ гуна ҳарфҳои садонок таркиб меёбанд?
4. Ҳиссачаҳо то чӣ дараҷа ба нутқ таъсир мерасонанд?
5. Дар бораи сохти ҳиссачаҳо маълумот диҳед.

### ГУРӮҲИ 2.

1. Гурӯҳҳои ҳиссачаҳоро номбар кунед.
2. Ҳиссачаҳо чӣ гуна тобишҳоро ифода мекунанд?
3. Чаро ҳиссачаҳо ҳиссаҳои ёвари нутқанд?
4. Дар ҷумла ё матн ҳиссачаҳо кадом вазифаро адо мекунанд?
5. Ҳиссачаҳо аз пайвандакҳо чӣ фарқ доранд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ГУРӮҲИ 3.

1. Ҳиссачаҳо ба чанд навъ ҷудо мешаванд?
2. Аз ҷиҳати сохт ҳиссачаҳо чанд хел мешаванд?
3. Кадом ҳиссача бо дефис навишта мешавад?
4. Ҳиссачаҳои содда кадомҳоянд? Онҳоро номбар кунед.
5. **Ҳиссачаи инкории** на боз дар кадом шакл меояд?

## ТЕСТ

## ГУРӮҲИ 1.

1. Ҳиссачаҳои таркибӣ одатан аз чанд калима ба вуҷуд меоянд?

а) аз ду, се калима б) аз се, чор калима
в) аз як калима г) аз чор, панҷ калима

2. Ҳиссачае, ки ба предмети номбаршуда, амалу ҳолатҳо, ҳаракату муносибатҳо ишорат мекунанд, чӣ ном доранд?

а) ҳиссачаи тасдиқӣ б) ҳиссачаи маҳдудӣ
в) ҳиссачаи саволӣ г) ҳиссачаи ишорӣ

3. Калимаҳои ёридиҳандаи ба ҷумла, аъзоҳои ҷудогонаи он тобишҳои иловагии маъноӣ, ё худ ифодаҳои эмотсионалӣ диҳанда, чӣ ном дорад?

а) нидо б) пайвандак в) ҳиссача г) пешоянд

4. Ҳиссачаҳо аз кадом ҷиҳат ба хелҳои ҳиссачаҳои шаклсоз, ишоратӣ, маҳдудӣ, таъкидӣ, таъинӣ, саволӣ, тасдиқӣ, инкорӣ тақсим мешавад?

а) аз ҷиҳати маъно ва вазифа б) аз ҷиҳати сохт
в) аз ҷиҳати таркиб г) аз ҷиҳати эҳсоси эмотсионалӣ

## ГУРӮҲИ 2.

1. Ҳиссачаҳо аз рӯйи имконияти наҳвӣ ба чӣ гуна гурӯҳҳо тақсим мешаванд?

а) ноустувор, устувор б) содда, сохта, таркибӣ
в) мӯътадил, муштарак г) озод, нимозод, устувор

2. Кадоме аз онҳо ҳиссачаҳои озод ба шумор меравад?

а) -ку б) чӣ в) магар, охир г) канӣ

3. Чӣ гуна ҳиссачаҳо ҳамеша пеш аз калимаи вобастакунандаи худ ё баъди аз он воқеъ мешаванд?

а) ҳиссачаҳои устувор б) ҳиссачаҳои озод
в) ҳиссачаҳои нимозод г) китобӣ

4. Ҳиссачаҳои устувори пеш аз калима ва ибораҳои вобастакунанда оянда, чӣ ном дорад?

а) ванд б) пасмавқеъ в) миёнванд г) пешмавқеъ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

5. Ҳиссачаҳое, ки бо гуфтор тобишҳои эмотсионалӣ дода, ҷиҳатҳои ҳиссаи нутқро таъкид менамоянд ва ифодаро пурқувват мегардонанд, чӣ ном дорад?
а) ҳиссачаҳои эҳсосӣ ( қувватдиҳанда)
б) ҳиссачаҳои таъкидӣ
в) ҳиссачаҳои тасдиқӣ
г) ҳиссачаҳои инкорӣ

### ГУРӮҲИ 3.

1. Ҳиссачаҳои устувори баъди калима ва ибораҳои вобастакунанда воқеъ гардида, чӣ ном дорад?

а) пасмавқеъ
б) пешмавқеъ
в) бемавқеъ
г) бамавқеъ

2. Ҳиссачаҳо аз рӯйи имкониятҳои наҳвӣ ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд?

а) ба ду гурӯҳ
б) ба се гурӯҳ
в) ба се чор гурӯҳ
г ) ба ҳеҷ гуна гурӯҳ

3. Ҳиссачаҳо аз ҷиҳати услубӣ ба чӣ гуна гурӯҳҳо тақсим мешаванд?

а) мӯътадил (умумиистеъмолӣ), китобӣ, гуфтугӯӣ
б) озод, нимозод, устувор
в) содда, таркибӣ
г) қадима, нав

4. Ҳиссачаҳои тасдиқии аслӣ дар кадом банд навишта шудааст?

а) оё, магар
б) худ, хун, хеш, хайр
в) воқеан, дар воқеъ
г) ҳа, ҳо, бале

5. Ҳиссачаҳои **- мӣ, -ку, -дия,-а, чӣ** бо гузоштани кадом аломат навишта мешаванд?

а) бо гузоштани аломати дефис
б) бо гузоштани аломати нуқта
в) бо гузоштани аломати ду нуқта
г) бе гузоштани ҳеҷ гуна аломатҳо

## НАТИҶАГИРӢ АЗ МАВЗӮИ ҲИССАЧА

### ГУРӮҲИ 1.

1. Ҳиссачаҳо барои таъкиду ифодаи тобишҳои гуногуни маъноии калима, ибора ва ҷумла хизмат мекунанд.
2. Ҳиссачаҳо маънои луғавӣ надоранд, вале ҳамчун воситаи лексикии ифодаи муносибатҳои субъектӣ бо ҳамроҳии воситаҳои грамматикӣ ва интонатсия кор фармуда мешаванд.
3. Ҳиссачаҳо аъзои мустақили ҷумла шуда наметавонанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ГУРӮҲИ 2.

1. Ҳиссачаҳо фақат ҳамчун калимаҳои ёридиҳанда ба ҷумла ва қисмҳои алоҳидаи он тобишҳои гуногуни модалӣ-маъноӣ дода, барои пурқувват шудани таъсири нутқ ёрӣ мерасонанд.

2. Ҳиссачаҳоро аз ҷиҳати ба калима, ибора ва ё ҷумла алоқаманд шуда омаданашон ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст.

3. Ҳиссачаҳои **ана, мана, ҳу (ҳӯ, ҳо), фақат, ҳатто, ҳам, боз,** ҳиссачаҳои саволии **-чӣ, -мӣ** ва ҳиссачаи инкории **не** дар нутқ ба калима ва ба ибораву ҷумла алоқаманд шуда омада метавонанд.

4. Ҳиссачаҳои **магар, наход, оё, на ин ки, мабодо, рафту, кошки, гӯё ки, илоҳӣ, канӣ, биё, мон, бигзор ва монанди инҳо бошанд, фақат** ба ҷумла алоқаманд шуда меоянд.

## ГУРӮҲИ 3.

1. Ҳиссачаҳо аз ҷиҳати сохт содда, сохта ва таркибӣ мешаванд.

2. Ҳиссачаҳои содда аз як калима иборат мебошанд.

3. Ҳиссачаҳои таркибӣ аз ду ва ё зиёда калимаҳо таркиб мейбанд.

4. Ҳиссачаҳои аслӣ ҳамон калимаҳое мебошанд, ки аслан ҳамчун ҳиссача вуҷуд доштанд.

Ба расм сарлавҳа интихоб кунед. Пас аз он бо корбасти ҳиссачаҳо матн тартиб диҳед.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ IX. КОМИЛҲУҚУҚИИ ИНСОН

## МАВЗӮИ 62. ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН




**Ҳуқуқҳои инсон** – маҷмӯи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои инсон мебошад, ки вазъи ҳуқуқии инсонро нисбат ба давлат, имконият ва талаботҳояшро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ муайян мекунад.

**Ҳуқуқҳои инсон** – ин қонунан таъмин намудани имконияти қонеъ гардонидани талабот ва манфиатҳои ҳаётии шаҳрвандон мебошад.

Инсон худро дар ҳамон маврид комилан дар ҷомеа озод ҳис карда метавонад, ки соҳиби ҳуқуқ ва озодиҳои кафолатнок бошад. Зарурати чунин ҳуқуқҳо ба монанди ҳуқуқ ба меҳнат, истироҳат, ҳифзи саломатӣ, таьмини иҷтимоӣ дар вақти пиронсолӣ ва чунин озодиҳо ба монанди озодии ҳуқуқи моликият, виҷдон, сухан, матбуот ва ғайра ба ҳама маълум аст.

Ҳар як инсоне, ки ба дунё меояд, дорои чунин хуқуқ ва озодиҳо буда ҳамаи онҳо дар назди қонун баробаранд. Ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз нажод, ранги пӯст, миллат, ҷинс, забон, баромади иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ, молумулкӣ, мансаб, ақида муносибат ба дин иштирок кардан ё накардан дар иттиҳоди ҷамъиятӣ ҷойи истиқомат ва ҳолатҳои дигар дорои ҳуқуқ ва озодиҳои баробар мебошанд. Дорои ҳуқуқ ва озодиҳои гуногун будани шаҳрвандон маънои онро надорад, ки ҳар як шахс чи тавре ки хоҳад, ҳамон тавр рафтор намояд. Баръакс баамалбарории ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии ҳар як шахс набояд ҳуқуқ ва озодиҳои дигаронро вайрон намояд, ба ҷомеа ва атрофиён зарар расонад.



Матнро хонед ва хулосаҳои матнқии хешро баён намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шинос шавед ва ба лавҳи хотир нигоҳ доред.

| | |
|---|---|
| **Ҳуқуқ** | Маҷмӯи меъёр, рафтор ва муносибатҳои ҷамъиятию иҷтимоии одамон, ки аз тарафи давлат муайян гардида ва муҳофизат карда мешаванд. |
| **Ҳуқуқшинос** | Мутахассиси соҳаи ҳуқуқ, ҳуқуқдон. |
| **Ҳуқуқшиносӣ** | Маҷмӯи илмҳо оид ба ҳуқуқ. |
| **Ҳуқуқдор** | Соҳибҳуқуқ, он ки ба коре қонунан ҳақ дорад. |
| **Ҳуқуқдорӣ** | Ҳуқуқ доштан, соҳибҳуқуқ буд. |
| **Ҳуқуқӣ** | Мансуб ба ҳуқуқ, оид ба ҳуқуқ, масъалаҳои ҳуқуқӣ. |

Бо корбасти калима ва ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Комилҳуқуқ, соҳибҳуқуқ, ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ҳуқуқҳои донишомӯзӣ, ҳуқуқи бачагон, ҳуқуқи модарон, ҳуқуқи падарон, баробарии ҳуқуқи марду зан, ҳуқуқи интихоботӣ, ҳуқуқ доштан, соҳибҳуқуқ будан, аз ҳуқуқ маҳрум кардан, аз ҳуқуқ маҳрум шудан.

## МЕДОНАМ, ДОНИСТАН МЕХОҲАМ

### ЧИРО?

| Тарзи навишт ва сохту таркиби калимаро | Тобиши маънои калимаро |
|---|---|
| **Ҳукм** | 1. Амр, фармон, фармоиш. |
| | 2. Қарор, қарори маҳкама, органҳои судӣ ва ғайра. |
| | 3. Қоида, қонун, чизи ба сифати қоида ва қонун фармуда. |
| **Ҳукумнома** | Қарори маҳкамаҳои судӣ. |

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

**НИДО**

Он ҳиссаи нутқ, ки ҳаяҷон ва ҳиссиёти гуногунро ифода мекунад, **нидо** номида мешавад.

**Мисол:** Ҳай-ҳай, ба хонаи як кас меҳмон шуда, моҷаро кардан ба чӣ маънӣ? Э, ҳамин вақт омадани онҳо!



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ФАРҚИ НИДО АЗ ҲИССАҲОИ МУСТАҚИЛМАЪНОИ НУТҚ

Фарқи нидо аз ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ дар он аст, ки нидоҳо вазифаи номинативӣ надошта, танҳо аломатҳои нутқ ба ҳисоб мераванд, ки барои ба тарзи кӯтоҳ, мӯъҷазу мухтасар ифода кардани муносибати гӯянда ба ҳақиқати реалӣ ё барои фаҳмонидани талаб, хоҳиш, амр, ҳасрат, хиҷолат, табрику таҳният ва ғайр ва хизмат мекунанд.

Нидоҳо дар вазифаи асосии худ ҳаргиз аъзои ҷумла намешаванд ва аз нуқтаи назари наҳвӣ бо аъзоҳои ҷумла алоқаманд нестанд.

## ФАРҚИ НИДО АЗ ҲИССАҲОИ ЁВАРИ НУТҚ

Фарқи нидо аз ҳиссаҳои ёвари нутқ (пешоянд, пайвандак, ҳиссача) дар он аст, ки нидоҳо муносибати маъноии байни калима ё ҷумлаҳоро нишон дода наметавонанд, барои ифодаи алоқаи байни калимаю ҷумлаҳо чун восита хизмат намекунанд, ба ҷумлаҳо тобишҳои маъноии иловагӣ ҳам намедиҳанд.

Аввалан ҷумлаҳоро бидуни калимаҳои бо ҳарфи сиёҳи баланд чопшуда ва баъд бо иловаи онҳо хонед ва гӯед, ки аз ҳам чӣ фарқ доранд.

1. – **Хайр**, галабон беадабӣ карда бошад ҳам, Шумо гузашт кунед, Мирзо.
2. **Бай-бай**, хайрият, ки ҳақиқат ошкор шуд!
3. **Ҳой**, Восеъ! Ин чӣ масхарагӣ аст, ки ин мардум мекунанд?! – бонг зад Ҳоҷӣ Яъқуб.
4. **Шод бошӣ**, додар, асло кам нашавӣ. Бо таронаат ба дилҳои мо қувват додӣ.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Ҷумлаҳоро нависед. Тобиши маъноии ҳар як ҷумларо вобаста ба калимаҳои бо сиёҳии баланд чопшуда шарҳ диҳед. Оё онҳоро бо якдигар иваз кардан мумкин аст?

1. **Афсӯс**, ин хона хеле хурд аст ва намешавад дар он панҷ миллиард суратакро ҷой дод.
2. **Оҳ**, ӯ ин лаҳза мехоҳад, ки парда биафтад. Вале тамошогарон дар сукути толори торик интизори ҳукми ӯ мешаванд.
3. **Дареғо**, бехабар аз хеш бозигаре мешудааст?
4. **Хайрият**, ки борону бод будааст, вагарна... Хеле вақт мешавад, ки ба театрҳо намеоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮИ 63. САЗОИ ХУБӢ

Чӯпоне мореро аз миёни буттаҳои оташ гирифта наҷот дод ва дар хурҷин гузошта, ба роҳ афтод.

Чанд қадам гузошта буд, ки мор аз хӯрҷин берун омаду гуфт:

– Ба гарданат бизанам ё ба лабат?

Чӯпон гуфт:

– Оё сазои хубӣ ин аст?

Мор гуфт:

– Сазои хубӣ бадӣ аст!...

Ва қарор шуд, то аз касе бипурсанд . Ба рӯбоҳе расиданду аз ӯ чораи корро пурсиданд.

Рӯбоҳ гуфт:

– Ман то сурати воқеаро набинам, наметавонам ҳукм кунам.

Баргаштаву морро даруни буттаҳои оташ андохтанд, мор ба истимдод баромад (мадад хост) ва рӯбоҳ гуфт:

– Бимон то расми хубӣ аз ҷаҳон барафканда нашавад.

На бояд мисли чӯпон хуби хуб буд.

На мисли мор бад буд.

Бояд мисли рӯбоҳ буд ва донист чӣ касе арзиши хубӣ кардан дорад.

Матнро хонед ва хулосаҳои матнқии хешро баён намоед.

### МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### НАВЪҲОИ НИДО. НИДОҲОИ ЭҲСОСОТӢ

Нидоҳо аз рӯйи маъно ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: **нидоҳои эҳсосотӣ** ва **барангезанда.**

**Нидоҳои эҳсосотӣ** ҳиссиёти гуногуни инсонро нисбат ба ҳодисаҳои ҳаёт ифода мекунанд. Онҳо на танҳо барои нишон додани ҳолати самимонаи гӯянда, балки барои ифодаи ҳар гуна эҳсосот хизмат мекунанд. Нидоҳои эҳсосотӣ аз ҷиҳати маъно ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) нидоҳои тааҷҷуб ва ҳайрат: **тавба, эҳа, аҷабо, ӯҳҳӯ, ҳмм** ва ғайра: – Тавба, – Шарофат ҳайрон шуд. – Ӯҳӯ, инҳо ба замини мо наздик шуда мондаанд-ку ... Ҳмм, одами хуб, коргар.

б) нидоҳои андӯҳ: **вой, оҳ, воҳ** ва ғайра: – Оҳ, – гуфт оҳистекак як пахтакаш.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

в) нидоҳои таассуф: **эҳтиёт, оббо, эҳе, эҳ, ҳай-ҳай, афсӯс** ва ғайра: Оббо, ҳолӣ-ку вақти рамаронӣ нашудааст ... – Афсӯс, – гуфт ӯ худ ба худ.

г) нидоҳои хурсандӣ, завқ, таҳсин: **о, эй, ҳай-ҳай** ва ғайра: – Эй, Шокиракем-ку, – гуфта фиристод. – Ҳай-ҳай, магар ин духтаракам Гулнор аст, бисёр нағз.

**Нидоҳои барангезанда (иродавӣ):** тобишҳои гуногуни амриро ифода карда, ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) нидоҳои даъват, мурочиат: **ӯй, ҳой, э, ало, эй, ӯ, аё, ой** ва ғайра.

б) нидоҳои амр: **ҷим, ором, хомӯш** ва ғайра. – Хомӯш, – бонг зад Саид Муродхӯҷа, – дар куҷо истодаӣ, бо киҳо гапзанон мекунӣ?

в) нидоҳои миннатдорӣ, табрик, видоъ: **хайр, боракалло, офарин** ва ғайра: Хайр, саломат бошед. Офарин, ёфтед. Нидоҳои такрор бо нимтире навишта мешаванд: бай-бай, ҳай-ҳай ва монанди инҳо.

Ҷумлаҳоро нависед ва тобишҳои маънои нидоҳоро шарҳ дода, ба навъҳо ҷудо кунед.

1. – Акнун, эй бародар, нигини Сулаймон мебояд, ки гавҳари мақсуд ба даст дарояд.

2. – Эй одамизод, хуш омадӣ! Машаққати ман бисёр кашидӣ. Ҳар ҷо ки дили ту мехоҳад, бинишин.

*Аз «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»*

3. – Воҳ, ин дӯсти ман, ин касест, ки маро аз марг халос карда-аст, – гуфт.

4. «Хайр, майлаш, намак пошидан гир», дар дил гуфт Қумрӣ.

5. – Не-не, – писарак сар тофт, – ман барои пул нагуфтаам.

6. – А-а-а, шайтонча, …як дам наистодӣ-а? Гурехтӣ-а, – пойи рост аз рикоб бароварда ва майли аз асп фаромадан карда гуфт Шокир.

Бо корбасти калима ва ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Ҳукумфармо, ҳукумнома, ҳукм баровардан, ҳукм кардан, фармон баровардан, фармонфармоӣ кардан, қонуну қоида баровардан, ба ҳукми касе даромадан.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МЕДОНАМ, ДОНИСТАН МЕХОҲАМ ЧИРО?

| Тарзи навишт ва сохту таркиби калимаро | Тобиши маънои калимаро |
|---|---|
| ҲУКМАТ | Мақоми олии иҷроия ва фармонбарорандаи ҳокимияти давлатӣ дар мамлакат. |
| | Идораҳое, ки ваколати идоракунии маъмурии маҳалҳоро доранд. |

Ҷумлаҳоро нависед ва ба имлои нидоҳо диққат кунед.

1. – Ӯҳҳӯ, ӯҳҳу, ӯҳҳӯ, – сурфа кард касе аз дарвозаи кӯча даромада.
2. «А-а-а»! – гӯён як қад парида оташин шуда рафт.
3. – Ҳа-а, – гуфт бо оҳанги таассуф Ҳомид. – Ҳоло давр – даври дирӯза мардуми урён.
4. – Ҳо-ой, истед! – гашта фарёд кард Анвар.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Нидоҳоро ба дафтар рӯбардор кунед ва пас аз он бо корбасти онҳо панҷтто ҷумла тартиб диҳед.

Э, о, е, и, эҳ, оҳ, уҳ, у, эй, ҳу, ҳе, уф, во, туф, (туфу), воҳ, ваҳ, вой, баҳ, аҳа, оҳо, оббо (ӯббо), эҳе, бай-бай, хӯше, анна, мана, ҳӣ-ҳӣ, ура.

## МАВЗӮИ 64. БЕМОР ВА МЕҲРИ МОДАР

Писаре дар болои кат бемор хобида буд. Фариштае омаду аз ӯ пурсид:

– Роҳи биҳиштро интихоб мекунӣ, ё роҳи умрро?

Писар гуфт:

– Биҳишт.

Фаришта гуфт:

– Ба сӯйи биҳишт се қадам бимон.

Писар қадами аввалро монд, садои гиря ба гӯшаш расид. Писар гуфт:

– Кистанд инҳо?

Фаришта гуфт:

– Хешовандонат ва дӯстонат, ки то чил рӯз туро аз ёдашон мебароранд. Писар қадами дуюмро монд, садои гиряи сахт ба гӯшаш расид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Писар пурсид:

– Ин кист?

Фаришта гуфт:

– Ин ҳамсарат аст, ки туро як сол азодорӣ мекунад, баъдан фаромӯшат мекунад.

Боз қадами сеюмро монда буд, ки садои талхи гиряе ба гӯшаш расид. Писар истоду гуфт:

– Ин садои дарднок, садои кист?

Фаришта гуфт:

– Садои модарат аст, ки то охири умраш туро фаромӯш намекунад, танҳо барои ту месӯзад.

Писар аз роҳаш гашт ва роҳи умрро интихоб карду гуфт:

– Намехоҳам пеш аз модарам биравам ва ӯро дар ғами худам адо кунам.

Модарон фариштаанд, ба қадрашон бирасед!

Матнро хонед ва фикратонро аз рӯйи нақшаи зерин баён намоед.

**Нақша:**

1. Хобидани писари бемор ва омадани фаришта ба назди ӯ.
2. Саволу ҷавоби писар ва фаришта.
3. Гузоштани қадами нахуст, дуюм ва сеюм ба сӯйи биҳишт.
4. Муносибати писар ва фаришта.
5. Сабаби баргаштани писар ба ҳаёт.




Бо интихоби сарлавҳа ва корбасти нидоҳо матн тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД

### СОХТУ ТАРКИБИ НИДО

Нидоҳо аз ҷиҳати таркиб содда (аслӣ), таркибӣ ва такрор мешаванд. Нидоҳои содда чунин таркиб доранд:
а) як садонок **э, а, и, о**;
б) садоноку ҳамсадо: **эҳ, ҳа, ҳе, ҳу**;
б) садоноку ҳамсадо ва садонок: **аҳа, эҳе, ӯҳа**;
в) садонок, ду ҳамсадо ва садонок: **оббо, уббо** …;
г) ҳамсадою ҳамсадо: **ҳм, мм** ва ғайраҳо.

Ба нидоҳои такрор **ҳой-ҳой, вой-вой, ту-ту** дохил мешаванд. Нидоҳои таркибӣ инҳоянд: **муборак бошад, қанд занед, ба ҳурмати нон** ва ғайраҳо.

Дар хотир бигиред, ки нидоҳои такрор бо нимтире навишта шуда, вобаста ба оҳанг пас аз онҳо вергул ё аломати хитоб гузошта мешавад.

Ҷумлаҳоро хонед ва пас аз он нидоҳоро муайян карда, аз ҷиҳати таркиб шарҳ диҳед.

1. Оҳ ... ту чӣ донӣ, ки ин дили ман, дили ғариби ман чӣ қадар барои ту гум мезанад. Не-е, ин чизро ту пай намебарӣ ...
2. Ҳайф, ки намедонад ва барои ҳамин ҳам дар бораи дигар чиз фикр мекунад.
3. – Ҳмм ... Рав, ба апа гӯй, ки оши туппа тайёр кунад.
4. – Ҳа-а, – яхи обкушода барин ҷунбид Додхоҳ ва сар афшонда ба гап даромад.
5. – Ҳайфи умрам ... – Ман намедонам, ки бачаи кӣ ҳастам, лекин хондан меравам!
6. Ҳум-ҳаҳ... Ҳум-ҳаҳ. Садои ба санг бархӯрдани путки Ёрмуҳамммад аз шахҳо шунида шуд.
7. – И, ту ба ҳамин хафа шудӣ.

*Сорбон*

Ҷумлаҳоро бо риояи оҳанг хонед ва ба таркиби (сохти) нидоҳо таваҷҷӯҳ кунед. Шарҳ диҳед, ки онҳо чӣ тобишҳои маъноиро ифода мекунанд.

1. Оббо, писараме, гӯр пирӣ шавад, қариб, ки намешиносам - а! - гуфт охир Юнусбобо, ҳаяҷони худро зер карда.
2. Ҳай, дареғ, сад, дареғ! Рӯзи озодиро, ки ба пеши чашмам омадааст, надида хоҳам сӯхт, васиятҳои Абдуллоҳоҷаро ба ҷо оварда нахоҳам тавонист.
3. Афсӯс ки, ҳақиқати ин воқеаро нафаҳмидам.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

4. Туф! Ин хонашеру майдонғариб аз кучо омадааст.

5. Ӯҳҳу-ӯҳҳу-ӯҳҳу, сабил монад, нон дар гулӯям дармонд, набошад ман чавоби ӯро дурусттар медодам.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Бо корбасти нидоҳои содда ва такрор ҷумлаҳо тартиб диҳед.

э, о, а, эҳ, ӯҳ, ҳа, ҳо, ҳе, оббо, ӯббо, ҳм, мм, чигӣ-чигӣ, пиш-пиш, сав-сав, ҳол-ҳол, вой-вой, ваҳ-ваҳ, баҳ-баҳ.

**Намуна:** Ҳой-**ҳой,** кишоварзон! Шуморо ба хайр? Охир инҳо моли манку!.. **Ҳа, баракалло**, шакар ба даҳонатон, ёфтед.

## МАВЗӮИ 65. ТАКРОРӢ

### ИМЛОИ НИДО

**Якҷоя навишта мешаванд:**

Нидоҳо ва калимаҳои модалии зерин: **дареғо, Илоҳо, Худоё, ҳайфо, раве, хезе, гурезе** ва ғайра.

**Ҷудо навишта мешаванд:**

Нидоҳои таркибии зерин: **сад дареғ!, сад афсӯс!, бисёр афсӯс!, сад ҳайф!, ҳазор тавба!, во дареғо!, ҳай дареғ!, э вой!** ва ғайра.

**Бо нимтире навишта мешаванд:**

Нидоҳои такрор: **бай-бай, баҳ-баҳ, вай-вай, ҳай-ҳай ва ғайра.**

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

**ГУРУҲИ 1.**

1. Нидо чист?
2. Дар бораи нидоҳои эмотсионалӣ маълумот диҳед.
3. Нидоҳои амриро номбар кунед.
4. Дар бораи сохти нидоҳо ва воситаи муҳими грамматикии он маълумот диҳед.

**ГУРУҲИ 2.**

1. Нидо ба вазифаи кадом аъзоҳои ҷумла меояд?
2. Чӣ гуна калимаҳо калимаҳои тақлидӣ ном доранд?
3. Нидо аз рӯйи маъно ба чӣ гуна навъҳо тақсим мешавад ва онҳо кадомҳоянд?
4. Ба нидоҳои эмотсионалӣ (ҳаяҷоннок) таъриф гуфта онҳоро номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**ГУРУҲИ 3.**

1. Ба нидоҳои амрӣ таъриф гуфта онҳоро номбар кунед.
2. Нидо ба кадом гурӯҳи ҳиссаҳои нутқ дохил мешавад?
3. Нидо аз ҳиссача ва дигар ҳиссаҳои нутқ чӣ фарқ дорад?
4. Нидоҳо ба оҳанги талаффуз чӣ робитае доранд?
5. Сохти нидоҳо чӣ гуна аст?

**ТЕСТ**

**ГУРУҲИ 1.**

1. Ҳиссаи нутқи ҳиссиёт ва ҳаяҷони гуногуни гӯянда, чӣ ном дорад?

а) пайвандак б) ҳиссача
в) нидо г) пешоянд

2. Кадоме аз онҳо нидо ба шумор меравандред?

а) вой!, ҳой!, ой!, оҳ!, эҳ! б) -ку, -дия, -мӣ
в) аммо, вале, лекин г) ва, -у, -ю, -ву

3. Фарқи нидо аз ҳиссачаҳои нутқ - пешоянд, пайвандак, ҳиссача дар чист?

а) нидоҳо муносибати маъногии байни калима ё ҷумлаҳоро нишон дода наметавонанд.

б) барои ифодаи алоқаи байни калимаю ҷумлаҳо чун восита хизмат намекунанд.

в) ба ҷумлаҳо тобишҳои маъногии иловагӣ намедиҳанд.

г) фарқи нидо дар тамоми бандҳо зикр гардидааст.

4. Нидоҳо аз ҷиҳати баромад чанд хел мешаванд?

а) чор хел б) се хел в) ду хел г) панҷ хел

**ГУРУҲИ 2.**

1. Чӣ гуна нидоҳо амр, фармон, огоҳкунӣ, даъват, мулоқот, хайру маъзур, шаку шубҳа, табрику таҳниятро ифода мекунад?

а) нидоҳои амрӣ (императивӣ) б) нидоҳои эмотсионалӣ
в) нидоҳои муштоқ г) нидоҳои сохта

2. Нидо гуфта чиро меноманд?

а) ҳиссаи номуносибати нутқе, ки ҳаяҷону ҳиссиёти гуногун ва изҳори иродаро ифода мекунад

б) ҳиссаи номуносибати нутқе, ки аъзоҳои чидаи ҷумла, ҷумлаҳои соддаи таркибӣ, ҷумлаҳои муракабро ба ҳам алоқаманд менамояд.

в) ҳиссаи номуносибати нутқе, ки амали ба предмет нигаронидашударо аз ягон ҷиҳат шарҳ медиҳад.

г) ҳиссаи номуносибати нутқе, ки дар ҷумлаҳои мураккаб ҳамчун воситаи алоқаи тобеъ корбаст мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

3. Аз кадом ҷиҳат нидоҳо ба гурӯҳи нидоҳои эмотсионалӣ ва амрӣ тақсим мешаванд?

а) аз ҷиҳати таркиб б) аз ҷиҳати вазифа
в) аз ҷиҳати маъно г) аз ҷиҳати сохт

4. Кадом аз нидоҳо маънои луғавӣ ва шаклҳои муқаррарии калимасозӣ надоранд?

а) нидоҳои амрӣ б) нидоҳои эҳсосӣ
в) нидоҳои пурэҳсос г) нидоҳои муштарак

**ГУРУҲИ 3.**

1. Нидо чиро бевосита муттаҳид месозад?

а) ҳиссёти ғайриҳаяҷонро б) ҳаяҷони ботиниро
в) имою ишораро г) ҳеч гуна ҳиссиётро

2. **Э, о, а,е, и, эҳ, оҳ, уҳ (еҳ), ай, ҳу, хе, уф, во, туф (туфу), воҳ (воҳ), вой, баҳ, аҳа, оҳо, оббо (еббо), эҳе, бай-бай, хеше, ҳӣ-ҳӣ** чӣ гуна нидоянд?

а) муассир б) эматсионалӣ в) императив г) экспрессивӣ

3. Кадоме аз онҳо нидоҳои эмотсионалии дуҳиҷоӣ?

а) бай-бай, воҳ(ваҳ) б) туф, баҳ, вай
в) оҳо, оббо, эхе г) уҳ (еҳ), ҳу, эҳ

4. Нидоҳои ҳа-ҳа-ҳа ва қаринаҳои он (ҳо- ҳо- ҳо, ҳи-ҳи-ҳӣ, ҳу-ҳу-ҳу, ҳе-ҳе-ҳе) дар нутқ чӣ гуна маъноҳоро ифода мекунад?

а) масхараву мазоқ, истеҳзову ханда
б) хурсандӣ, шодӣ, тааҷҷуб
в) маломат, сарзаниш, таъна
г) озор, алам, ранҷ

## НАТИҶАГИРӢ АЗ МАВЗӮИ НИДО

**ГУРӮҲИ 1.**

1. Нидо ҳиссаи нутқ, ки ҳаяҷон ва ҳиссиёти гуногунро ифода мекунад.
2. Интонатсия яке аз аломатҳои муҳимтармни маънои нидоҳост.
3. Нидоҳо аз рӯйи маъно ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: эмотсионалӣ ва амрӣ.
4. Нидоҳои эмотсионалӣ маънои луғавӣ, шаклҳои муқаррарии калимасозӣ надоранд; маънои онҳо ба воситаи интонатсияи гуногун ифода мегардад.
5. Маънои ин нидоҳо бештар ба воситаи интонатсия муайян карда мешавад.

**ГУРӮҲИ 2.**

1. Нидоҳои амрӣ аз нидоҳои эмотсионалӣ аз ҷиҳати маъно, аз рӯйи вазифаи худ ва гоҳо аз ҷиҳати сохт фарқ мекунанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

2. Нидоҳои амрӣ воситаи изҳори ирода мебошанд ва аз ин рӯ онҳо аз рӯйи маъно ба сиғаи амрии феъл наздиканд.

3. Муқаррар намудани сохти сарфии нидоҳо душвор аст, онҳо асосан чунин сохт доранд: садонок **(э, о, а)**; садоноку ҳамсадо **(эҳ, ӯҳ)**; ҳамсадою садонок **(ҳа, ҳо, ҳе)**; садоноку ду ҳамсадо ва садонок **(оббо, ӯббо)**; ҳамсадою ҳамсадо **(ҳм, мм)** ва монанди инҳо.

4. Бисёр нидоҳо ҳам шакли ягона ва ҳам шакли такрор доранд.

5. Нидоҳо ҳамчун калимаҳое, ки изҳори ирода ва таассуроти шахсро ифода менамоянд, ҷумлаҳои махсуси нидоиро ташкил карда метавонанд.

### ГУРӮҲИ 3.

1. Нидоҳои эмотсионалӣ, ки интонасияи бой доранд, маъноҳои зиёдеро ифода мекунанд ва дар мавриди мувофиқ ҷумлаи мустақилро ташкил менамоянд.

2. Хабари нидоӣ нисбат ба хабари феълӣ аз бобати таъсирнокӣ ифоданоктар аст.

3. Дараҷаи таъсирнокии хабари нидоӣ дар нутқи даҳонакӣ ба воситаи интонатсия, вале дар хат ба воситаи аломатҳои китобӣ ифода меёбад.

4. Хабарҳои нидоӣ аз рӯйи маъно ба хабарҳои номии сифатӣ ва исм монанд мебошанд.

5. Дар забони тоҷикӣ феълҳои таркибии номие, ки аз нидоҳо сохта шудаанд, зиёданд.

## ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ САРФИИ НИДО

| **Накшаи таҳлил:** |
|---|
| 1. Кадом калима нидо аст.<br>2. Хели нидо аз рӯйи маъно.<br>3. Навъи нидоҳои эҳсосотӣ ва барангезанда. |
| **Мисол. Хуб,** бисёр ғам махӯр. |
| **Намунаи таҳлил:** |
| **Хуб** нидо аст, тобиши тасдиқиро бо писанду маъқул дониста ифода мекунад. |

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Нидоҳои таркиби ҷумлаҳои зеринро таҳлили сарфӣ кунед.

1. **Вой!** Об ба ин тараф омада истодааст.
2. **Эҳ,** Салимабону, чӣ гӯям ба Шумо?
3. **Оҳ,** сарам дард мекунад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАВЗӮЙ 66. ДАР САНҶИДА ГУФТАН

Азизи ман, сухани андешанокарда чун зари носанҷида аст. Аввал бояд ки ба худ андеша бикунӣ ва накди ҳар фикреро бар миҳакки имтиҳон бизанӣ. Он чи аз хаёлот тамоми ёр афтад, онро ба зуҳур орӣ.

**Байт**

Сухан, к-он аз сари андеша н-ояд,
Навиштанрову гуфтанро нашояд.

Азизи ман, забони сулҳомез ба як нукта сад укдаи мушкилро ҳал намояд ва сухани шӯрангез ба як ишорат гардани гӯяндаро баста гардонад.

Чунон ки гуфтаанд:

Агар ба чашми хирад дар сухан нигоҳ кунӣ,
Бизоатест, ки ҳам суду ҳам зиён дорад.

*Аз «Дастур-ул-мулук»-и Самандархоҷаи Тирмизӣ*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

**МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ГӮШ КУНЕД**

### КАЛИМАҲОИ ТАҚЛИДӢ-ОВОЗӢ

Калимаҳои тақлидӣ маънои муайян, аломатҳои махсусӣ сарфӣ, наҳвӣ ва услубӣ доранд. Калимаҳои тақлидӣ нафақат тақлиди овози одамон, ҳайвонот, паррандагон, инчунин тақлиди садои бо ҳам расидани ду предмет, тақлиди овоз ва ҳаракати ҳодисаҳои табиат, тақлиди ҳодисаҳои овоздори узвҳои инсон ва ғайра мебошанд. Онҳо на фақат овоз, балки ҳаракат, равшанӣ, эмотсия ва ҳолати руҳиро низ инъикос менамоянд.

Онҳо ба вазифаи ҳамаи аъзоҳои ҷумла омада метавонанд.

Аксарияти калимаҳои тақлидӣ аз ҷиҳати хусусиятҳои грамматикиашон ба ҳиссаҳои нутқи мустақил бисёр наздиканд:

1. Ба воситаи пасванди **-ҳо** шакли ҷамъ месозанд: Ман чақ-чақи ӯро завқ карда мешунавидам.

2. Ба воситаи бандаки изофӣ ба таркиби ибора медароянд: гулдур-гулдури ҳаво, фаш-фаши паровоз, овози вақ-вақ ва ғайра.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо пешоянду пасоянд пайваст шуда метавонанд: Ба фурӯ рафтани офтоб ним соат монда аст, гулҳои сарбозон ғайр аз ғув-ғуви худ дигар чизеро намешунаванд. Додарам, ҷиринг-ҷирингро бас кунед.

## ИМЛОИ КАЛИМАҲОИ ТАҚЛИДӢ

Бо нимтире навишта мешаванд: тақ-тақи **дарвоза, шилдир-шилдири об, чак-чаки борон, тиқ-тиқи соат, милт-милти чароғ, ялт-ялти тилло, чир-чири малах, қар-қари зоғ, гулдур-гулдури раъду барқ** ва ғайра.

**Эзоҳ.** Ҳангоми бо пасванд навишта шудани ин гуна исмҳо нимтире гузошта намешавад: **фирфирак, шаршара, ғарғара ва ғайра.**




Бо интихоби сарлавҳа ва корбасти нидоҳо матн тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БОБИ X. ТАКРОРИ СОЛОНА

## МАВЗӮИ 67. ЗАБОНИ МОДАРӢ

Забони мо чу дарёи дамон аст,
Ба қаъраш гавҳари тобон ниҳон аст.
Забони тезу бурротар зи алмос
Силоҳи ҷовидони тоҷикон аст.
Забони қиссаҳои бостонӣ,
Насими «бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» аст.
Забони безаволи «Шоҳнома»,
Забони дар фасоҳат достон аст.
Забони хомаи фарҳанги Сино,
Забони шавкати Сомониён аст.
Навои андалеби табъи Ҳофиз,
Каломи Саъдии ширинзабон аст.
Шунав лафзи Камоли нуктадонро,
Ки софу тоза чун оби равон аст.
Забони модари дилбанди Дониш,
Забони Айнии мӯъҷизбаён аст.
Ҳазор оҳанги нотакрор дорад,
Забони «Шашмақом»-и ҷовидон аст...
Забон ояд ба кас бо шири модар,
Забони модарӣ ҳамсанги ҷон аст.

*Алӣ Бобоҷон*

Шеърро ифоданок хонед ва пас аз он мазмунашро нақл кунед.

Исмҳои хоси таркиби шеърро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Ибораҳои зеринро шарҳ диҳед ва бо кадом мақсад корбасту интихоб гардидаашонро хотиниршин намоед.
2. Дарёи дамон, гавҳари тобон, бурротар зи алмос, силоҳи ҷовидон, забони безавол, забони хомаи фарҳанг, навои андалеб, софу тоза чун оби равон.
3. Бандҳои шеърро байни гурӯҳҳо тақсим намуда, мусобиқаи шарҳи шеърро гузаронед.
4. Аз лавҳи хотир муродифоти калимаҳои зеринро нависед.
Дарё, фасоҳат, хома, фарҳанг, андалеб.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

5. Бо корбасти ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Забони гӯё, забони ширин, забони ноби тоҷикӣ, забон як кардан.

6. Шеъри **«Забони модарӣ»**-ро аз ёд кунед.

**КОРИ ЛОИҲАВӢ.** Доир ба ҳасби ҳол ва фаъолияти эҷодии яке аз адибон маълумот омода намоед.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибн Сино, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ.

## МАВЗӮИ 68. ҲАМРОҲ БА ГАРДИШ БАРОМАДЕМ

Ҳамроҳ ба гардиш баромадем. Гардиши мо зоҳиран ба саёҳати сайёҳони ҳақиқӣ шабоҳат дошт. Яъне, ҳар ду паҳлӯ ба паҳлӯ қадам мезадем. Аҳрор-амак ба ман кӯчаҳо, тангкӯчаҳо, ҳавлиҳои атрофро нишон дода, дар бораи таърихи ободии онҳо, доир ба касбу кор ва феълу хӯи бошандагони онҳо нақл мекард. Рӯз бегоҳ шуда бошад ҳам, офтоби моҳи август ҳаворо сахт тафсонида буд. Охир, ин ҳамон офтобе буд, ки аз тафси он маҳз дар ҳамин рӯзҳо харбузаву ангур шакар мебандад. Кӯраки пахта гӯшт гирифта, ба шукуфтан сар мекунад! Ман ҳар дам араќи сару рӯямро бо рӯймолча пок карда, мабодо Аҳрор-амаки коргар маро дар нозукбадании интеллигентӣ таъна кунад, гӯён баробараш бардам-бардам по мемондам. Ба монанди «ҳай-ҳай, аҷаб!» ҳар гуна нидоҳо баровarда, нишон доданӣ мешудам, ки ба ин саёҳат бисёр мароқ дорам, аз он басо хӯшам омадааст ва ҳатто хушбахтам.

*Аз қиссаи «Одамони кӯҳна»-и*
*Фазлиддин Муҳаммадиев*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Рост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,
Рост гӯ, рост шунав, рост нишин.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҷумлаҳоро нависед ва зарфҳои онро ёфта, саволҳо гузоред. Гӯед, ки ба кадом навъи зарфҳо мансубанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

1. Борон нарм-нарм ба рӯяш сила мезад, гили нам варақ-варақ аз нақши пояш мехест.

2. Деҳ чун ҳамеша барвақт дар хоб буд.

3. Ниёз қаблан дар чунин ҳоле наяфтода буд.

4. Кампирак боҳавсала номаҳоро як-як таҳ карда, дар сандуқ мемонад.

5. Шаҳрвандон ҳама пасрӯ ҳаракат мекарданд.

6. Модар дарро оҳиста ва бесадо мекушояд, модар чун фариштаи Осмон сабук ва беовоз роҳ мегардад.

*Сотим Улугзода*

## ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ

Ҳар як одам мехоҳад, ки тансиҳат бошад. Солим будани ҳар як шахс дар дасти худи ӯст. Одамоне ҳастанд, ки қоидаҳои тарзи ҳаёти солимро медонанд, вале риоя намекунанд. Ба фикри шумо ин гуна одамон солим буда метавонанд? Ҳамон одаме солиму боқувват буда метавонад, ки агар ба қоидаҳои тарзи ҳаёти солим риоя кунад. Мехоҳед, мо якҷоя бо ин қоидаҳо шинос шавем?

**1. Риояи тозагӣ.** Ҳар як одам бояд бадан, либос ва ҷойи истиқомати худро тоза нигоҳ дорад. Баданро ҳар саҳар ва бегоҳ шӯяд. Пойафзолу либосро тоза карда истад. Ҳеҷ гоҳ чизҳои нодаркорро ба замин напартояд. Фаромӯш набояд кард, ки «Тозагӣ гарави саломатӣ аст».

**2. Истеъмоли ғизои тоза.** Истеъмоли ғизои тоза шарти асосии тарзи ҳаёти солим аст. Ғизо бояд гуногун ва аз меваю сабзавот иборат бошад. Таомро саросема нашуда, дар вақти муайян хӯрдан фоида дорад.

**3. Меҳнат ва истироҳат.** Ҳар як шахс бояд реҷаи муайяни кор ва истироҳат дошта бошад. Таҳсил дар мактаб ва иҷрои вазифаи хонагӣ меҳнат талаб мекунад. Бинобар ин зарур аст, ки меҳнат ва истироҳатро ба низом дарорем. Вақтҳои холии худро мо метавонем ба сайругашт дар ҳавои тоза, бозиҳои гуногун ва хондани китоб гузаронем. Ба варзиш машғул шудан низ яке аз қоидаҳои асосии тарзи ҳаёти солим ба шумор меравад. Ба футбол ва дигар бозиҳои серҳаракат машғул шудан манфиатнок аст.

Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед, ас аз он ибораи «ҳаёти солим»-ро шарҳ диҳед.

Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Кадом қоидаҳои тарзи ҳаёти солимро медонед?
2. Шумо кадоме аз ин қоидаҳоро дар ҳаёт риоя мекунед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МАТНҲО БАРОИ ИНКИШОФИ НУТҚИ ШИФОҲӢ ВА ХАТТӢ

## ВАРЗИШИ СУННАТӢ ВА БОЗИҲОИ ШАВҚОВАР

### СУРСУРАКОН (пешкунакон)

Яке аз бозиҳои анъанавии маъмулу машҳури бачагони тоҷик, ки бештар дар фаслҳои гарми сол дар майдончаву боғча, баъзан дар кӯчаҳо барпо мегардад. Як нафарро барои сур кардан интихоб менамоянд. Агар ӯ дар вақти сур кардан якеро ба даст гирад, он бозигар навбати суркуниро мегирад. Бозии Сурсурахон вобаста ба маҳаллу минтақаҳо навъҳо ва унсурҳои гуногун дорад. Баъзан бачаҳо дарахт, симчӯб, дарвоза, ё ягон ҷисми дигарро пайка (пайгаҳ) қарор медиҳанд ва шахси суркунанда вазифадор мешавад, ки онро посбонӣ кунад.

### РУСТШАВАКОН (рустшавонак, туктукбозӣ, бачҷошавак)

Бачаҳо аз байни худ як нафарро барои чашмбандӣ интихоб мекунанд. Шахси интихобшуда рӯй ба девор ё дарахте карда, чашмонашро бо дастонаш пӯшонида, то адади муайян мешуморад ва мепурсад: «ҳуп, тут пухт, ҷав расид?». Дигарон зуд ба ҷойҳои назарнорас пинҳон мешаванд. Писарбачаи ҷӯянда чашмонашро боз карда мегӯяд: «Рафтам ба кофтан, илоҷи ёфтан» ва ба ҷустуҷӯйи бозигарони пинҳоншуда меравад. Ҷӯянда ҳар киро, ки дар аввал пайдо кард, дар пайи навбатӣ ҳамон кас чашмашро мебандад.

### ЗУВ–ЗУВАКОН

Як навъ бозии анъанавӣ, ки бачаҳо барои озмоиши дарозии нафас барпо мекунанд. Барои мусобиқа ҷойи муайянеро ҳамчун марраи интиҳоӣ қарор медиҳанд. Сипас бозигарон баробар истода, чуқур нафас гирифта, «зувв» гӯён ба пеш метозанд. Касе, ки дуртар равад, яъне нафасаш ба масофаи дарозтар расад, ғолиб шуморида мешавад.

### БАЙТБАРАК

Бозӣ ё мусобиқаи шеърдонист, ки байни наврасону ҷавонон ва шеърдӯстон баргузор мегардад. Яке аз ҳозирин байте ё пораи шеъреро қироат мекунад. Ҳарифи ӯ ҷавобан ба матни ӯ байте мехонад, ки ҳарфи аввали он ба ҳарфи охирини шеъри ҳарифаш якхела мебошад. Боз бозигари якум дар ҷавоб ба байти шахси ду-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

вум байтеро мехонад. Ҳамин тавр, бозӣ давом ёфта, касе ғолиб меояд, ки шеъраш бечавоб монад.

### САҚОБОЗӢ (сақачабозӣ, сакабехт)

Сақобозӣ дар фаслҳои тобистону тирамоҳ бо буҷул, чормағз ва сангҳои гирду ҳамвор бозида мешавад. Бозигарон дар замин як хат кашида, ҳар кадоми иштирокчиён яктогӣ буҷул дар пиллаҷо – болои хат мегузоранд. Сипас бо навбат аз масофаи муайян бо буҷули калонтар буҷулҳои қатор чидашударо ба нишон гирифта, мезананд. Агар буҷули калон ба дигар буҷулҳо расида, онҳоро ба масофаи чор қадам аз пиллаҷо берун кунад, бозигари нишонзан буҷулҳои дурафтодаро гирифта, аз они худ мекунад.

### НАЙЗААНДОЗӢ (найзазанӣ, найзабозӣ)

Яке аз намудҳои ҳарбӣ ва варзиши бостонии тоҷикон. Найзаро дар гузашта ҳам пиёда ва ҳам савора ба кор мебурданд. Дарозии найза 1,5–2 м буда, онро аз шохҳои рост ва сахти дарахтон месохтанд ва ба нӯги он теғаи оҳанинро насб менамуданд. Найза инчунин яке аз олоти шикор ба шумор мерафт. Маҳорати баланди паҳлавони найзаандоз дар он зоҳир мешуд, ки ҷонварро дар шикор ва ё душманро дар майдони ҷанг бо як зарба афканад. Баъзе найзаандозони моҳир найзаро аз масофаи 60 м ба нишон мерасониданд. Найзаро инчунин савори асп, дар рӯйи он хаму рост шуда, лаъбу ҳунарҳо намуда, ҳаво медоданд. Найзабозӣ яке аз намудҳои мусобиқаи варзишӣ дар ҷашнҳои арӯсӣ, хатнасур ва иди Наврӯз буд.

### БАНДКАШӢ

Яке аз бозиҳои варзишии бачагонаи тоҷик, ки маъмулан дар ҷашни Наврӯз ва иду маъракаҳои мардумӣ барпо мешавад. Мусобиқаи бандкашӣ дар майдончаи ҳамвор ташкил шуда, барои он арғамчини ғафси дарозиаш 8–10 метр истифода мешавад. Иштирокчиён 4–6 нафарӣ ба ду даста ҷудо шуда, аз ду тарафи хат дар майдон ҷойгир мешаванд. Кадом дастае, ки ҳарифонро кашида аз хат гузаронад, ғолиб дониста мешавад.

### АРҒУНЧАК (албонҷ, бод, бодпеч, ҳой, ҳайбод, ҳойбозӣ, ҳаючак, ҳулчак, вулчак)

Як навъ бозии анъанавии духтарон, ки бештар дар баҳору тобистон, махсусан, дар ҷашни Наврӯз, бозида мешавад. Арғунчак



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

аз арғамчине, ки ду нӯки он ба шохи дарахт ё ба болочӯбе баста шудааст ва нишастгоҳ иборат мебошад. Духтарон бо навбат ба арғунчак нишаста, дар ҳаво ба пешу қафо алвонҷ мехӯранд.

## ГУЛ ЧӢ РАНГ?

Як навъ бозии анъанавии бачагон, ки одатан дар фасли тирамоҳ барпо мешавад. Бачаҳо ба ду гурӯҳ тақсим шуда, каме дуртар аз ҳамдигар дар замин менишинанд. Ҳар гурӯҳ сардори худро дорад. Сардорҳо берун аз гурӯҳ номи ягон гулро муаммо қарор медиҳанд. Сипас яке аз сардорҳо ба назди гурӯҳаш омада чӣ гул будани онро мепурсад. Бачаҳо кӯшиш мекунанд, ки номи гулро пайдо кунанд. Агар онро ёфта натавонистанд, он гоҳ навбат ба гурӯҳи дигар мегузарад.

*Аз «Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик»*

## САДОҚАТ



Мардеро ғуломе буд Луқмон ном. Луқмон ғуломе буд доно, бовафо, меҳрубон, хайрхоҳ ва хулоса ҳама хубиҳоро дар худ дошт ва аз ин рӯ назди арбоб бисёр азиз буд. Арбобаш ӯро ҳатто бар фарзандонаш муқаддам медошт. Ишқи арбоб ба Луқмон он андоза буд, ки ҷуз он ғизое, ки Луқмон аз он хӯрда буд, намехӯрд.

Рӯзе барои арбоби Луқмон харбуза ба армуғон оварда буданд. Фарзандашро гуфт, то Луқмонро фарёд созад. Харбузаро пора кард ва як қоч ба Луқмон дод. Луқмон онро чунон ба ҳавас хӯрд гӯё, ки асал бошад. Арбоб, ки дид Луқмон харбузаро бисёр дӯст дошт, қочи дуввуму севвумро ба ӯ дод, то ба ҳафтдаҳ расид. Танҳо як қоч боқӣ монд. Арбоб хост онро бихӯрад, то бидонад он харбуза чӣ қадар ширин аст, ки Луқмон онро чунин ба иштиҳо мехӯрад, аммо харбуза на танҳо ширин набуд, балки чунон талх буд, ки забони арбоб обила зад ва ҳалқаш сӯхт. Дақиқае гузашт ва ҳоли арбоб беҳтар шуд.

Пурсид:

– Луқмон! Чӣ гуна ту заҳри талхро чунин бо иштиҳо хӯрдӣ ва ҳам ба абрӯ наёвардӣ. Магар ту душмани ҷони худ ҳастӣ?

Луқмон гуфт:

– Ман аз дасти ту шириниҳо чашидаам ва неъматҳо гирифтаам, шарм кардам талхии ин якеро ба рӯят биёварам. Ин носипосӣ аст, ки ҳазор-ҳазор хубӣ бубинам ва ҳангоми як нохушӣ фиғон



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

бароварам. Дар воқеъ, дасти ширинбахши ту талхӣ дар ин харбуза боқӣ нагузошт.

Мантиқ: Муҳаббат кимиёест, ки ҳар талхиро ширин мекунад, дардро шифо медиҳад ва мурдаро зинда месозад.

*Мазмун аз «Маснавии маънавӣ»*

## АЗ ОДАТҲОИ БАД ДАСТ КАШИДАН




Одатҳои бад ин носкашӣ, сигоркашӣ, майнӯшӣ ва нашъамандӣ мебошанд.

Нос ва сигор ба саломатӣ ниҳоят зарар доранд. Чунки дар таркиби онҳо чандин намуди моддаҳои заҳрнок мавҷуданд. Аз даҳони одамони носу сигоркаш бӯйи бад меояд. Шуш ва меъдаи ин гуна одамон ба бемори гирифтор мешавад. Онҳо аз кори ҷисмонӣ зуд хаста мегарданд. Истифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ва нашъамандӣ барои инсон одати аз ҳама хатарнок мебошад. Аз таъсири нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи нашъаовар, пеш аз ҳама, мағзи сари одам зарар мебинад. Шахсоне, ки муддати дароз аз онҳо истифода мебаранд, ба бемории майзадагӣ ва нашъамандӣ гирифтор мешаванд.

Одамони гирифтори одатҳои бад на танҳо худашон, балки атрофиёнро ҳам нороҳат мекунанд. Ин одамон беобрӯ шуда, оқибат ба ҷиноят даст мезананд. Чуноне ки мегӯянд: «Мастӣ ба пастӣ мебарад». Аз одамоне, ки одатҳои бад доранд, дурӣ ҷӯед ва бо онҳо дӯстӣ накунед!

## ЧАҲОР БАРОДАРИ НАКӮКОР

Чаҳор фасли сол, чаҳор нерӯи бузурги мӯъҷизакор, чаҳор бародари тавонову накӯкор аст, ки аҳли башарро ризқу хушрӯзиҳо мебахшанд, замину замонро ободу амон медоранд.

Аз баҳор ёд мекунем, ки бедории табиат, эҳёи арзу само ибтидои гирудорҳои деҳқон ба хотири фардост. Баҳор эъҷозгар аст, дашту даманро сабзҷома ва ҳарирру пургулу мунаққаш мепӯшонад. Боғистонҳоро чанбари гул ба сар медиҳад, мурғони хушилҳонро ба наво меорад, дилҳоро фараҳу нузҳат мебахшад...

Тобистон фаро мерасад, ки авҷи кору ғайрат, фасли долу зарби амали деҳқон аст.

Тирамоҳи заррин фасли баракату заҳмати айёми лабрез кардани анборҳо, қадкашии кӯҳҳои «тиллои сафед», шаҳдрезии боғистонҳои мост. Деҳқон мехоҳад, ки хонадони мардум обод,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дастархонашон пури нон, лаболаб аз шаҳду шакар, рӯзгорашон хушу саодатманд бошад.

Зимистон сафедпӯш омада давр меронад. Дашту биёбон, боғоту марғзорон, киштзорони се фасл заҳматкашида зери кӯрпаи барф фароғат доранд. Деҳқон ором нест, дар андешаи фардост.

## КОР БО ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ

Зарбулмасал ва мақолҳои зеринро хонед ва маънидод кунед.

1. Аз худ нарав, ки ёронат аз ту мераванд.
2. Аробаи холӣ садо надорад.
3. Худписанд писанди халқ набошад.
4. Ҳар ки бо дег ҳамнишин гардад, домони хеш сиёҳ кунад.
5. Харбуза аз харбуза ранг мегирад, ҳамсоя аз ҳамсоя панд.
6. Ҳамроҳи нағз мебарад ба роҳи нағз.

Зарбулмасалу мақолҳои зерин дар шакли пароканда дода шудаанд. Онҳоро ҷо ба ҷо карда нависед. Ба кадом мавзӯъ бахшида шудани онҳоро аниқ созед ва шарҳ диҳед.

1. Айб нест, дар ҷавонӣ, орзу кардан.
2. Сӯхта, ба болои, намакоб.
3. Мераваду, захми табар, захми забон не.
4. Дар як ҷо, месабзад, ниҳол.
5. Беҳтар аст, аз гови шохзан, оғили холӣ.
6. Аз одами, ҳама безор, мардумозор.

Зарбулмасалу мақолҳоро бо истифода аз ифодаҳои додашуда пурра кунед ва нависед. Сипас ҳар як кадоми онро шарҳ диҳед. Кадом махсусиятҳои зарбулмасалу мақолҳоро медонед? Номбар кунед.

1. Захми табар мераваду… .
2. Пур дону… .
3. Роҳи рострав… .
4. Сад задани сӯзангар, … .
5. ... дар як ҷо сабз мешавад.
6. … иззат надорад.
7. …. миён мешиканад.
8. …. ба манзил намерасад.

**Калимаҳо барои истифода:** ниҳол, бори каҷ, зӯри беҳуда, захми забон не, меҳмони нохонда, як задани оҳангар, кам гӯй; гарчи дур аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Таваккал Чориев, Гулноза Адашуллоева.
Ч 78 **Забони тоҷикӣ,** синфи 7 [Матн]: китоби дарсӣ / Т.Р. Чориев, Г.М. Адашуллоева. – Тошканд: Маркази таълими Республика, 2022. – 224 саҳ.

ISBN 978-9943-8373-6-2

**УЎК 811.222.8(075.3)**
**КБК 81.2(5Тож)я72**

O‘quv nashri

# ONA TILI

*Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining*
*7-sinfi uchun darslik*
*(Tojik tilida)*

Муҳаррир *Ҷумъаназар Эшонқулов*
Рассом *Тоҳир Турғунбоев, Бахриёр Ураков*
Рассом-дизайнер *Шамсуддин Ходжаев*
Муҳаррири техникӣ *Лина Хижова*
Муҳаррири хурд *Матлуба Салимова*
Мусаҳҳеҳ *Рӯзиқул Ҷумаев*
Саҳифабанди компютерӣ *Нодира Аҳмедова*

Ба чопаш 26-уми августи соли 2022 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{8}$. Чопи офсетӣ. Гарнитураи «Arial Tj».
Бо усули офсет дар коғази офсет
чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 26,04.
Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 22,83.
Адади нашр 8343 нусха. Супориши № 2941.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ҷадвали нишондоди ҳолати китоби дарсии ба иҷорадиҳанда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

**Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора додан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи роҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин пур карда мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова даридааст ва ба рӯйҳояш хат кашида шудааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст. Китобро барқарор карда намешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE